Таҳким бахшидани иқтидори илмии кишвар, ҷорӣ кардани ихтироот дар истеҳсолот, устувор гардонидани пояҳои моддиву техникии муассисаҳои таълимӣ, баланд бардоштани сифати таълим дар ҳамаи зинаҳои таҳсилот, ҷалби боз ҳам васеи истеъдодҳои ҷавон ба омӯзиши технологияҳои муосир ва корҳои эҷодиву техникӣ вазифаи муҳимтарини соҳаҳои илму маориф мебошад.

Эмомалӣ РАҲМОН

# МАҶАЛЛАИ ИЛМӢ, МАЪРИФАТӢ ВА ТАЪЛИМИЮ МЕТОДИИ ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН


## ҲАЙАТИ МУШОВАРА:

**Раҳим САИДЗОДА**-вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон
**Абдулло РАҲМОНЗОДА**-ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои рушди иҷтимоӣ ва робита бо ҷомеа
**Ҳомид ҲОШИМЗОДА**-муовини якуми вазири маориф ва илм
**Равшан КАРИМЗОДА**-муовини вазири маориф ва илм
**Лутфия АБДУЛХОЛИҚЗОДА**-муовини вазири маориф ва илм
**Муҳаммадтоир САИДЗОДА**-директори Агентии назорат дар соҳаи маориф ва илми назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон
**Фарҳод РАҲИМӢ**-раиси Кумита оид ба таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон
**Қобилҷон ХУШВАХТЗОДА**-президенти АМИТ
**Аҳлиддин ИБОДУЛЛОЗОДА**-ректори Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ
**Зулхия НОЗАКЗОДА**-раиси Иттифоқи касабаи кормандони маориф ва илм
**Бахром ИСМОИЛЗОДА**-сардори Сарраёсати маорифи шаҳри Душанбе
**Зиёдулло АБДУЛЗОДА**-сардори раёсати маорифи вилояти Хатлон
**Аминҷон МИРЗОҚАНДОВ**-сардори раёсати маорифи ВМКБ
**Шавкат КАРИМЗОДА**-директори Маркази ҷумҳуриявии таълимию методии назди ВМИ ҶТ

## САРМУҲАРРИР
**НУРАЛИЗОДА НОИЛШОҲ ИМОМАЛӢ**

## ҶОНИШИНИ САРМУҲАРРИР
**Дилором ЗАБИРОВА**

## ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ:

**Муҳаммад ЛУТФУЛЛОЗОДА**-узви пайвастаи АТТ, доктори илмҳои педагогӣ

**Шамсуллоҳ ИСЛОМОВ**-номзади илмҳои педагогӣ

**Саида НАБИЗОДА**-муҳаррири бахши мактабшиносӣ

**Шодӣ РАҶАБЗОД**-муҳаррири бахши филологӣ

**Мамадҷон МАҲКАМОВ**-номзади илмҳои педагогӣ, муҳаррири бахши фанҳои табиӣ-риёзӣ

## МУҲАРРИРИ ТЕХНИКӢ:
Шаҳнозаи МИРЗО



**Маорифи Тоҷикистон**

**Нишонӣ:** 734024, ш.Душанбе, Айнӣ-126

**Телефон:** +992-37-225-82-23

**E-mail:** majallai-maorif@maorif.tj

**Индекс:** 77500. Маҷаллаи аз 24.02.2025 таҳти №399/ МҶ-97 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нав номнавис шудааст.

Маҷалла аз соли 1991 нашр мешавад.

Дар ҶДММ «Мега-принт» ба табъ расид. Андозаи 60x84 1/8. Адади нашр 6560 нусха.

**СУРАТҲИСОБИ МАҶАЛЛА ДХ БДА «АМОНАТБОНК»**

С/Ҳ: 20202972900816101000
Ҳ/К: 20402972316264
БИК: 350101626
РМА: 010009508

**№11**

**№11 (247), 2025**

# М У Н Д А Р И Ч А


**РОҲНАМО**

**Дар ҳифзи меъёрҳои Конститутсия, Истиқлолу озодӣ ва сулҳу субот ҳамеша саъю талош намоем** *(Паёми шодбошии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба муносибати Рӯзи Конститутсия)*............3

**Парчами давлатӣ – таҷассуми таърихи пурифтихор, фарҳанги бостонӣ ва ормони ниёгон** *(Паёми шодбошии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба муносибати Рӯзи парчами давлатӣ)*............5

**БА ИСТИҚБОЛИ 35-СОЛАГИИ ИСТИҚЛОЛИ ДАВЛАТӢ**

Н. НУРАЛИЗОДА. Нақши Паёмҳои Пешвои миллат дар ташаккули сиёсати давлатӣ дар соҳаи маориф ва илм (2000-2025)............7

**16 НОЯБР – РӮЗИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

Д. САФАРЗОДА. Нақши Пешвои миллат дар бунёди низоми муосири идоракунии давлатӣ...16

**АҶАМ ЗИНДА КАРДАМ БАД-ИН ПОРСӢ**

М. САЛОМИЁН. «Шоҳнома» – номаи ёдгор аз ниёгон............19

**6 НОЯБР – РӮЗИ КОНСТИТУТСИЯ**

К. НАСРУЛЛО. Ватани Сарқонун............24

**ИСТИҚБОЛ**

Ҳ. ҒОИБ. Нишони давлатӣ............25

**ДАР ҲОШИЯИ ПАЁМ**

А. ХОЛОВА. Мақоми маориф ва нақши бонувон дар пешрафти ҷомеа............26

**СИЁСАТ ВА ЗАМОН**

У. ФАЙЗАЛӢ. Нақши васоити ахбори омма дар мубориза бо экстремизм ва терроризм..........28

**БА ИСТИҚБОЛИ 1045-СОЛАГИИ ҲАКИМ АБУАЛӢ ИБНИ СИНО**

А. ШАРИФЗОДА, А. АМИНОВ. Саҳми Абуалӣ ибни Сино дар рушди илмҳои табиӣ ва риёзӣ............31

**ИСЛОҲОТ**

Ш. РУСТАМШОЗОДА. Китобҳои насли нав: китоби забон бенуқсон бошад!............35

**АКСИ САДО**

С. НАБИЗОДА, Д. АБДУЛЛОЕВА. Китоби забон бенуқсон мешавад, агар... ............37

**БИСТСОЛАИ ОМӮЗИШ**

Н. ҚОДИРОВ. СТЕМ: ҳадаф баланд бардоштани сифати таҳсилот............41

**АЛГЕБРА**

Р. БУРҲОНОВА. Графики функсияи модулдошта............44

**ГЕОГРАФИЯ**

Ш. АКОБИРОВ. Истифодаи технологияҳои муосири педагогӣ дар таълими география..........47

**ХИМИЯ**

С. РАБИЕВ. Тартиб додани формулаҳои кислотаҳо, намакҳо ва номгузории онҳо............51

**ҲУНАР ОМӮЗ...**

С. САИДҲОМИДОВ, М. МИРМАСТОВА. Омӯзгори хушзавқу мутриби чирадаст............55

**САНАД**

Низомномаи намунавии марказ (гурӯҳ)-и инкишофи барвақтии кӯдак дар Ҷумҳурии Тоҷикистон............59

**САЙҚАЛИ ЗЕҲН**

Ҳ. ҲОМИДОВ. Муаммои «Офарин»............64

# ДАР ҲИФЗИ МЕЪЁРҲОИ КОНСТИТУТСИЯ, ИСТИҚЛОЛУ ОЗОДӢ ВА СУЛҲУ СУБОТ ҲАМЕША САЪЮ ТАЛОШ НАМОЕМ

*Паёми шодбошии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба муносибати Рӯзи Конститутсия*

*06.11.2025, шаҳри Душанбе*




**Ҳамватанони азиз!**

Ҳамаи шуморо ба ифтихори Рӯзи Конститутсияи Тоҷикистони соҳибистиқлол самимона табрик мегӯям.

Шашуми ноябри соли 1994 мардуми шарафманди Тоҷикистон бо дарки масъулияти бузурги таърихӣ ва бо роҳи раъйдиҳии умумихалқӣ аввалин Конститутсияи давлати соҳибихтиёри худро қабул карданд, ки имрӯз ба ин санаи воқеан таърихӣ 31 сол пур мешавад. Қабули ин санади олӣ дастоварди бузургу тақдирсоз дар таърихи навини мардуми кишварамон ба ҳисоб меравад.

Халқи Тоҷикистон бо қабули ин санадояндаи худро интихоб кард, ки он барпо кардани давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва иҷтимоӣ мебошад. Бо интихоби ин роҳ мардуми Тоҷикистон бо ҷомеаи мутамаддини ҷаҳон пайвастанд ва бароиояндаи дурахшони худ таҳкурсии устувор гузоштанд. Конститутсия соҳибистиқлолии халқи моро ба расмият даровард, асосҳои бунёдии ҷомеа ва давлати навини тоҷиконро муайян намуд.

Дар Конститутсия таъмин намудани истиқлолу озодӣ, соҳибихтиёрӣ ва тамомияти арзии кишвар вазифаи асосии давлат муқаррар гардид. Дар ин санади бунёдӣ, ҳамчунин, мақсаду

вазифаҳо, асосҳои иқтисодиву иҷтимоӣ ва сиёсиву фарҳангии кишвар, ташкил ва фаъолияти рукнҳои давлатдорӣ муайян гардиданд.

Тибқи Конститутсия, давлати соҳибистиқлоли мо хусусияти иҷтимоӣ дорад ва мақсади он фароҳам овардани шароити зиндагии арзанда ва инкишофи озодона барои ҳар як инсон мебошад. Маҳз ба шарофати Конститутсия ва амалӣ шудани меъёрҳои он дар мамлакат фазои орому осуда, волоияти қонун ва тартиботи ҷамъиятӣ таъмин шуда, барои рушди бонизом ва устувори иқтисодиву иҷтимоии ҷомеа шароити мусоид муҳайё гардид. Дар фазои сулҳу оромӣ, суботи сиёсӣ, ваҳдати миллӣ, қонунияту тартибот, инчунин, қабул ва амалӣ намудани консепсияҳо ва стратегияву барномаҳои давлатӣ мо дар соҳаҳои иқтисодиву иҷтимоӣ, ҳуқуқиву сиёсӣ ва фарҳангӣ ба дастовардҳои муҳимму арзишманди таърихӣ ноил гардидем.

Тоҷикистони мо, тибқи Конститутсия, узви комилҳуқуқи ҷомеаи ҷаҳон ва тамоми созмонҳои бонуфузи байналмилалӣ буда, имрӯз бо ташаббусҳои созандаи худ дар ҳалли масъалаву мушкилоти глобалии сайёра нақши назаррас мегузорад. Бахусус, ташаббусҳои байналмилалии Тоҷикистон дар соҳаи амният, обу энергетика, муҳити зист ва нақши зеҳни сунъӣ дар фароҳам овардани имконоти навин барои рушди устувор ва рафъи дигар мушкилоти ҷаҳониву минтақавӣ аз ҷониби ҷомеаи башарӣ дастгирӣ ёфтаанд.

Дар робита ба ин, мехоҳам як масъалаи муҳимро бори дигар ба мардуми шарифи Тоҷикистон хотирнишон намоям: ба ҳамаи мо зарур аст, ки ба хотири ҳифзи меъёрҳои Конститутсия, истиқлолу озодӣ ва сулҳу субот дар кишварамон ҳамеша саъю талош намоем, ҳисси баланди миллӣ дошта бошем, ба қадри неъмати бузурги зиндагиамон – озодиву истиқлол расем ва тамоми имконияту неруи худро барои рушди давлати соҳибихтиёрамон ва ободии Ватани маҳбубамон сафарбар созем.

Дар ин раванд, ҳар як фарди ҷомеа вазифадор аст, ки ба Конститутсия ҳамчун бахтнома, санади олии сиёсиву ҳуқуқӣ, иқтисодиву иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва ҳуҷҷати муайянкунандаи имрӯзу ояндаи ҷомеа ва давлат муносибат намояд, ба он эҳтиром гузорад ва моҳияту аҳаммияти онро ба фарзандони худ ҳанӯз аз хурдсолӣ фаҳмонад. Вазифаи муқаддаси ҳар як узви ҷомеа аз он иборат аст, ки меъёрҳои Конститутсияро аз худ намояд ва дар асоси ин санади муқаддаси миллат дар ҷодаи роҳи ноил шудан ба ҳадафҳои олии давлати озоду соҳибистиқлоли хеш боз ҳам бештар кӯшиш намояд.

Мо вазифадорем, ки бо заҳмати аҳлонаву содиқона, муттаҳидиву сарҷамъӣ, риояву иҷрои Конститутсия ва қонунҳо зиндагии шоистаи худ ва фарзандонамонро таъмин карда, ба наслҳои оянда як мулки орому осуда ва давлату ҷомеаи пешрафтаро мерос гузорем.

Бори дигар тамоми ҳамватанони азизро ба ифтихори Рӯзи Конститутсия табрик гуфта, ба хонадони ҳар яки онҳо сулҳу оромӣ, иқболи нек ва ба Тоҷикистони маҳбубамон устувории сиёсиву иқтисодӣ ва пешрафту комёбиҳои рӯзафзун орзу менамоям.

**Рӯзи Конститутсияи Тоҷикистон муборак бошад, ҳамватанони азиз!**

***President.tj***

Шукӯҳу манзалату шаъну эҳтиром муборак,
Намоди тантанаи давлату низом муборак,
Набарди ҳиммату пирӯзии мудом муборак,
Бузургии назару вусъати калом муборак,
Барои миллати соҳибватан Паём муборак!

**Абдуллоҳи Раҳнамо**

# ПАРЧАМИ ДАВЛАТӢ – ТАҶАССУМИ ТАЪРИХИ ПУРИФТИХОР, ФАРҲАНГИ БОСТОНӢ ВА ОРМОНИ НИЁГОН

*Паёми шодбошии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба муносибати Рӯзи парчами давлатӣ*

*24.11.2025, шаҳри Душанбе*



**Ҳамватанони азиз!**

Ҳамаи шуморо ба ифтихори Рӯзи парчами давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон – рамзи соҳибистиқлоливу соҳибихтиёрӣ ва шарафу ифтихори миллӣ самимона табрик мегӯям.

Парчами давлатӣ барои ҳар як миллати соҳибтамаддун рамзи истиқлоли давлатӣ, ифтихори ватандорӣ, ҳувияти миллӣ, озодихоҳӣ ва азму иродаи қавии мардум мебошад. Ҳамчунин, парчами давлатӣ нишонаи ваҳдату ҳамдигарфаҳмӣ, иттиҳоду сарҷамъӣ ва талошу муборизаҳои миллат ба хотири истиқлолу озодӣ ба ҳисоб меравад. Барафрохтани парчами давлатӣ дар тамоми давру замонҳо бо эҳсоси худшиносӣ ва арҷ гузоштан ба ҳувияти миллӣ робитаи мустақим дорад.

Таърихи парчамдории мо – тоҷикон реша дар тамаддуни чандинҳазорсолаи миллат дорад. Дирафши Ковиёнӣ, ки рамзи давлатдории ориёӣ ва нишонаи иттиҳоду сарҷамъии мардуми куҳанбунёди мо ба ҳисоб рафта, дар тӯли асрҳо ҳамчун парчами нангу номуси ориёитаборон парафшонӣ кардааст, дар адабиёти оламшумули мо ҷойгоҳи хосса дорад.

Беҳтарин намунаи онро дар «Шоҳнома»-и безаволи Абулқосими Фирдавсӣ мебинем:

***Бизад бар сари хеш чун гирдмоҳ,***
***Яке фоли фаррух пай афканд шоҳ.***

*Фурӯ ҳишт з-ӯ сурху зарду бунафш,*
*Ҳаме хондаш «Ковиёнӣ дирафш».*

Фирдавсии бузург умеду орзу ва ормонҳои мардумро тавассути рангҳои парчам таҷассум карда, ба ин васила ҳамватанону ҳамзамонони худро барои ҳифзи сулҳу субот, марзу бум ва таъриху фарҳанги хеш ҳидоят намудааст. Имрӯз ин суннати деринаи миллӣ дар ҷилои рангҳои Парчами давлатии Тоҷикистони соҳибистиқлол идомаи шоистаи худро дарёфтааст. Яъне он садое аз таърихи гузаштаи миллати сарбаланди мо буда, ба ҳар шаҳрванд ёдовар мешавад, ки парчами давлатӣ рамзи истиқлол аст ва истиқлол натиҷаи муборизаву талошҳои наслҳои гуногуни миллати сарафрози тоҷик мебошад.

Бо қабули Парчами давлатӣ дар Иҷлосияи таърихии 16-уми Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки моҳи ноябри соли 1992 дар шаҳри бостонии Хуҷанд баргузор гардид, пояҳои давлатдории навини миллӣ гузошта шуданд.

Яъне, сию се сол инҷониб мардуми тоҷик зери ин парчами ваҳдатофар дар оромиву осоиш, амнияту субот умр ба сар мебаранд ва кишвари худро бо иттиҳоду сарҷамъӣ ободу зебо гардонида, дар арсаи олам машҳур карда истодаанд.

Имрӯз Парчами давлатии Тоҷикистон дар тамоми гӯшаҳои дунё муаррифгари кишвари озоду ҳуқуқбунёди мо мебошад. Он чун нишони давлати соҳибистиқлол дар созмонҳои бонуфузи байналмилалӣ, сафоратхонаҳо, чорабиниҳои сиёсиву фарҳангӣ, олимпиадаҳо ва дигар мусобиқаҳои бузурги байналмилалӣ парафшон мегардад. Ҳар вақте ки варзишгарони тоҷик ба майдон мебароянд, онҳо на танҳо номи шахсии худ, балки номи Тоҷикистони азизро муаррифӣ менамоянд. Ҳар пирӯзӣ ва ба ифтихори он баланд шудани парчами давлативу садо додани Суруди миллӣ ва шодии ҳазорон варзишдӯсти кишвар ин арзиши миллиро боз ҳам азизу муътабар мегардонад. Ин, бешубҳа, намунаи равшани ватандӯстӣ ва садоқат ба арзишҳои миллӣ буда, ҳисси ифтихори миллиро дар дили ҳар як шаҳрванди Тоҷикистон бедор месозад.

Парчами давлатӣ моро ҳамеша ба созандагиву ободкорӣ, заҳматдӯстӣ, худшиносиву худогоҳӣ ва ҳифзи дастовардҳои истиқлол раҳнамоӣ мекунад.

Аз ин рӯ, зарур аст, ки ҳар яки мо эҳтироми парчами давлатиро ба фарзандони хеш ҳамчун нишони муқаддаси Ватан, рамзи соҳибдавлатӣ ва соҳибихтиёрии миллӣ талқин созем, зеро муҳаббату садоқат ба он таҷассумгари ҳақиқии эътиқоду имон ба миллат, давлат, сарзамин, тамаддуну фарҳанг ва арзишҳои миллии мардуми куҳанбунёди тоҷик мебошад.

Наслҳои наврас бояд ҳамеша дар хотир дошта бошанд, ки парчами давлатӣ таҷассуми таърихи пурифтихор, фарҳанги бостонӣ ва ормони ниёгони мо буда, гиромидошт ва парафшон нигоҳ доштани он вазифаи виҷдонии ҳар як шаҳрванди худшинос ба ҳисоб меравад. Ҳар як шаҳрванди кишвар вазифадор аст, ки ба ин рамзи муқаддаси миллӣ эҳтиром гузорад, барои боло рафтани нуфузи Тоҷикистон дар ҷаҳон саҳми худро гузорад ва ҳаргиз фаромӯш накунад, ки парчам рамзи номус ва шарафи миллат аст.

Мо бояд таҳти ин парчами муқаддас, ки рамзи иттиҳоду сарҷамъии миллӣ аст, барои ободии Тоҷикистони азиз бо масъулияти баланд заҳмат кашем ва 35-солагии Истиқлоли давлатиро бо дастовардҳои назаррас истиқбол намоем. Бори дигар Рӯзи парчами давлатиро ба кулли ҳамватанони азиз табрик гуфта, ба ҳар як хонадони кишвар оромиву осоиш ва иқболи нек орзу менамоям.

**Рӯзи Парчами давлатӣ муборак бошад, ҳамватанони азиз!**

***President.tj***

Қиёми лолаи парчам ба авҷи бом муборак,
Нишони зарҳали ин тоҷи нуқрафом муборак,
Суботу ваҳдату осудагии ом муборак,
Сапедаи саҳару рӯшании шом муборак,
Барои миллати соҳибватан Паём муборак!

**Абдуллоҳи Раҳнамо**

# НАҚШИ ПАЁМҲОИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ ДАР ТАШАККУЛИ СИЁСАТИ ДАВЛАТӢ ДАР СОҲАИ МАОРИФ ВА ИЛМ (2000-2025)

*(Идома аз шумораи гузашта)*



**Ноилшоҳ НУРАЛИЗОДА – номзади илмҳои филологӣ**



Дар шароити ҷаҳонишавии иттилоот ва рушди босуръати технологияҳои рақамӣ, истифодаи васеи технологияҳои компютерӣ ба яке аз омилҳои муҳимми рушди низоми маориф ва баланд бардоштани сифати таҳсилот табдил ёфтааст. Дар ин замина, сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон пайваста ба рақамикунонии муҳити таълимӣ нигаронида шуда, технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ (ТИК) ҳамчун ҷузъи ҷудонопазири низоми таҳсилот эътироф гардидаанд. Тавре Роҳбари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид мекунанд: **«Вақте мо дар бораи тарбияи наслҳои нав – ояндаи миллат сухан меронем, фаромӯш набояд кунем, ки онҳо бояд дар мактабҳое, ки бо таҷҳизоти замонавӣ, аз ҷумла, компютер муҷаҳҳазанд, таҳсил намоянд. Устодони хуб таълимгирифта, китобҳои дарсии ба шароити истиқлолият ва мушаххасоти миллӣ ҷавобгӯ дошта бошанд. Зиндагии оянда аз наслҳои нав саводу маърифати баланд, ҷаҳонбинии васеъ, дониши амиқ, донистани техникаву технологияи навтарин ва забондониро ба таври қатъӣ талаб мекунад»** [4].

Бо дарки аҳаммияти истифодаи технологияи иттилоотӣ дар низоми таълим, Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ибтидои солҳои 2000-ум ба татбиқи барномаҳои компютеркунонӣ оғоз намуд. Дар ин самт, ду санади муҳим – Барномаи компютеркунонии мактабҳои таҳсилоти умумии асосӣ ва миёна барои солҳои 2003-2007 ва Барномаи компютеркунонии муассисаҳои таҳсилоти умумӣ барои солҳои 2008-2010 бо дастуру ҳидоятҳои Сарвари давлат таҳия ва амалӣ карда шуданд. Барномаҳои мазкур ҳадафҳои зайлро дар бар мегирифтанд:

- таъмини муассисаҳои таҳсилоти умумӣ бо компютерҳои муосир;
- таъсиси синфхонаҳои компютерӣ ва марказҳои ТИК дар минтақаҳои кишвар;
- ворид намудани омӯзиши фанни технологияҳои иттилоотӣ ба зинаҳои асосӣ ва миёнаи таҳсилот;
- омодасозии омӯзгорон барои истифодаи компютер ва шабакаҳо;
- пайвасти муассисаҳои таълимӣ ба шабакаи ҷаҳонии Интернет.

Дар давраи татбиқи марҳилаи аввал (2003-2007), омӯзиши фанни «Асосҳои техникаи компютерӣ ва технологияи информатсионӣ» дар муассисаҳои таълимӣ густариш ёфт. Барои нахустин бор дар кишвар китобҳои таълимӣ бо забони тоҷикӣ дар ин самт таҳия ва чоп

гардиданд: **«Дар муассисаҳои таълимӣ соатҳои таълими фанни асосҳои техникаи компютерӣ зиёд шуда, омӯзиши он аз синфи 7 то 11 ҷорӣ гардид. Дар ин муддат бо мақсади амалӣ шудани барномаи мазкур бори аввал дар кишвар бо забони тоҷикӣ китобҳои таълимии «Асосҳои техникаи компютерӣ ва технологияи информатсионӣ» чоп шуданд»** [30, с. 118-119]. Ҳамчунин, **«тибқи Барномаи компютеркунонии муассисаҳои таҳсилоти умумии мамлакат зиёда аз 3100 мактаб бо 25 ҳазор компютер таъмин гардид ва ба 675 ҳазор хонанда имконияти омӯзиши техникаи компютерӣ фароҳам оварда шуд. Дар доираи барномаи зикршуда компютеркунонии муассисаҳои таълимии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, ноҳияҳои водии Рашт баъзе шаҳру ноҳияҳои вилоятҳои Суғду Хатлон ва шаҳри Душанбе ба анҷом расид»** [15].

Барномаҳои компютеркунонии солҳои 2003-2010 дар таърихи сиёсати давлатӣ дар соҳаи маориф ҳамчун марҳилаи гузариш ба таҳсилоти рақамӣ ва иттилоотӣ мавқеи муҳимро ишғол мекунанд. Ин барномаҳо на танҳо инфрасохтори техникии муассисаҳои таълимиро такмил доданд, балки заминаи воқеӣ барои воридсозии технологияҳои иттилоотӣ ба равандҳои таълим ва тарбия муҳайё намуданд. Ҳамзамон, ин барномаҳо:

- ҷузъи ТИК-ро ба унсури ҳатмии низоми таълимӣ табдил доданд;
- малакаҳои техникии хонандагон ва омӯзгоронро дар самти истифодаи технологияҳои муосир такмил бахшиданд;
- заминаи ҳуқуқӣ ва методии татбиқи сиёсати давлатии ТИК-ро дар дигар соҳаҳо таҳким бахшиданд.

Дар солҳои минбаъда марҳалаҳои дигари барномаҳои компютеркунонии муассисаҳои таълимӣ идома ёфтанд. Дар маҷмуъ, барномаҳои компютеркунонии муассисаҳои таҳсилоти умумӣ дар давраи солҳои 2003-2010, ки бо ташаббус ва роҳбарии бевоситаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон амалӣ гардиданд, намунаи барҷастаи сиёсати оқилона ва дурбинона дар самти маориф ва илм маҳсуб мешаванд. Ин барномаҳо заминаи устувор барои гузариш ба таҳсилоти рақамӣ гузошта, рушди ҳаматарафаи муҳити таълимро таъмин намуданд ва ба вусъати маърифати техникӣ дар ҷомеа такон бахшиданд.

Иқдомҳои мазкур дар марҳалаҳои минбаъдаи рушди рақамикунонии соҳаи маориф, аз ҷумла, дар доираи Стратегияи миллии рушди маориф барои солҳои 2012-2020 ва Низоми таҳсилоти рақамӣ барои солҳои 2021-2025 идома ёфтанд ва барои таъмини рушди устувор ва мутобиқшавии низоми таҳсилот ба талаботи асри XXI мусоидат карданд.

Дар Паёмҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олӣ, махсусан, дар солҳои 2007-2010 борҳо таъкид шудааст, ки яке аз масъалаҳои муҳимми соҳаи маорифи кишвар бартараф сохтани мушкилоти марбут ба инфрасохтори муассисаҳои таҳсилоти умумӣ мебошад. Аз ҷумла, **«Ҳукумати мамлакат бо мақсади таълиму тарбияи насли бомаърифату соҳибҳунар, содиқ ба арзишҳои милливу фарҳангии гузаштагон ва мутобиқгардонии низоми таълим ба меъёрҳои байналмилалӣ, ислоҳоти соҳаи маорифро вусъат дода, онро марҳала ба марҳала татбиқ менамояд. Бо ин мақсад, соли гузашта Барномаи давлатии сохтмон ва таъмиру азнавсозии мактабҳо барои солҳои 2008-2015 қабул гардид, ки маблағи умумии он 590 миллион сомониро дарбар мегирад. Дар доираи барнома беш аз 800 мактаб дар саросари мамлакат бунёд ва таъмиру азнавсозӣ хоҳанд шуд»** [15].

Ҳадафи асосии барномаи мазкур аз бартараф намудани муассисаҳои таълимие иборат буд, ки дар биноҳои ғайримуносиб (аз қабили хонаҳои истиқоматии шахсӣ, вагонхонаҳо, биноҳои маъмурӣ ва ҷойҳои ҷамъиятӣ) ҷойгир шуда буданд. Ҳамчунин, барнома ба бунёди мактабҳои нав дар маҳалҳои сераҳолӣ ва фароҳамсозии муҳити мусоиди таълимӣ, мутобиқ ба талаботи санитарӣ ва педагогӣ равона шуда буд.

Барномаи давлатии сохтмон, таъмир ва азнавсозии мактабҳо барои солҳои 2008-2015, ки бо ибтикор ва роҳнамоии Пешвои миллат роҳандозӣ гардид, яке аз бузургтарин иқдомҳои инфрасохтории соҳаи маориф дар даврони истиқлол ба ҳисоб меравад. Барномаи мазкур на танҳо заминаи мусоидро барои татбиқи стандартҳои нави таҳсилот ва густариши ислоҳоти таълимӣ муҳайё намуд, балки ба беҳсозии сифати таҳсил ва фарогирии он мусоидат кард. Тибқи маълумоти оморӣ, **«Дар зарфи ду сол 113 муассисаи таълимӣ аз хонаҳои шахсӣ ва 78 мактаб аз вагонхонаҳо кӯчонида шуданд. Илова бар ин, 91 мактаби дар ҳолати садамавӣ**

**қарордошта пурра азнавсозӣ гардида, 85 муассиса аз таъмири асосӣ бароварда шуд»** [30, с. 127-128].

Дар давраи солҳои 2001-2010 дар самти бунёди муассисаҳои нави таълимӣ ва таҷдиду барқарорсозии биноҳои мактабӣ пешрафтҳои чашмрас ба амал омаданд, ки дар таҳкими пояҳои моддӣ-техникӣ ва тақвияти минбаъдаи ислоҳоти соҳа нақши муассир бозиданд. Аз ҷумла, дар ин давра садҳо мактаби нав сохта шуда, муассисаҳои мавҷуда таъмир ва бо таҷҳизоти зарурӣ таъмин гардиданд. **«Тавассути дастгирии Ҳукумати мамлакат бо истифода аз ҳамаи сарчашмаҳои инвеститсияи хориҷӣ 854 мактаб барои 189193 ҷойи нишаст сохта ба истифода дода шудааст»** [30, с.128].

Татбиқи барномаҳо ва тадбирҳои дар боло зикршуда бар пояи дастуру ҳидоятҳои Сарвари давлат амалӣ гардида, заминаи устувори инфрасохторӣ барои татбиқи стандартҳои таълимӣ ва баланд бардоштани сифати таҳсилро фароҳам овард. Илова бар ин, бо истифода аз имкониятҳои буҷети давлатӣ, барномаҳои сармоягузории давлатӣ ва кумаки шарикони рушд, равандҳои таъмиру таҷдид бо суръати баланд ба роҳ монда шуданд. Умуман, дар тӯли 20 соли соҳибистиқлолӣ **«бевосита тавассути дастгирӣ ва ғамхориҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар миқёси ҷумҳурӣ дар солҳои 1992-2010 зиёда аз 2000 бинои мактаб сохта ба истифода дода шудаанд. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки дар давраи Истиқлолияти ҷумҳурӣ сохтмони мактабҳо нисбат ба солҳои 80-уми асри гузашта 1,6 маротиба зиёд гардидааст»** [30, с.180-181].

Таҷрибаи солҳои зикршуда нишон медиҳад, ки бидуни фароҳам овардани шароити мусоиди моддӣ-техникӣ, татбиқи ислоҳоти амиқ дар соҳаи маориф ва баланд бардоштани сифати таҳсилот номумкин хоҳад буд.

Натиҷаҳои бадастомада дар самти сохтмон, азнавсозӣ ва таҷдиди муассисаҳои таълимӣ дар солҳои 2007-2010 аз татбиқи муваффақонаи сиёсати инфрасохтории соҳаи маориф шаҳодат медиҳанд. Барномаҳои марбут ба бунёди мактабҳои нав ва бартарафсозии муассисаҳои таълимии ғайримуносиб, ки бо ибтикори бевоситаи Роҳбари давлат роҳандозӣ гардиданд, дар таҳкими пояҳои моддӣ-техникии маориф ва амалӣ гардидани стандартҳои нави таълим нақши ҳалкунанда бозиданд. Таърих ва таҷриба собит месозад, ки рушди устувори соҳаи маориф ба сатҳи баланди банизомдарории инфрасохтории он сахт вобаста аст.

Аз соли 2005 то 2010 дар бахши иқтисодӣ ва молиявии соҳаи маориф ислоҳоти муҳимму назаррас амалӣ гардиданд. Яке аз самтҳои калидии ин ислоҳот, такмил ва таҳкими низоми маблағгузории соҳа мебошад, ки дар таъмини шаффофият, адолати иҷтимоӣ ва самаранокии хароҷоти буҷетӣ нақши муҳим дорад.

Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ ба Маҷлиси Олӣ иброз намуда буданд: **«Дар оянда наздик дар тамоми муассисаҳои таълимии кишвар ҷорӣ кардани тартиби нави маблағгузорӣ ва ҷиҳати дастгирии оилаҳои камбизоат ва ҳарчи бештар ба таълим фаро гирифтани фарзандони онҳо ҷорӣ намудани маблағгузории сарикасии хонандагон пешбинӣ гардида, ба рушди муассисаҳои таълимии ғайридавлатӣ низ афзалият дода хоҳад шуд»** [14].

Татбиқи модели маблағгузории сарикасӣ дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ яке аз дастовардҳои асосии соҳаи маориф дар замони истиқлол ба ҳисоб меравад. Низоми нав бо мақсади тақсимоти одилонаи маблағҳои буҷетӣ ва истифодаи ҳадафманди онҳо ҷорӣ гардида, заминаи васеъро барои таҳкими истиқлоли молиявии муассисаҳои таълимӣ фароҳам овард.

Марҳалаи таҷрибавии гузариш ба низоми сарикасӣ аз соли 2005 оғоз шуда, муассисаҳои таҳсилоти умумии шаҳрҳои Кӯлоб, Хуҷанд, Хоруғ, Ваҳдат ва ноҳияи Ёвон аввалин шуда, ин моделро татбиқ намуданд. Минбаъд ин таҷриба дар солҳои 2007-2008 ба дигар шаҳру ноҳияҳо, аз ҷумла, Бобоҷон Ғафуров, Шуғнон, Шаҳринав, Сарбанд (Леваканд), Гулистон, Бӯстон, Норак, ноҳияҳои Сино, Фирдавсӣ, Исмоили Сомонӣ, Рӯдакӣ, Турсунзода ва Ҳисор густариш ёфт. Ниҳоят, то соли 2010 тамоми муассисаҳои таҳсилоти умумии кишвар ба низоми маблағгузории меъёрӣ пурра гузаронида шуданд.

Ҳадафи асосии ин ислоҳот – таъмини истифодаи самараноки маблағҳои буҷетӣ ва вусъати имкониятҳои худидоракунии муассисаҳои таълимӣ дар заминаи танзими захираҳои молиявию инсонӣ мебошад. Низоми сарикасӣ ба натиҷагирии муассисаҳои таълимӣ асос ёфта, дар

иртиботи зич бо дигар самтҳоиислоҳоти соҳа, аз қабили баланд бардоштани сифати таҳсилот, навсозии инфрасохтор ва баланд бардоштани маоши омӯзгорон татбиқ мешавад.

Ба таъкиди таҳлилгарон, таъсири мусбати ин модел дар баланд гардидани нишондиҳандаҳои самаранокии хароҷоти буҷетӣ ва самаранокии фаъолияти муассисаҳои таълимӣ мушоҳида мегардад. **Масалан, агар соли 2005 таносуби хонанда ба синф дар ноҳияҳои таҷрибавӣ ба ҳисоби миёна 21 нафарро ташкил дода бошад, ин нишондиҳанда дар соли 2010 ба 22 ва соли 2015 ба 23 нафар расидааст. Ҳамин тариқ, таносуби хонанда ба як омӯзгор аз 17 нафар дар соли 2005 ба 19 нафар дар соли 2015 афзоиш** [7, с.164].

Ислоҳоти молиявӣ дар соҳаи маориф, бахусус, гузариш ба низоми маблағгузории сарикасӣ яке аз иқдомҳои муваффақ дар замони соҳибистиқлолӣ ба ҳисоб меравад. Ин модели маблағгузорӣ бо фароҳам овардани имкониятҳои нави идоракунии муассисаҳои таълимӣ ва истифодаи самараноки захираҳо ба таҳкими шаффофият ва баланд бардоштани сифати таҳсилот мусоидат намудааст. Дар шароити ҷаҳони муосир, ки таҳсилоти босифат заминаи рушди устувори миллӣ маҳсуб меёбад, идомаи чунин ислоҳот аҳаммияти стратегӣ дорад.

Китоби дарсӣ яке аз муҳимтарин васоити таълимӣ дар низоми таҳсилот ба ҳисоб рафта, на танҳо ҳамчун манбаи дониш, балки ҳамчун воситаи ташаккули ҷаҳонбинӣ, маърифат ва ҳувияти миллӣ шинохта мешавад. Бо дарназардошти зарурати ислоҳоти соҳаи маориф, масъалаи таҳия ва нашри китобҳои дарсӣ ба сифати афзалияти сиёсати давлатӣ пазируфта шудааст. Дар ин маврид соли 2007 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид менамоянд, ки **«бояд стандартҳои ҳамаи дараҷаҳои таълим бо дарназардошти дастгирии молиявии давлат ва рушди демографӣ таҷдиди назар гардида, мазмуну мундариҷаи китобҳои дарсӣ ва дастурҳои методӣ, инчунин, воситаҳои аёнӣ ва асбобу ашёи таълимӣ ба талаботи давлати миллии муосир мутобиқ карда шаванд»** [3]. Дар ин замина, Барномаи давлатии таҳия ва нашри китобҳои дарсӣ барои солҳои 2007-2010, ки дар асоси Паёмҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олӣ таҳия ва қабул гардидааст, қадами муҳим дар низоми ислоҳоти соҳаи маориф, бахусус, таҳсилоти миёнаи умумӣ арзёбӣ мегардад.

Барномаи мазкур ба ҳалли мушкилоти ҷиддии ондавра, яъне, норасоии китобҳои дарсӣ, таҷдиди мазмуни таҳсилот дар сатҳи таҳсилоти умумӣ, таҳияи китобҳои дарсӣ бо назардошти стандартҳои нави таълимӣ, ҳамоҳангсозии китобҳо бо барномаҳои таълимии нав, таъмини мактабҳои таҳсилоти умумӣ бо китобҳои дарсӣ дар тамоми кишвар, бахусус, деҳот ва минтақаҳои дурдаст, баланд бардоштани сифати нашр, дизайни полиграфӣ ва муқовабандии китобҳо, ҷалби мутахассисон ва олимони соҳа ба таҳияи китобҳои нав равона гардида буд.

Дар натиҷаи амалӣ гардидани барномаи мазкур оид ба ҳадафҳои муҳимми сиёсати давлатӣ дар соҳаи маориф як қатор муваффақиятҳои назаррас ба даст оварда шуд: китобҳо барои фанҳои асосии зинаи таҳсилоти умумӣ, аз ҷумла, забон ва адабиёт, математика, таърих, табиатшиносӣ, география, химия, физика, биология ва ғайра аз ҷониби гурӯҳҳои кории мутахассисон, омӯзгорони соҳибтаҷриба ва олимон таҳия ва омода шуданд, дар таҳияи китобҳо аҳаммияти ҷиддӣ ба арзишҳои таърихӣ, миллӣ, фарҳангӣ дода шуд. **«Дар доираи ин барнома нашри китобҳои дарсӣ барои мактабҳои таҳсилоти миёнаи умумии таълимашон ба забони тоҷикӣ пурра ба анҷом расид. Нашри такрории қисми зиёди китобҳои дарсии солҳои 2001-2005 нашршуда низ анҷом дода шуд. Барои хонандагони мактабҳои таҳсилоти миёнаи умумии таълимашон бо забонҳои ақаллиятҳои миллӣ низ Вазорати маориф чопи китобҳоро ба роҳ монда, мушкилоти дар ин самт мавҷударо давра ба давра ҳал намуд»** [30, с.126-127].

Барномаи давлатии таҳия ва нашри китобҳои дарсӣ барои солҳои 2007-2010 яке аз иқдомҳои муҳим ва саривақтии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи ислоҳоти соҳаи маориф ба шумор рафта, барои таҳкими пояҳои маърифати миллӣ ва боло бурдани сатҳу сифати таълим заминаи устувор гузошт. Маҳз дар натиҷаи амалисозии ин барнома, китобҳои дарсӣ бо мундариҷаи нав ва омодагии илмӣ ба муассисаҳои таҳсилоти умумӣ роҳ ёфтанд. Бино ба маълумоти Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон, **«Дар ҳамин давра Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон зиёда аз 200 номгӯи китобҳои дарсиро ба нашр расонид»** [30, с.126-127].

Ҳамин тариқ, Барномаи мазкур ҳамчун қисми ҷудонашавандаи сиёсати давлатӣ дар самти ислоҳоти маориф, на танҳо ба ҳалли масъалаи дастрасии китобҳои дарсӣ мусоидат кард, балки

дар ташаккули низоми таҳияи маводи таълимии мутобиқ ба арзишҳои миллию давлатӣ ва талаботи асри муосир саҳми муассир гузошт.

Минбаъд қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи адабиёти таълимӣ» (№1122, аз 26 июли соли 2014) низ марҳалаи муҳимми танзими ҳуқуқии фаъолияти марбут ба таҳия, истеҳсол ва истифодаи адабиёти таълимӣ дар низоми миллии маориф маҳсуб меёбад. Ин қонун заминаи ҳуқуқӣ ва меъёрии заруриро барои ба роҳ мондани муносибатҳои ҷамъиятӣ дар соҳаи таҳия ва нашри адабиёти таълимӣ муҳайё намуда, инчунин, кафолатҳо ва талаботи давлатии муайянро нисбат ба муҳтаво, сифат ва истифодаи он муайян месозад. Ҳамчунин, бо дарназардошти аҳаммияти стратегӣ доштани мазмуну муҳтавои адабиёти таълимӣ дар такмили низоми таълим, таҳкими иқтидори зеҳнии наслҳои оянда «Низомномаи намунавӣ оид ба таҳия, экспертиза ва нашри адабиёти таълимӣ» таҳия ва мавриди амал қарор дода шуд. Ин низомнома равандҳои марбут ба таҳия, арзёбӣ, мувофиқа ва нашри адабиёти таълимиро дар ҳамаи зинаҳои таҳсилот ба ба танзим медарорад. Иқдоми мазкур, аз як ҷониб, ҷиҳати таъмини шаффофият ва масъулият дар раванди таҳияи китобҳои дарсӣ ва дигар маводи таълимӣ замина гузошт, аз ҷониби дигар, ба баланд бардоштани сифати омӯзиш ва таълиму тарбияи хонандагону донишҷӯён мусоидат менамояд. Ҳамзамон, он шароити мусоиди меъёрию ҳуқуқиро барои ҷалби мутахассисон, коршиносон ва муассисаҳои тахассусӣ дар самти таҳия ва таҳрири адабиёти таълимӣ фароҳам овард.

Дар маҷмуъ, қабули ин санадҳо яке аз марҳалаҳои калидии сиёсати давлатӣ дар соҳаи таълиму тарбия арзёбӣ гардида, ҳадафи он ба рушди пайгиронаи низоми миллии таҳсилот, такмили муҳтавои таълим ва мутобиқсозии он ба талаботи замони муосир равона шудааст.

Таҳсилоти касбӣ яке аз бахшҳои муҳимми низоми маориф ба ҳисоб меравад, зеро омодасозии кадрҳои соҳибихтисос барои истеҳсолот ва дигар бахшҳои иқтисоди миллӣ заминаи асосии пешрафти устувори ҷомеа ва давлат мебошад. Дар солҳои аввали соҳибистиқлолӣ низоми таҳсилоти касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо як қатор мушкилоти ҷиддӣ рӯ ба рӯ гардид. Аз ҷумла, таҷҳизоти фарсуда, муҳити номуносиби таълим, барномаҳои кӯҳнаи таълимӣ ва мутобиқ набудан ба талаботи бозори меҳнат боиси коҳиши обрӯи ин зинаи таҳсилот гардиданд.

Роҳбари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёмҳои худ ба Маҷлиси Олӣ зарурати ислоҳоти амиқи низоми таҳсилоти касбиро таъкид намуда, иброз доштанд: **«Дар баробари зиёд гардидани шумораи хонандагону донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ, миёна ва олии касбӣ роҳбарони муассисаҳои таълимӣ пеш аз ҳама, бояд ба сифати таълиму тарбия таваҷҷуҳи бештар зоҳир намоянд, барои тақвият додани асосҳои моддиву техникии таълимгоҳҳо, бунёди лабораторияҳо, кабинетҳои методӣ, устохонаҳои таълимӣ, китобхонаҳои электронӣ ва таъмиру бунёди хобгоҳҳои замонавӣ чораҳои зарурӣ андешанд»** [3].

Дар заминаи ин ҳидоятҳо як қатор ҳуҷҷатҳои стратегии муҳим таҳия ва қабул гардиданд, аз ҷумла, Консепсияи давлатии ислоҳоти соҳаи таҳсилот ва таълими ибтидоии касбӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, Консепсияи рушди таҳсилоти касбӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Барномаи давлатии рушди таҳсилоти касбӣ барои солҳои 2008-2015.

Мақсади асосии ин тадбирҳо таҳкими заминаҳои моддию техникии муассисаҳои таҳсилоти касбӣ, бартарафсозии норасоии кадрҳои омӯзгорӣ, мутобиқсозии барномаҳои таълим ба талаботи бозори меҳнат ва рушди ҳамкорӣ бо бахши хусусӣ ва корхонаҳои истеҳсолӣ буд.

Дар доираи татбиқи ҳуҷҷатҳои мазкур муассисаҳои таҳсилоти касбӣ (литсейҳо, коллеҷҳо, омӯзишгоҳҳо) ба таъмир, таҷдид ва қисман навсозӣ фаро гирифта шуданд. Таҷҳизоти муосир, лабораторияҳо, кабинетҳои методӣ, устохонаҳои таълимӣ ва китобхонаҳои электронӣ харидорӣ ва ҷойгир карда шуданд. Бо дастгирии лоиҳаҳои байналмилалӣ утоқҳои фаннӣ ва коргоҳҳои истеҳсолии намунавӣ таъсис дода шуданд. Қисми зиёди омӯзгорон ва устоҳои таълими истеҳсолӣ курсҳои такмили ихтисосро гузаштанд ва бо барномаҳои донишгоҳҳои хориҷӣ ҳамкориҳо барқарор гардиданд. Инчунин, вазорату идораҳои дахлдор бо мақсади мутобиқ сохтани мундариҷаи таълим ба ниёзҳои бозори меҳнат таҳқиқоти соҳавӣ анҷом дода, талаботи воқеӣ ба ихтисосҳои замонавӣ, аз қабили технологияи иттилоотӣ, муҳандисии сохтмон, энергетика, хизматрасонии маишӣ ва кишоварзиро муайян намуданд. Барномаҳои таълимӣ бозбинӣ шуда, низоми модулӣ ба таври таҷрибавӣ ҷорӣ гардид.

Дар Паёмҳо ва санадҳои дахлдор, ҳамчунин, ба масоили институтсионалӣ таваҷҷуҳи хосса зоҳир гардида, такмили сохтори муассисаҳо пешбинӣ шуд. Тибқи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, техникумҳои миёнаи махсус ба коллеҷҳои наздидонишгоҳӣ табдил ёфтанд ва қисми зиёди омӯзишгоҳҳо низ бо шаклу мундариҷаи нав ба фаъолияти худ идома доданд: **«Дар даврони Истиқлолият на танҳо мазмуни таҳсилот дар ин зина тағйир ёфт, балки муассисаҳои таълимӣ ба худ шакл ва мазмуни нав пайдо карданд. Мувофиқи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ба зинаи якуми мактабҳои олӣ дохил намудани мактабҳои миёнаи махсус» як қатор техникумҳо ба коллеҷҳои наздидонишгоҳӣ табдил дода шуданд. Ҳамчунин, баъзе аз омӯзишгоҳҳо низ ба коллеҷҳо мубаддал гардиданд»** [30, с.177].

Муассисаҳои таҳсилоти касбӣ бо корхонаҳо ва ширкатҳои истеҳсолӣ ҳамкории мустақим ба роҳ монда, дар самтҳои таҷҳизоти таълимӣ, таҷрибаомӯзӣ ва ҷалби хатмкунандагон ба ҷойи кор саҳмгузорӣ карданд.

Татбиқи Барномаи давлатии рушди таҳсилоти касбӣ барои солҳои 2008-2015 дар маҷмуъ, ҳамчун заминаи устувори ислоҳ ва рушди зинаи таҳсилоти касбӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон арзёбӣ мегардад. Ин барнома, ки дар асоси дастуру ҳидоятҳои Президенти кишвар таҳия шудааст, имкон дод, ки раванди муосирсозии соҳа оғоз ва тадриҷан густариш ёбад. Аз ҷумла, дар доираи он, муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ ба ҷорӣ намудани низоми кредитии таҳсилот оғоз карданд. Натиҷаҳои мушаххаси ин ислоҳот, аз ҷумла, афзоиши қабули донишҷӯён дар ин зина мебошад: **«Агар соли 2000 қабули донишҷӯён 9,1 ҳазор, соли 2005 – 11,5 ҳазорро ташкил дода бошад, пас соли 2010 ин рақам ба 12,5 ҳазор расидааст»** [30, с.134].

Натиҷаҳои бадастомада собит месозанд, ки Барномаи давлатии рушди таҳсилоти касбӣ ва дигар ҳуҷҷатҳои марбута, ки бо дастгирии бевоситаи роҳбарияти сиёсӣ роҳандозӣ шудаанд, дар раванди барқарорсозӣ, ислоҳ ва муосиргардонии зинаи таҳсилоти касбӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон нақши ҳалкунанда бозиданд. Тавассути таҳкими заминаҳои моддӣ-техникӣ, навсозии барномаҳои таълимӣ, баланд бардоштани касбият ва ҳамгироии муассисаҳо бо бозори меҳнат, заминаи воқеӣ барои омодасозии кадрҳои рақобатпазир ва рушди устувори соҳаи маориф фароҳам гардид.

Бахши дигари муҳим ва бунёдии низоми маорифи миллӣ муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ба шумор рафта, омодакунандаи кадрҳои соҳибихтисос барои соҳаҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ, илмию фарҳангии кишвар маҳсуб меёбанд. Аз тарафи Роҳбарияти олии кишвар зарурати ислоҳоти амиқи таҳсилоти олӣ ва мутобиқ сохтани он ба талаботи замони муосир, бозори меҳнат ва рушди илм пайваста таъкид мегардад: **«Навсозӣ ва пешрафти иқтисодиётро бе рушди илму маориф ва дастгирии онҳо таъмин кардан ғайриимкон аст. Ҷавҳари сиёсати давлатиро дар соҳаи маориф бояд масъалаҳои дар низоми таҳсил ҷорӣ кардани меъёрҳои ҷаҳонӣ, тайёр кардани мутахассисони соҳибкасби ҷавобгӯи талаботи бозори меҳнат ташкил диҳанд. Зеро сатҳи тараққиёти ин ё он давлат, пеш аз ҳама, аз фаъолияти босамари кадрҳои баландихтисоси соҳаҳои гуногун вобаста мебошад»** [15].

Ҳуҷҷатҳои муҳим – Консепсияи рушди таҳсилоти касбӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Барномаи давлатии рушди таҳсилоти олии касбӣ барои солҳои 2008-2015, ки дар асоси дастуру ҳидоятҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таҳия ва қабул гардиданд, ба раванди ислоҳот дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ҷумҳурӣ нақш ва таъсир амиқ гузошт.

Дар доираи татбиқи Барномаи давлатии рушди таҳсилоти олии касбӣ барои солҳои 2008-2015, барномаҳои таълимӣ аз нав таҷдид ва ба низоми кредитии таълим мутобиқ карда шуданд; ихтисосҳои нави замонавӣ дар самтҳои IT, муҳандисӣ, тандурустӣ ва иқтисоди рақамӣ ворид гардиданд; касбияту маҳорати омӯзгорон тавассути бозомӯзии кадрҳо дар дохил ва хориҷи кишвар амалӣ шуд; шумораи муассисаҳои таҳсилоти олӣ афзоиш ёфта, биноҳои нави таълимӣ ва марказҳои муосири илмию тадқиқотӣ таъсис ёфтанд; низоми сезинагии таҳсилот: бакалавриат, мутахассис, магистр ва дар доираи ҳамкориҳои байналмилалӣ (Erasmus+, TEMPUS), барномаҳои муштараки магистрӣ ва табодули донишҷӯён роҳандозӣ гардиданд. Аз ҷумла, тайи солҳои 2007-2011 **«сохта ба истифода додани бинои нави таълимӣ дар ДДОТ Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ, хобгоҳ дар маҳаллаи 33-юми шаҳри Душанбе, хобгоҳ барои беш аз 1000**

**нафар донишҷӯёни ДМТ, инчунин, сохтану ба истифода додан ва таъмири хобгоҳҳои ДДОТ Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ, ДТТТ ба номи академик М. Осимӣ, ДДТТ ба номи Абуалӣ ибни Сино, ДАТ ба номи Ш. Шоҳтемур, ДДХ ба номи Б. Ғафуров, ДДХ ба номи М. Назаршоев, Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон ва Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи С. Улуғзода, ки барои онҳо зиёда аз 50 млн. сомонӣ сарф карда шудааст, гувоҳи мустаҳкам намудани пояи моддию техникии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ мебошад»** [30, с.138-139].

Амалигардонии Барномаи давлатии рушди таҳсилоти олии касбӣ барои солҳои 2008-2015 як марҳилаи муҳим дарислоҳоти низоми таҳсилоти олӣ ба ҳисоб рафта, на танҳо дар беҳсозии муҳтавои таълим, балки ба рақобатпазирии муассисаҳои таҳсилоти олӣ дар сатҳи минтақавӣ ва байналмилалӣ заминаи воқеӣ гузошт. **«Агар дар соли 1991 13 мактаби олӣ фаъолият мекарда бошад, пас дар соли 2011 дар ҷумҳурӣ 30 мактаби олӣ фаъолият менамояд»** [30, с.177].

Рушди илм ва технология дар Паёмҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба меҳвари сиёсати давлатӣ табдил ёфта, онҳо ҳамчун омили пешрафти устувори ҷомеа муаррифӣ мешаванд. Ба таъкиди Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, **«иқтидору имкониятҳои шабакаи васеи муассисаҳои илмӣ, сохторҳои илмии донишгоҳҳо ва донишкадаҳои кишвар бояд ба татбиқи муваффақонаи стратегияи рушди илму техника, бахусус пешрафти босуръати соҳаҳои навини илм равона карда шаванд. Пайванди амиқтари илм ва истеҳсолот, ширкати васеъ ва босамари муассисаҳои гуногуни иқтисодиву иҷтимоӣ дар тақвияти пойгоҳҳои илм, тарбияи мутахассисони баландихтисос ва таҳкими неруи техникию технологӣ тақозои рӯз аст»** [14].

Дар робита ба зарурати ташаккули низоми илми муосир ва мутобиқ ба талаботи рушди устувори кишвар, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Стратегияи рушди илм ва технология барои солҳои 2007-2015-ро тасдиқ ва амалӣ намуд. Мақсади асосӣ ба баланд бардоштани нақши илм дар рушди иҷтимоиву иқтисодӣ, низоми миллии таҳқиқоти илмӣ, тақвияти пойгоҳи моддию техникӣ ва кадрии соҳа, ҷорӣ намудани механизмҳои инноватсионӣ дар иқтисоди миллӣ нигаронида шуда буд. Ҳамчунин, яке аз ҳадафҳои стратегияи мазкур ҳавасмандсозии ҷавонон ва тарбияи мутахассисони баландихтисоси соҳаи илм буд. Бо ташаббуси Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон шумораи бурсияҳо барои таҳсил дар хориҷи кишвар дар зинаҳои аспирантура ва докторантура, бахусус, дар он ихтисосҳое, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон ба онҳо ниёз дорад, афзоиш ёфт.

Дар натиҷаи татбиқи стратегия, шумораи пажуҳишгоҳҳои соҳавӣ ва марказҳои илмӣ, барномаҳои зиёди илмӣ ва инноватсионӣ дар сатҳи миллӣ, теъдоди корҳои илмии дар маҷаллаҳои байналмилалӣ нашршуда афзоиш ёфта, саҳми олимони тоҷик дар ҳалли масъалаҳои муҳити зист ва иқлим, офатҳои табиӣ, биотехнология ва тибби мардумӣ боло рафт ва инчунин, ҳамкориҳои илмии байналмилалӣ, бахусус, бо кишварҳои хориҷӣ вусъат пайдо кард.

Стратегияи миллии рушди илм ва технология барои солҳои 2007-2015, ки дар заминаи дастуру ҳидоятҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия ва татбиқ гардид, заминаи муҳимми ташкилӣ барои рушди илми миллӣ фароҳам овард. Он на танҳо ҳамчун ҳуҷҷати барномавӣ, балки ҳамчун воситаи татбиқи идеяҳои стратегии Пешвои миллат дар самти таҳкими неруи зеҳнии кишвар хизмат намуд.

Таҳкими неруи зеҳнӣ, баланд бардоштани сатҳи дониш, рушди иқтидори илмӣ ва омода сохтани мутахассисони соҳибкасбу рақобатпазир аз ҷумлаи ҳадафҳои стратегии сиёсати маорифии Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳсуб меёбад. Яке аз муҳимтарин механизмҳо дар ин самт Стипендияи байналмилалии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дурахшандагон» мебошад, ки бо ҳадафи дастгирии ҷавонони боистеъдод ва таҳсили онҳо дар муассисаҳои таҳсилоти олии хориҷи кишвар дар асоси Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 июли соли 2008, №502 таъсис ёфтааст. Дар Паёмҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олӣ (махсусан, солҳои 2007, 2008, 2010 ва баъдтар) зарурати тақвияти неруи зеҳнии миллат, омодасозии мутахассисони ҷавон дар сатҳи байналмилалӣ ва таҳкими тавонмандии илмии кишвар ҳамчун самти афзалиятнок зикр гардидааст. **«Ҷиҳати тайёр намудани кадрҳои баландихтисос фонди махсуси тарбияи мутахассисон дар хориҷи кишвар таъсис ёфтааст ва аз ҳисоби ин фонд ҳоло садҳо нафар ҷавонони кишварамон дар муассисаҳои таҳсилоти**

**олии давлатҳои дигар таҳсил карда истодаанд. Бо мақсади дастгирии минбаъдаи ҷавонони лаёқатманди мамлакат ба Вазорати молия супориш дода мешавад, ки маблағгузории фонди мазкурро барои соли оянда ду баробар зиёд намояд. Мо бояд аз ин кор натарсем, наҳаросем. Таҳлил бояд кард, кадом мутахассисонеро, ки дар дохили кишвар омода карда наметавонем, маблағи зарурӣ дарёфт намуда, ба хориҷа фиристем. Фақат интихоб кардан ва фиристодани довталабонро тахти назорати ҷиддӣ қарор бояд дод»** [14].

Дар ҳамин замина, барномаи стипендияи «Дурахшандагон» ҳамчун таҷассумгари сиёсати навгароёнаи кадрӣ ва сармоягузорӣ ба захираҳои инсонӣ дар низоми маорифи кишвар роҳандозӣ шуд.

Муассисаи давлатии «Маркази барномаҳои байналмилалӣ», ки соли 2008 бо ташаббуси бевоситаи Сарвари давлат таъсис ёфтааст, масъули амалисозии механизми татбиқи стипендия мебошад. Марказ дар ҳамкорӣ бо вазорату идораҳои дахлдор ва муассисаҳои таълимии хориҷӣ тамоми равандҳои марбут ба интихоб, маблағгузорӣ, мониторинг ва баргардонидани мутахассисонро танзим менамояд. Вазифаҳои асосии марказ иборатанд аз: таҳияи механизмҳои шаффоф ва рақобатноки интихоби довталабон; бастани созишномаҳои ҳамкорӣ бо донишгоҳҳои сатҳи ҷаҳонӣ; таъмини ҳамоҳангсозии равандҳои ҳуҷҷатгузорӣ, рафтуомад ва таҳсили донишҷӯён; назорат ва арзёбии ҷараёни таҳсил ва фаъолияти пас аз хатми стипендиатҳо; мусоидат ба баргардонидани кадрҳои баландихтисос ба кишвар ва ҷойгиршавии онҳо ба ҷойҳои кории мувофиқ.

Аз оғози татбиқи барнома то соли 2025 садҳо нафар ҷавони лаёқатманд дар муассисаҳои таҳсилоти олии кишварҳои пешрафта, ба монанди Россия, Олмон, Британияи Кабир, Чин, ИМА, Ҷопон, Ҳиндустон, Туркия ва дигар давлатҳо таҳсили илм кардаанд ва дар натиҷа шумораи кадрҳои соҳавии таҳсилкарда дар хориҷ бо тахассусҳои муҳимми миллӣ технологияи иттилоотӣ, тиб, муҳандисӣ, кишоварзӣ, иқтисод ва маориф зиёд гардид; онҳо омодаанд дар сатҳи сиёсати давлатӣ, таҳқиқот ва соҳибкорӣ фаъолият кунанд; тавассути онҳо робитаҳои илмӣ ва ҳамкориҳои байналмилалии Тоҷикистон тақвият ёфт.

Яке аз вижагиҳои ин барнома шарти ҳатмии баргашт ва кор дар дохили кишвар пас аз хатм мебошад. Тибқи қарордод, стипендиатҳо муваззафанд, ки дар тӯли як давраи муайян (5 сол) дар Тоҷикистон фаъолият кунанд. Ин раванд, аз як тараф, ба ҷуброни сармоягузории давлатӣ ва аз ҷониби дигар, ба интиқоли дониш ва таҷрибаи байналмилалӣ мусоидат менамояд.

Стипендияи байналмилалии «Дурахшандагон» на танҳо як навъи ёрии модии таҳсилотӣ, балки таҷассумгари сиёсати давлати миллӣ дар самти ташаккули иқтидори зеҳнӣ ва мутахассисони ҷаҳонӣ мебошад. Нақши он дар таҳкими иқтидори миллӣ, рушди инноватсионӣ ва устувории кадрии кишвар бузург ва қобили тақвият аст.

Яке аз тадбирҳои муҳим, ки бо мақсади рушд бахшидани илму маориф, зарурати таъмини рушди босуръати иқтисоди миллӣ бо такя ба кадрҳои соҳибихтисоси техникӣ ва технологияи нав, беҳбуд бахшидани шароити кору зиндагии муҳаққиқон ва тарбияи нави олимони соҳаи техника рӯи кор омад, аз ҷониби Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо ташаббуси стратегӣ эълон гардидани соли 2010 «Соли маориф ва фарҳанги техникӣ» мебошад. Ташаббуси Роҳбари давлат якчанд ҳадафи асосиро дар бар мегирифт: барқарор ва тақвият бахшидан ба меҳвари техникӣ дар низоми таҳсилоти миёна ва касбӣ; ҷалби наврасону ҷавонон ба касбу ҳунарҳои техникӣ; мусоидат ба таҳкими заминаи моддӣ-техникӣ ва навсозии барномаҳои таълимии муассисаҳои касбӣ; эҷоди фазои иҷтимоӣ барои арзёбии нави таҳсилоти амалӣ ва муҳандисӣ; ҷалби омӯзгорон ва муҳассилин ба рушди неруи зеҳнӣ дар заминаи фанҳои дақиқ ва технологияҳои муосир.

Ҳукумати кишвар дар татбиқи амалии ташаббуси мазкур таваҷҷуҳи вижа зоҳир намуда, барномаҳо ва механизмҳои мушаххаси рушди маорифро рӯйи даст гирифт. Дар чанд самти калидӣ пешрафтҳои назаррас ба даст омаданд: аксари муассисаи таҳсилоти ибтидоии касбӣ ва омӯзишгоҳҳои техникӣ таъмир ва таҷдид шуданд. Қисме аз онҳо бо таҷҳизоти истеҳсолӣ, озмоишгоҳҳои фаннӣ ва синфхонаҳои технологӣ муҷаҳҳаз гардиданд; муассисаҳои таҳсилоти умумӣ ба боло бурдани сатҳи таълими фанҳои табиӣ-риёзӣ, дақиқ ва технологияи иттилоотӣ равона шуданд. Озмунҳо ва олимпиадаҳои фаннӣ миёни хонандагон баргузор гардиданд, ки шавқу завқи ҷавононро ба илмҳои дақиқ бедор сохт; барои донишҷӯёни фаъоли муассисаҳои

таҳсилоти касбӣ барномаи стипендиявии ҳукуматӣ амал кард. Инчунин, барномаҳои такмили ихтисос барои омӯзгорони соҳаи техникӣ ба роҳ монда шуданд.

Эълони соли 2010 ҳамчун «Соли маориф ва фарҳанги техникӣ» на танҳо як иқдоми рамзӣ, балки як бозсозии равониву сохтории муносибат ба таълими касбӣ ва техникӣ гардид: миқдори муассисаҳои таҳсилоти ибтидоии касбӣ афзоиш ёфт; шумораи хонандагон дар муассисаҳои техникӣ, махсусан, духтарон, рӯз ба рӯз боло рафт; фанҳои техникӣ ва муҳандисӣ дар барномаҳои таълимии мактабҳо ва донишгоҳҳои техникӣ мақоми барҷаста касб намуданд; мавқеи маориф ҳамчун таҳкурсии неруи миллии рушд боз ҳам устувортар гардид.

Иқдоми Пешвои миллат дар мавриди эълони соли 2010 ҳамчун «Соли маориф ва фарҳанги техникӣ» посухи муваффақ ба даъвати замон буд. Он на танҳо як барномаи яксола, балки такони ҷиддӣ барои тамоми низоми маориф шуд, ки дар солҳои баъдӣ низ идома ёфт. Таъсири ин сиёсати дурбинона имрӯз низ эҳсос мешавад, вақте ки Тоҷикистон дар марҳилаи рақамикунонӣ, саноатикунонии босуръат ва таъмини рушди зеҳнии ҷомеа қарор дорад. Тавре Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид карданд: **«Гарчанде Соли маориф ва фарҳанги техникиро соли 2010 бомуваффақият ҷамъбаст намуда бошем ҳам, ин масъаларо набояд аз мадди назар дур созем. Баръакс, бояд ҳамасола ба рушди соҳаи маориф ва тафаккури техникии кӯдакону наврасон, омӯзиши илмҳои табииву риёзӣ, истифодаи технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ тадбирҳои амалӣ андешем ва тавассути чорабиниҳои мухталиф ин иқдомҳоро амалӣ гардонем. Рушди тафаккури техникии кӯдакону наврасон бояд вазифаи муҳимми роҳбарони муассисаҳои таълимии ҳамаи зинаҳои таҳсилот, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва вазорату идораҳои дахлдор бошад»** [17].

Марҳалаи аввалиислоҳоти соҳаи маориф дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (2000-2010) давраи бунёд ва эҳёи заминаҳои ибтидоии маорифи миллӣ ба ҳисоб меравад. Дар ин марҳала, ки ба барқарорсозии иҷтимоӣ ва таҳкими пояҳои давлатдорӣ ҳамзамон буд, сиёсати давлатӣ бо дастуру роҳнамоии Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, бештар ба эҳёи инфрасохтор, барқарорсозии муассисаҳои таълимӣ, таҳияи қонунгузории соҳа ва такмили муҳтавои таҳсил равона гардид. Дар маҷмуъ, таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки солҳои 2000-2010 барномаҳои қабулгардида на танҳо дар самти сохтмон ва таъмини инфрасохтор, балки дар таҳкими заминаҳои мазмунӣ, кадрӣ ва фанноварии соҳаи маориф ва илм нақши калидӣ бозиданд. Механизмҳои амалигардида барои татбиқи ислоҳот имконият фароҳам оварданд, ки сифати таҳсилот дар ҳамаи зинаҳо афзоиш ёфта, заминаҳои гузариш ба марҳалаҳои навбатии ислоҳот амиқтар гардад.

**(Идома дорад)**

Забону миллату таърихи нангу ном муборак,
Зуҳури тозаи фарҳангу фарру ҷом муборак,
Давоми дигари ин роҳи бардавом муборак,
Ва шаҳди неъмати худмеҳварӣ ба ком муборак,
Барои миллати соҳибватан Паём муборак!

**Абдуллоҳи Раҳнамо**

# НАҚШИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ ДАР БУНЁДИ НИЗОМИ МУОСИРИ ИДОРАКУНИИ ДАВЛАТӢ



**Даврон САФАРЗОДА - ректори Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон**

**Дар шароити ноустувори солҳои аввали Истиқлоли давлатӣ, вақте таҳдидҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ ва иқтисодӣ мавҷуд буданд, Ҷумҳурии Тоҷикистон ба роҳбарии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба марҳалаи нави давлатсозии миллӣ ворид гардид. Маҳз бо роҳбарии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар кишвари мо давлатсозӣ ҳамчун раванди ташаккули низоми сиёсӣ, маъмурӣ ва иҷтимоии мустақил, ки ба манфиатҳои миллӣ такя мекунад, хусусияти воқеан созанда ва устувор пайдо намуд.**



Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз рӯзҳои аввал бо андешаи амиқи стратегӣ, ҷаҳонбинии давлатдорӣ ва иродаи устувор тавонистанд пояҳои давлатдории муосири тоҷиконро бар асоси принсипҳои адолат, қонунмандӣ ва ҳамбастагии миллӣ устувор намоянд. Аз ин дидгоҳ, накши Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар раванди давлатсозӣ на танҳо дар таъмини ваҳдати миллӣ ва суботи сиёсӣ, балки дар бунёди низоми муосири идоракунии давлатӣ, ки ҷавобгӯи талаботи замони муосир аст, таҷассум ёфтааст.

Идоракунии давлатӣ ҳамчун рукни муҳимми давлатдорӣ, на танҳо воситаи амалӣ намудани ҳокимияти сиёсӣ, балки низоми ҳамоҳангсозии фаъолияти тамоми сохторҳои давлатӣ мебошад. Маҳз зери роҳбарии Сарвари давлат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон низоми идоракунии давлатӣ дар кишвари мо аз як сохтори анъанавии идорӣ ба низоми муосир, илмӣ ва самараноки идоракунӣ табдил ёфт, ки дар он принсипҳои масъулиятнокӣ ва шаффофият мавкеи марказӣ пайдо карданд.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз солҳои аввали соҳибистиқлолӣ бо ба эътибор гирифтани раванди зудтағйирёбанда, мураккаб ва рақобатҳои шадиди иқтисодию сиёсӣ, зарурати гузариш аз усулҳои анъанавии идоракунӣ ба модели инноватсионии давлатдории муосир ҷорӣ карда шуда, сиёсати ислоҳоти маъмурӣ, баланд бардоштани иқтидори идорӣ ва касбияти хидматчиёни давлатӣ ҳамчун самти афзалиятноки сиёсати давлатӣ муқаррар гардид. Маҳз натиҷаи ҳамин сиёсати пурбор буд, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давоми зиёда аз се даҳсола ба як низоми идоракунии мукаммали муосирро дар асоси давлатдории миллӣ, ҳифзи манфиатҳои мардум ва таъмини рушди устувор ташаккул ёфт. Пешвои миллат дар Паёми худ ба Маҷлиси Олӣ (22.04.2002) қайд намуданд, ки «Хизмати давлатии навини Тоҷикистон зодаи замони Истиқлолият мебошад, ки дар шароити басо ногувори таърихи миллат оғоз гардида, марҳала ба марҳала нумуъ ёфт». Бешак, ташаккули низоми муосири идоракунии давлатӣ дар Ҷумҳурии

Тоҷикистон ба таври густурда ба шахсияти сиёсию давлатмеҳвар Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иртибот ногусастанӣ дорад.

Ҷойи ёдоварист, ки раванди танзими низоми идоракунии давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тӯли солҳои соҳибистиқлолӣ аз чанд марҳалаи мураккаби таърихӣ иборат мебошад, ки ҳар кадом дорои хусусият ва аҳаммияти муайян мебошанд.

***Марҳалаи якум баркарорсозии пояҳои давлатдорӣ ва устуворсозии сохтори ҳокимият мебошад, ки солҳои 1992-2005-ро дарбар мегирад.*** Дар ин давра вазифаи асосӣ аз эҳё ва ҳифзи ҳамаҷонибаи низоми идоракунии давлатдории миллӣ иборат буд. Сарвари давлат аз рӯзҳои аввали соҳибистиқлолӣ барои муқтадир намудани идораи давлатӣ дар радифи вазифаҳои муҳим тадбирҳои мушаххасро барои ислоҳоти идоракунии давлатӣ рӯи кор гирифтанд. Дар ин давра Сарвари давлат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон тамоми саъю талошҳои хешро ба таҳкими пояҳои давлатдорӣ, барқарорсозии сохторҳои ҳокимияти давлатӣ, таъмини амният ва барқарор намудани иқтисодиёт равона намуда буданд. Маҳз бо қабули Конститутсия дар соли 1994 қадамҳои устувор вобаста ба заминаҳои ҳуқуқии ташаккули низоми муосири идоракунии давлатӣ гузошта шуданд. 13 ноябри соли 1998 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хидмати давлатӣ» қабул гардид, ки дар ташаккули хизмати давлатии муосири Тоҷикистон заминаи муҳимму устувор гузошт. 25 январи соли 2001 бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Раёсати хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чун мақоми ваколатдори соҳаи хизмати давлатӣ таъсис ёфт.

***Марҳалаи дуюмро такмили сохтори идоракунии давлатӣ ва таҳкими рукнҳои давлатдории миллӣ ташкил дода, солҳои 2000–2015-ро дар бар мегирад.*** Дар ин давра сиёсати Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба ташкили низоми самараноки идоракунӣ, танзими муносибатҳои байни мақомоти марказӣ ва маҳаллӣ, ҳамоҳангсозии идораҳои иҷроия ва боло бурдани сифати хизматрасониҳои давлатӣ равона гардид. Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид намудаанд, ки «...сатҳу сифати идоракунии давлатӣ ба донишу таҷриба, маҳорату малака, масъулиятшиносиву ташаббускорӣ ва сифатҳои касбиву кордонии хизматчиёни давлатӣ вобаста аст. Хизмати давлатӣ асоси сиёсати давлатии кадрҳо буда, қабл аз ҳама, ба манфиатҳои миллӣ ва таъмини фаъолияти самараноки мақомоти давлатӣ равона карда мешавад».

Дар ин давра як қатор консепсияю стратегия ва барномаҳои муҳимми давлатӣ қабул гардида, давра ба давра амалӣ карда шуданд. Аз ҷумла, аз 15 марти соли 2006 бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Стратегияи ислоҳоти системаи идоракунии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба тасвиб расид. Дар заминаи Стратегияи мазкур қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 июни соли 2007 «Дар бораи Консепсияи ислоҳоти хизмати давлатии Тоҷикистон» тасдиқ гардид. 5 марти соли 2007 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ» такмил дода шуда, дар таҳрири нав қабул гардид. Ҳамзамон, аз 31 августи соли 2007 Барномаи ислоҳоти хизмати давлатии Тоҷикистон қабул гардид. Дар ин давра барои идомаи ин тадбирҳо соли 2008 Консепсияи сиёсати давлатии кадрҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва соли 2009 Барномаи татбиқи Консепсияи сиёсати давлатии кадрҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2009-2016 тасдиқ карда шуд.

Соли 2013 бо мақсади тақвият бахшидани фаъолияти мақоми ваколатдори соҳаи хизмати давлатӣ Раёсати хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Агентии хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон табдил дода шуд. Инчунин, Донишкадаи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис ёфт. Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар китоби «Уфуқҳои истиқлол» вобаста ба муҳиммияти таъсиси Донишкадаи идоракунии давлатӣ таъкид мекунанд, ки «Ин муассиса дар мамлакат таҷрибаи нав буда, дар он кадрҳои роҳбарикунандаи оянда омода карда мешаванд. Бо донишҷӯёни ин муассиса на танҳо усулҳои муосири роҳбарӣ, балки азбар кардани технологияи иттилоотӣ, забонҳои хориҷӣ ва илмҳои дигари замонавӣ омӯзонида мешаванд». Маҳз ҳамин таваҷҷуҳи рӯзафзун буд, ки соли 2020 бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Донишкадаи идоракунии давлатӣ ба Академияи идоракунии давлатӣ табдил дода шуд, ки қадами муҳимми дигар дар самти касбигардонии хизматчиёни давлатист.

Дар маҷмуъ дар ин давра дар робита ба рушди идораи давлатӣ, таҳким бахшидани иқтидори кадрӣ ва мустаҳкам намудани самаранокии фаъолияти хизматчиёни давлатӣ зиёда аз 200 санади меъёрии ҳуқуқӣ тасдиқ ва роҳандозӣ гардид. Чунонки Сарвари давлат дар китоби «Уфуқҳои истиқлол» таъкид мекунанд: «Натиҷагирӣ аз раванди ислоҳот дар ин самт собит месозад, ки мо дар омӯзиши таҷрибаи ватанию ҷаҳонии хизмати давлатӣ ҳадафу мақсадҳои

саҳеҳу муассирро пеша намудаем. Маҷмӯи тадбирҳои тарҳрезишуда барои ташкили хизмати давлатии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон заминаи мустаҳкам фароҳам оварда истодааст».

***Марҳалаи сеюм ба ислоҳоти маъмурӣ ва гузариш ба идоракунии инноватсионӣ равона гардид, ки оғоз аз соли 2015 то ҳол идома дорад.*** Дар шароити афзоиши талаботи ҷомеа ва мураккаб гардидани равандҳои иқтисодиву иҷтимоӣ Сарвари давлат зарурати таҳкими самаранокии идоракунии давлатӣ ва баланд бардоштани сатҳи масъулияти хизматчиёни давлатиро борҳо таъкид намуданд. Маҳз дар заминаи таъкидҳои Пешвои миллат дар ин давра як қатор тадбирҳо ба мақсади ташаккули модели муосири идоракунии давлатӣ пешбинӣ гардид. Аз ҷумла, Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 ва Консепсияи ташаккули ҳукумати электронӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои баланд бардоштани самаранокии идоракунии давлатӣ, истифодаи технологияҳои иттилоотӣ, таҳкими назорат ва шаффофияти фаъолияти мақомоти давлатӣ равона шудаанд. Тавре ки дар Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 омадааст: «Ҳадафи такмилдиҳии низоми идоракунии давлатӣ амалисозии самараноки вазифаҳои давлат ва пешниҳоди хизматрасониҳои босифати давлатӣ ҷиҳати таъмини рушди иҷтимоию иқтисодии бомуваффақияти кишвар маҳсуб меёбад». Дар ин замина, бояд таъкид намуд, ки айни ҳол рушди устувори кишвар, пеш аз ҳама, ба фаъолияти самараноки низоми идоракунии давлатӣ вобаста буда, бо истифодаи оқилонаи усулҳои мустақим ва ғайримустақими танзими равандҳои иҷтимоиву иқтисодӣ асос меёбад.

Дар заминаи амалишавии Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 имрӯзҳо бахри самаранок намудани хизмати давлатӣ, таҳияи барномаҳо нав дар сатҳи соҳибихтисос намудани кадрҳои хизмати давлатӣ, ҷалби бонувон, электронӣ намудани низом, такмили фаъолият, ташаккули иқтидорӣ ва дар дигар самтҳои идораи давлатӣ чораҳои муҳим амалӣ мешаванд.

Дар маҷмуъ, таҷрибаи сиёсиву идоракунии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар даврони соҳибистиқлолӣ собит месозад, ки нақши Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ташаккули низоми муосири идоракунии давлатӣ на танҳо таърихӣ, балки стратегӣ мебошад. Сарвари давлат тавонистанд дар шароити душвори солҳои аввали соҳибистиқлолӣ, ки низоми идоракунии муайян дақиқ набуд, пояҳои сиёсиву маъмурӣ заиф гардида буд, модели миллии идоракунии давлатро бо такя ба арзишҳои миллӣ, анъанаҳои давлатдорӣ ва меъёрҳои умумибашарӣ бунёд созанд. Тавре Пешвои миллат таъкид мекунанд: «Дар замоне ки оташи ҷанги шаҳрвандӣ пайкари Ватанро месӯхт, ба зимма гирифтани масъулияти роҳбарӣ ва наҷоти давлат коре басо мушкил буд».

Фаъолияти Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар бунёди низоми идоракунии давлатӣ се самти калидиро фаро мегирад:

1. **Сохтани пояҳои институтсионалии давлат**. Ташкили мақомоти қонунгузор, иҷроия ва судӣ бо сохтори устувор ва принсипи тақсимоти ҳокимият, ки заминаи асосии бунёди низоми идоракунии давлатиро фароҳам овард.
2. **Ислоҳоти маъмурӣ ва таҳкими идоракунии самаранок**. Ин ислоҳот ба оптималӣ гардондани равандҳои қабули қарорҳо ва баланд бардоштани шаффофият гардид.
3. **Тарбия ва рушди кадрҳои касбӣ ва роҳбарони ҷавон**. Ҳадафи мазкур ҳамчун омили асосии идомаи сиёсати давлатдорӣ ба устувор сохтани идоракунии давлатӣ мусоидат намуд.

Ҳамин тариқ, низоми муосири идоракунии давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар заминаи сиёсати дурбинонаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бунёд ёфта, имрӯз на танҳо ба талаботи ҷаҳони муосир ҷавобгӯ аст, балки хусусиятҳои миллии давлатдории тоҷиконро ба ҷаҳониён муаррифӣ месозад. Дар айни ҳол дар Ҷумҳурии Тоҷикистон идоракунии давлатӣ на танҳо воситаи маъмурист, балки падидаи иҷтимоӣ, сиёсӣ ва фарҳангӣ буда, дар асоси андешаи миллии давлатдорӣ тахти сиёсати хирадмандонаи Пешвои миллат амал мекунад. Таҷрибаи Тоҷикистон дар ин самт, ки бар пояи сиёсатҳои хирадмандона, устувории сиёсӣ ва таҳкими қонуният қарор дорад, имрӯз метавонад ҳамчун намунаи муваффақи идоракунии стратегӣ барои кишварҳои рӯ ба рушд хизмат кунад.

Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, бешак, бунёдгузори низоми муосири идоракунии давлатӣ дар Тоҷикистон буда, сиёсати идоракунии Сарвари давлатро метавон бо тамоми нишонаҳои модели миллии давлатдории устувор ва пешрафта тавсиф намуд. Ин таҷриба на танҳо заминаи устувории сиёсӣ ва рушди миллӣ аст, балки барои наслҳои оянда ҳамчун мактаби давлатсозӣ арзиши таърихӣ хоҳад дошт.

# «ШОҲНОМА» – НОМАИ ЁДГОР АЗ НИЁГОН

## (Дар ҳошияи эҳдои «Шоҳнома» ба ҳар як хонадони кишвар)



**Муҳаммаддовуд САЛОМИЁН – ноиби президенти Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, доктори илмҳои филология, профессори ДМТ**

**Биноҳои обод гардад хароб,**
**Зи борону аз тобиши офтоб.**
**Пайафкандам аз назм кохе баланд,**
**Ки аз боду борон наёбад газанд.**
**Бар ин нома гар умрҳо бигзарад,**
**Бихонад, ҳар он кас, ки дорад хирад.**

**Фирдавсӣ**

Таърихи тамаддуни ориёӣ собит сохтааст, ки пас аз футуҳоти араб дар сарзамини паҳновари Мовароуннаҳру Хуросон муборизаҳои шадиде барои мондагории халқияти тоҷик, таърих, фарҳанг ва забони мардуми ин кишвари бостонӣ хеле тезу тунд гардида буданд. Дусад соли муборизаҳо пас аз оғози футуҳоти араб мардуми эронитаборро ба муборизаҳои шадиде рӯ ба рӯ кард. Дар чунин як даврони пурталотум ва пур аз муборизаҳо хонадони Сомониён зимоми кишвардориро ба дасти худ гирифта, мардум ва сарзаминашонро аз нестӣ ва омезиш бо дигар халқиятҳои бегона наҷот доданд. Сомониён дар натиҷаи муборизаҳои зиёд тавонистанд, ки давлати мутамаркази тоҷикиро дар сарзамини паҳноваре бунёд намуда, барои зиндагии шоистаи мардум, аҳли илму адаб ва фарҳанг шароити мусоиди зиндагӣ, кор ва пажуҳишу эҷодро фароҳам оранд. Чунин шароити эҷодӣ ва вазъи нисбатан ороми сиёсию иҷтимоӣ фарзанди фарзонаи давр Абулқосим Фирдавсиро барои эҷоди «Шоҳнома» ба хотири эҳёи таърих, фарҳанг, анъанаву суннат, ҷашнҳои инсондӯстонаи мардуми эронитабор ва муҳимтар аз ҳама, ҳифзи забони тоҷикӣ (дарӣ) водор месозад.



Замони нигориши «Шоҳнома» низ барои муаллифи он хеле созгор буд. Абулқосим Фирдавсӣ дар замоне ба таълифи ин асари безавол шуруъ кард, ки миллати тоҷик бо сарварии хонадони бофарҳангу кишвардӯст ва адабпарвари тоҷик – давлати Сомониён, заминаҳои мусоиди иҷтимоию иқтисодӣ ва адабию фарҳангиро барои анҷоми ташаккулёбии миллати тоҷик фароҳам сохта буд.

Доир ба рӯзгор ва осори Абулқосим Фирдавсӣ дар таърихномаҳо, тазкираҳо ва дигар сарчашмаҳои илмию адабӣ маълумоти ҷолибе сабт гардидааст, ки онҳо барои муаррифии шоҳномасарои бузург ва мондагории заҳматҳои шоир барои эҳёи тамаддуни ориёӣ, саҳми ӯ дар рушди забони дарӣ, васфи бузургии кишвари эрониён, муқаддас донистани Ватан, таърих ва фарҳанги он мусоидат мекунанд. Дар ин маврид устод Садриддин Айнӣ дар китоби хеш «Дар бораи Фирдавсӣ ва «Шоҳнома»-и ӯ» дар мавриди забон ва истифодаи вожаҳои ноби тоҷикӣ чунин андешаи ҷолиброро баён кардааст: «Сар то пои он ба оммаи тоҷикон фаҳмост, балки бештарини онҳо имрӯз дар забони зиндаи мардуми тоҷик кор фармуда мешаванд, ҳатто, дар «Шоҳнома» он гуна луғатҳои форсӣ ва бо он гуна талаффуз кор

фармуда шудаанд, ки имрӯз дар забони адабии Эрон кор намефармоянд, аммо дар миёни тоҷикон зинда аст... Ва ба гумони ғолиб гуфтаи Фирдавсӣ «Аҷам зинда кардам бад-ин порсӣ» ҳамин маъноро дорад.

Дар замони тантанаи Истиқлоли давлатӣ худшиносию худогоҳӣ, ҳифзи марзу буми кишвар, эҳёи анъанаву оинҳои пешин, арҷ гузоштан ба осори инсонпарваронаи адибону олимони гузаштаи халқи тоҷик тавассути сиёсати адабу шоирпарваронаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мұҳтарам Эмомалӣ Раҳмон вусъати тоза пайдо кард. Дар ин росто, аз ҷониби аҳли илму адаб ба «Шоҳнома»-и безаволи Абулқосим Фирдавсӣ таваҷҷуҳи хосае зоҳир гардид.

Мутолиаи «Шоҳнома» шахсро ба олами афкори адабию бадеӣ, зебоишиносӣ ва андешаи хаёлангезу гуфтори муассири Абулқосим Фирдавсӣ раҳнамун месозад. Мазмун ва муҳтавои ин шоҳкории адабиёт хонандаро ба заҳматҳо, омӯзишу таҳлилҳо, ковишҳои таърихию фарҳангӣ, истифодаи вожаҳои ноб, тасвирҳои гуногуни табиат, мубориза҇ҳои паҳлавонону шоҳон барои ҳифзи марзу бум, ифтихори ватандорӣ, шаҳомати бузурги ориёӣ ва монанди инҳо барин арзишҳои муҳимми эҷодӣ ошно месозад. «Шоҳнома» танҳо як асари бадеӣ нест. Он тасвиргари асотири гузашта, инъикоси неруи паҳлавонии мардуми ориёӣ ва таҷассумгари марҳилаҳои гуногуни давлатдории мардуми эронитабор дар саҳифаҳои таърихи дирӯзу имрӯзи замони шоир ва оянда̄и он дар олами инсоният аст. «Шоҳнома» таҷаллои ҳунари шоирӣ, тарғибу ташвиқи забони дарӣ, заҳамоти пажуҳишгарӣ, мардумшиносию кишваршиносӣ ва афкори баланди меҳанпарваронаву инсондӯстона дар тамоми давру замонҳои рушди мардуми ориёӣ аз қадим то имрӯз ва оянда̄и мардуми ин марзу бум ба шумор меравад. Чунин хидмати шоёну мондагореро, ки Абулқосим Фирдавсӣ анҷом додааст, танҳо фарде метавонад идома бидиҳад, ки дар замири худ меҳри бузургии меҳану сарзамин, забон, фарҳангу суннати гузаштаи ниёгон, ҳифзи марзу бум, бузургдошти мардумро ба хотири якпорчагӣ, ободӣ, амнияту субот, оромию осоиштагӣ, ҳимояи арзишҳову манфиатҳои иқтисодию иҷтимоӣ парварида тавонад. Худро фидои Ватан ва мардуми он гардонад. Абулқосим Фирдавсӣ бо эҷоди «Шоҳнома» рисолати бузурги фарзандии худро дар назди руҳи ниёгон, абармардону давлатмардон, сарзамини аҷдодӣ, дар назди дирӯзиёну имрӯзиён ва оянда̄гони қавму миллатҳои ориётабор ва дар маҷмуъ, дар назди аҳли башар иҷро намуда, номи хеш, меҳан ва асари худро то абад зиндаву ҷовид гардондааст.

Шоир китоби худро дар матни асараш бо номҳои «нома», «дафтари паҳлавӣ», «номаи бостон», «номаи хусравон», «номаи шаҳрёр» ва монанди инҳо ёд кардааст. «Шоҳнома»-ро баъзе пажуҳандагон шоҳи номаҳо, яъне, шоҳи китобҳо номида бошанд ҳам, он асосан, номаи шоҳони ориёӣ аст. Шоир дар ин асар корнамоиҳои шоҳони даврони гуногуни тамаддуни ориёӣ ё ба истилоҳ давраҳои Эрони бостону миёна ва нав, лаҳзаҳои таърихӣ, мубориза̄ву паҳлавонӣ ва қаҳрамониҳои шоҳону паҳлавонони Эронзамин барои мондагории кишвар дар муқобили ҳар гуна дасисаву иғвоҳо ва забткориҳои аҷнабиёнро таҷассум намуда, ҳамаи онро бо каломи мавзуну муассир ва бо забони шевову гӯшнавози тоҷикӣ (порсии дарӣ) ба риштаи тасвир кашидааст. Ҳаким Фирдавсӣ дар «Шоҳнома» ишора бар он мекунад, ки Абулфазли Балъамӣ вазири хирадманд, бомаърифат ва меҳандӯсти дарбори Сомониён бо фазлу дониши худ мондагории забони тоҷикӣ (дарӣ) ва номи онро дар саҳифаҳои таърихи минбаъда пойдору ҷовидона гардонида, бо талошҳои ин марди донишманду боҳуш навиштан ва эҷод кардан бо забони порсии дарӣ (тоҷикӣ) дар ин сарзамин оғоз гардидааст:

***Гаронмоя Буфазл – дастур ӯй,***
***Ки андар сухан буд ганҷур ӯй.***
***Бифармуд, то порсию дарӣ***
***Набиштанду кӯтоҳ шуд доварӣ.***

Достонҳои таркиби «Шоҳнома»-ро вобаста ба мазмуну мундариҷа ва мавзуи фарогирифта аксари муҳаққиқону шоҳномашиносон ба се бахши бузург – асотирӣ, паҳлавонӣ ва таърихӣ гурӯҳбандӣ кардаанд, ки бо чунин тарз эҷод намудани ин ҳамосаи бузург аз адиби чирадаст ва пажуҳишгару донандаи забонҳои гуногуни роиҷи замон будани Абулқосим Фирдавсӣ шаҳодат медиҳад. Ҳар се бахши ин асари машҳур бо ҳам хеле иртиботи қавии сохторию маъноӣ дошта, далели онанд, ки қавми ориёӣ дорои фарҳанги бузурги маънавии инсонпарварона, аз ҷумла, афсонаву асотири зиёде будааст, ҳамчунин, ин мардум дар тамоми даврони таърих бо неру ва

бозуи тавонои паҳлавонии худ машҳур гардида, шоҳони он дар бунёд, эҳё ва кишваркушоиҳо саҳму мақоми шоистае доштаанд.

Дар таърихи давлатдорию давлатсозиҳои миллати тоҷик дар замонҳои тақдирсоз шахсиятҳое арзи ҳастӣ кардаанд, ки бо назару афкори созанда ва осори илмию адабии худ мардумро барои ҳифзи арзишҳои миллӣ ва ифтихор аз дирӯзу имрӯзи замони худ ҳидоят ва раҳнамоӣ кардаанд. Абулқосим Фирдавсӣ дар чунин як замони тақдирсози таърихи миллати тоҷик, яъне, дар замони ташаккулёбии халқияти тоҷик ва бунёду равнақи хонадони Сомониён «Шоҳнома»-и безаволи худро оғоз карда бошад ҳам, анҷоми он ба давраи пароканда гардидани ин хонадони бузург ва бунёдгузорони давлати миллии тоҷикӣ рост меояд, ки ин ҳодисаи таърихӣ барои шоир низ оқибатҳои ногувореро пеш меорад.

Пас аз дусад соли муборизаҳо барои мондагории халқияти тоҷик дар саҳифаҳои таърихи башар дар муқобили футуҳоти араб Абулқосим Фирдавсӣ барои тасвири таърихи гузаштаи халқи тоҷик ва собит намудани фарҳангу адаби мардуми ориётабор, ки дар бунёди тамаддунҳои зиёде саҳмгузор буданд, дар ибтидои давлатсозии Сомониён асари худро таълиф карда, ҳам шоҳони замон ва ҳам ҳамзамонони худро барои пос доштани тамоми арзишҳои таърихию фарҳангӣ ва ҳувияти миллӣ даъвату ҳидоят намудааст. Шоири тавоно ва ҳакими беназир бештар талош бар он кардааст, ки аҳли замон, аз ҷумла, ҷавонону наврасонро барои фаро гирифтани дониш ва хирадманду донишманд гардидан ҳидоят бисозад. Шоир хирад, маърифат ва донишро муҳимтарин омили худшиносию худогоҳӣ донистааст:

***Хирад раҳнамову хирад раҳкушой,***
***Хирад даст гирад ба ҳар ду сарой.***

Дар «Шоҳнома» тамоми муборизаҳои мардуми тоҷик тавассути тасвири асотиру муборизаҳои паҳлавонон барои ҳифзи марзу буми кишвар, ҳодисаҳои гуногуни таърихи воқеии кишвар, саҳми аҳли илму ҳунар, донишмандону давлатмардони даврони гуногун дар бунёди шаҳрҳо ва ҳифзи онҳо аз мардуми аҷнабӣ, аҳли шеъру маърифати замон зикр шудаанд, ки ин барои ҷавонон ва хонандагону кӯдакон дари маърифати худшиносию худогоҳӣ ва ватандӯстию ҳифзи марзу буми кишварро аз ҳамагуна газанд мекушояд.

«Шоҳнома» бузургтарин асари адабию донишномавӣ аст, ки дар тӯли зиёда аз ҳазор сол барои таълиму тарбияи аҳли башар хидмати мондагоре кардааст. Ин асари безавол дар замони муосир, ки ҷаҳонишавии босуръат оламро фаро гирифтааст, моҳияти бештаре касб менамояд, зеро ба фарҳанг ва рафтори мардуми бегона рӯ овардани баъзе ҷавонон дар кишвари мо низ ҳанӯз ҳам ба назар мерасад.

Бинобар ин, моро зарур аст, ки дар асоси арзишҳои миллию фарҳангие, ки дар тӯли ҳазорсолаҳо ташаккулу бунёд ёфтаанд ва Фирдавсии бузург онҳоро омили мондагории ҳар як миллату сарзамин донистааст, ҷавонону наврасон ва кӯдакону хонандагони худро ба таълиму тарбияи нек фаро бигирем, то ки имрӯз онҳо ба илму дониш, ҳифзи сарзамини кишвар, паҳлавонию далерӣ, инсондӯстӣ ва ҳунармандию касбомӯзӣ рӯ оварда, ҳаёти худро аз бегонашавӣ ва омезиш бо дигар фарҳангу оинҳо ҳифз намоянд.

Ватандӯстӣ ва муборизаи некӣ бар бадӣ, нур бар зулмот ғояи асосии «Шоҳнома»-ро фаро гирифтааст. Дар ҳамаи достонҳои асотирию паҳлавонӣ ва таърихии ин асар моҳияти ватану ватандорӣ, музаффарияти некӣ бар бадӣ, рушноӣ бар зулмот тасвир ёфта, шоир тавассути сухани манзуму муассир насли ҷавонро барои фаро гирифтани ҳикмати ин мафҳумҳо ва дар зиндагӣ мубориза роҳи ҳақ будан раҳнамоӣ кардааст.

«Шоҳнома»-и Абулқосим Фирдавсӣ бо вуҷуди он ки дар тӯли зиёда аз ҳазор сол ба инсоният дарси ватандорию хештаншиносӣ омӯхтааст, дар замони муосир моҳияти таълимию тарбиявӣ ва маърифатии бештаре касб кардааст. Ҷавонони имрӯзи кишвар бояд аз ғояҳои инсонпарваронаи ин шоҳасари миллати тоҷик огаҳ бошанд, зеро шоири бузурги миллати мо тамоми ҳаёти худро сарфи эҷоди ин китоб намуда, ба насли инсон ёдгории бузургу бегазандеро ба мерос мондааст, то аҳли замон тавассути он ҳаёту рӯзгори худро мунаввар бигардонад ва аз имрӯзу гузаштаи миллати худ огоҳ бошанд ва аз он ифтихор бикунанд. Ҳифзи муқаддасоту ифтихороти миллӣ, аз ҷумла, забони миллат ва хирадмандию донишмандӣ яке аз ҳадафҳои муҳимму раҳнамоисози ҷавонон дар «Шоҳнома» аст.

***Хирадманд бошу беозор бош,***
***Ҳамеша забонро нигаҳдор бош.***

Дар ин маврид профессор Х. Шарифзода чунин таъкид менамояд: «Хирад ба назари Фирдавсӣ чашми ҷон аст, бинобар ин, шоир аз мафҳуми хирад чунин натиҷагирӣ мекунад:

***Нахустофариниш хирадро шинос,***
***Нигаҳбони ҷон асту они се пос....***
***Се поси ту чашм асту гӯшу забон,***
***К-аз ин се бувад неку бад бегумон...***
***Зи ҳар дониште чун сахун бишнавӣ,***
***Зи омӯхтан як замон нағнавӣ.***

Фирдавсӣ офариниши аввал хирадро медонад ва аз роҳи дониш ба хиради воло, ки ҳаким дар пайи ӯст, расидан имкон дорад. Бузургии донишро бо сухан дарёфтан имкон дорад ва худ донише беохир аст».

Шоири тавоно сухану донишро пояи асосии рушди инсонӣ ва омили муҳимми худшиносӣ ва хирадмандӣ донистааст:

***Чу дидор ёбӣ ба шохи сухун,***
***Бидонӣ, ки дониш наёяд ба бун.***

Инсони доно, бофазлу дониш аз назари шоир, ҳамеша тавоност ва бо вуҷуди пир будан, ҳамеша афкори андешааш тозаву ҷавон аст. Яъне, тавассути дониш инсони пир бо тавоноии илму дониш ва фазлу хирадаш ҳаёти худ ва ҷомеаро равшану ҷавон нигаҳ дошта метавонад:

***Тавоно бувад, ҳар кӣ доно бувад,***
***Ба дониш дили пир барно бувад.***

Дар идомаи тараннуми дониш, моҳият ва мақеи он дар ҳаёт ва рӯзгори инсон шоир чунин овардааст:

***Касе к-ӯ ба дониш тавонгар бувад,***
***Зи гуфтору кирдор беҳтар бувад.***
***Хирад бояду донишу ростӣ,***
***Ки кажӣ бикӯбад ар костӣ.***
***Шикебоӣ аз мо нашояд ситад,***
***На касро зи дониш расад низ бад.***
***Дар байти дигаре чунин фармудааст:***
***Ба дониш бувад мардро эминӣ,***
***Бибандад зи бад дасти оҳарманӣ.***

Ё мегӯяд:

***Чунин гуфт донанда – деҳқони пир,***
***Ки дониш бувад мардро дастгир.***
***Ҳар он мағз к-ӯро хирад равшан аст,***
***Зи дониш ба гирди танаш ҷавшан аст.***

Дар кишваре, ки мардумони бофазлу хирад, донишманд ва олимону пажуҳишгарон бештаранд, он сарзамин орому осуда буда, мардумаш аз фазлу дониши афроди донишмандаш ҳамеша баҳравар гардида, дар сулҳу субот ва амнияту осоиштагӣ умр ба сар мебаранд:

***Нигаҳ кун ба ҷое, ки дониш бувад,***
***Зи донанда кишвар ба ромиш бувад.***

Дар ин росто, ҳамаи адабшиносону суханварон собит намудаанд, ки бузургтарин хидмати шоёни Абулқосим Фирдавсӣ дар назди мардуми ориёӣ тараннуми ҳифзи марзу бум ва ҳимояи сарзамини аҷдодӣ аз ҳамагуна хасму газанд аст. Барои шоир муқаддастар аз Ватан аз Эрони таърихӣ мафҳуми дигар вуҷуд надорад, ӯ ин сарзаминро ҳастии худ дониста, мардумро ба ҳимояи ин кишвари паҳновару тамаддунсоз, ҳунарманду паҳлавонзо ва фарҳангсолор даъват намудааст:

***Надонӣ, ки Эрон замини ман аст,***
***Ҷаҳон сар ба сар зери дасти ман аст.***
***Ҳунар назди эрониён асту бас,***

*Надоданд шерони жаёнро ба кас.*
*Ҳама якдилонанд яздоншинос,*
*Ба некӣ надоранд аз бад ҳарос.*
*Чунин гуфт мубад, ки мардӣ ба ном*
*Беҳ аз зинда душман бар ӯ шодком.*
*Агар кушт хоҳад туро рӯзгор,*
*Чӣ некутар аз марг дар корзор?*

Ҳадафи шоир ҳифзи оромию осоиштагӣ, рӯзгори ором, амнияту субот дар тамоми ҷаҳон буда, инсониятро ба он ҳидоят мекунад, ки барои ҳифзи ин арзишҳои муҳимми башарӣ ҳамеша муқобилият нишон диҳад ва нагузорад, ки нохалафу бадандеше рӯзгори пурнишоти аҳли оламро халалдор созад.

Дар пояи андешаи ватанхоҳонаву инсондӯстонаи Абулқосим Фирдавсӣ тарбия намудани насли наврас ва фирефтаи афкори бегонапарастонаи гурӯҳҳои манфиатҷӯ нашудани ҷавононро, ки оқибатҳои фалокатборро бо баҳонаи дину мазҳаб барои ҳар миллату кишваре пеш меоранд, профессор ва ҷомеашиноси тоҷик С. Ятимов чунин арзёбӣ кардааст: «Ишора ба Фирдавсии бузург, ки бо сухани ӯ Аҷам абадият пайдо кардааст, шояд басанда бошад: «Зиёни касон аз пайи суди хеш, Биҷӯянду дин андар оранд пеш». Дар замони муосир ҳам, ки баъд аз Фирдавсӣ бо гузашти ҳазор сол илми инсонӣ дунёро тасхир кардааст, аз ин дар маънӣ бештар, дар содагӣ хубтар ва дар фурсат мувофиқтар далел овардан мумкин нест. Афғонистон, Сурия, Ироқ, Тунис, Яман ва Тоҷикистони солҳои навадум фақат исботи гуфтаҳои Фирдавсии Тусӣ аст».

Ҳамин тариқ, дар «Шоҳнома» чеҳра ва симоҳои барҷастаи асотирӣ, паҳлавонӣ, шоҳону сарлашкарони меҳандӯст, аҳли илму адаб бо суханони мавзуну муассири шоиронаи Абулқосим Фирдавсӣ симои ҷовидона ёфта, барои насли имрӯзу фардои на танҳо мардуми эронитабор, балки барои тамоми аҳли башар намунаи ибрату пайравӣ гардидаанд.

Дар ин росто, ҳадафи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ки аз эҳёгарон ва арҷу эҳтиром гузоштан ба офаридаҳои илмию бадеии аҳли илму эҷоди дирӯзу имрӯзи кишваранд, аз нашру дастрас ва тақдим намудани «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ ба ҳар як хонадони кишвар аз он иборат аст, ки мардуми фарҳангпарвари мо аз гузаштаи дурахшони миллати худ огаҳӣ ёфта, ба қадри давлатсозию давлатдории дирӯзаву имрӯзаи кишвар, арзишҳои Истиқлоли давлатӣ дар замони муосир бирасад ва барои ояндаи неки сарзамини худ ҷаҳду талош намояд. Кохи барафрӯхтаи Абулқосим Фирдавсӣ дар баробари ҳамосаи муҳташами тамоми давру замонҳо мактаби бузурги таълиму тарбияи инсон дар самти дониш, муқаддас донистани забон, хирад, ҳифзи сарзамин, дӯстдории ватан, рафтор ва гуфтори наку буда, барои насли кунунии кишвар манбаи муҳимми фарогирии ахлоқи ҳамидаи инсонӣ дар роҳи касби дониш, хирад, паҳлавонию далерӣ, ҳимояи Ватан барин арзишҳои волои инсонӣ ба шумор меравад.

«Шоҳнома»-и Фирдавсӣ асарест, ки бо забони шево, мазмуни баланд ва афкору назари волои муаллифаш барои ҳар як хонанда дари суннати ватандорӣ, ҳифзи марзу буми кишвар, донистани забон, таъриху ҳимояи арзишҳои миллию фарҳангӣ, ғурури ориёӣ, расидан ба қадри инсон, сарзамин, олам ва табиатро боз мекунад. Дар «Шоҳнома» ғурури рустамонаву меҳандӯстона ва шикастнопазири мардуми эронитабор нуҳуфта аст, ки то имруз ягон неруи бегонаву иртиҷоӣ онро шикаст дода натавонистааст.

Ба андешаи донишманди шоҳномашинос Худоӣ Шарифзода, дар «Шоҳнома», се ғояи марказӣ ва роҳнамо мавҷуд аст, ки пайванди ин маҷмуаи бузурги гуногунмавзуъро фароҳам овардааст:

1. Ғояи ба вуҷуд омадани аввалин ҷомеаҳои башарӣ;
2. Ғояи ватандӯстӣ ва ватангароӣ;
3. Ғояи салоҳи иҷтимоӣ ва сиёсии ҷомеа.

Аз ин рӯ, месазад, аз ин таърихи тақдиру корномаи башарият омӯхту ибрат гирифт ва онро раҳнамои хеш қарор дод.



**Камол НАСРУЛЛО – Шоири халқии Тоҷикистон**

# ВАТАНИ САРҚОНУН[1]

Миллати мост, к-аз замони қадим
Аз Ҳуқуқи Башар башорат дод.
Ибрату дарси адлу қонунро
Бар тамоми ҷаҳон иморат дод.
Миллати мост, к-аз замони қадим
Монд бар ёдгор Сарқонун.
То шиносад ҳуқуқи худ инсон,
По намонад зи ҳадди худ берун.
Аз Ҳуқуқи Башар башорат дод
Бар замину замон Куруши Кабир.
Миллате, ки ба ҳикмати Зардушт
Буд худ дар талеаи тақдир.
Одамизод соҳиби Қонун
Шуд ба ҷаҳди гузаштагони мо.
Парчами мост аввалин Парчам,
З-аввалинҳо бувад Нишони мо.
Миллати мо ҳамеша ойина
Дошт дар пеши рӯяш аз Қонун.
Хайру некиву родмардиҳо
Буд ӯро ҳамеша андар хун.
Пояҳои вуҷуди поки ӯ
Пояҳо гашт бар Ҳуқуқи Башар.
Пайки сулҳу башорати некӣ
Буд ӯро ҳамеша болу пар.
Зербуни ҳуқуқу қонунаш
Буда озодагиву озодӣ,
Арҷ бар ҷумла халқу миллатҳо,
Ҳамдилӣ, ҳамҷаворӣ, ободӣ.
Тоҷикистони соҳибистиқлол
Сарбаландӣ дар ин ҷаҳон дорад,
Ҳуҷҷати бахти ӯст Сарқонун,
Обрӯву фари замон дорад.
Инак озодагӣ, ҳуқуқи шахс
Шуд муқаддас дар ин диёри куҳан,
Ҳар нафас мешавад Ватан обод,
Ҳар нафас мешукуфад ин меҳан.
Ватани асли асли қонунхост,
Зербуни равонаш аз адл аст.
Бо ҳама ҷабри зиндагӣ зинда
Монда, зеро ки ҷонаш аз адл аст.
Кишвари дунявӣ, ҳуқуқбунёд,
Дар кушода ба рӯи ёрон аст.
Дӯстро тоҷи сар кунанд ин ҷо,
Чунки ин марз Тоҷикистон аст!




[1] Ҳанӯз солҳои 500-уми то мелод, яъне, 2500 сол пеш Куруши Кабир-бунёдгузори давлати Ҳахоманишиҳо Эъломияи Ҳуқуқи Башарро эҷод ва ба инсоният пешиҳод карда буд, ки имрӯз дар роҳрави ошёнаи дуюми СММ ба маъраз гузошта шудааст.

# ТАРОНАИ ПАРЧАМ



Ҳақназар ҒОИБ –
Шоири халқии
Тоҷикистон

Аз талъати хуршедӣ дар Парчами мо нур аст,
Дар Парчами мо ахтар, файзи нафаси ҳур аст.
Дар хунраги сурхи он хуне зи Каён ҷорист,
Дар парчам, аё миллат, мероси ватандорист.

Хуршедсифат дар Шарқ ҷовид ливои мост,
Он меҳри Худои мост,  он рамзи бақои мост.

Дар парчами мо сарсабз умри падарон бошад,
Болу пари истиқлол болу пари он бошад.
Аз партави ин Парчам оянда намоён аст,
Дар хатти сафеди он тақдир шукуфон аст.

Хуршедсифат дар Шарқ ҷовид ливои мост,
Он меҳри Худои мост, он рамзи бақои мост.

Дар Парчами мо тоҷе тоҷикию тобон аст,
Он тоҷи Ватан бошад дар тахти дилу ҷон аст.
Бӯсед варо аз меҳр, молед варо бар чашм,
Он рамзи ватандорист, мероси бузургон аст.

Хуршедсифат дар Шарқ ҷовид ливои мост,
Он меҳри Худои мост, он рамзи бақои мост.



*****

# ТОҶИКИСТОН, ПАРЧАМАТ ПОЯНДА БОД!

Рангҳои парчами мо хушҷило,
Тоҷи он мероси кайшоҳӣ ба мо.
Ҳафт ахтар ҳафт бурҷи роҳи нур
Раҳкушои олами бахту сурур.

Тоҷикистон, Парчамат поянда бод,
Ҷовидон фарзандҳоят зинда бод!
Ранги сабзаш сабз шуд аз ҷони мо,
Ранги сурхаш хуни аҷдодони мо.

Дар сафедияш раҳи бахти сафед,
Мебарад моро ба фардои умед.
Тоҷикистон, Парчамат поянда бод,
Ҷовидон фарзандҳоят зинда бод!

# МАҚОМИ МАОРИФ ВА НАҚШИ БОНУВОН ДАР ПЕШРАФТИ ҶОМЕА

**Анора ХОЛОВА – сармутахассиси Маркази ҷумҳуриявии дарёфт ва рушди истеъдодҳои назди Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон**

**Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олӣ аз 28 декабри соли 2024 сатр ба сатр намои муҳаббату садоқати ватандӯстона буда, ҳадафҳои баланди миллиро пайгирӣ мекунад.**

Аҳли илму маорифи мамлакат аз он ифтихор мекунанд, ки дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба соҳаи маориф таваҷҷуҳи махсус зоҳир гардида, супориш дода шуд, ки ***“бо вуҷуди корҳои то имрӯз дар соҳаи маориф амалигардида Ҳукумати мамлакат, Вазорати маориф ва илм ва роҳбарони мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ бояд бо назардошти афзоиши аҳолӣ ва зиёд гардидани шумораи кӯдакону наврасон тадбирҳои мушаххас андешанд. Яъне, дар панҷ соли оянда бо истифода аз ҳама сарчашмаҳои маблағгузорӣ ва бо назардошти ҳадафи гузошташуда барои фарогирии 50 фоизи кӯдакони синну соли томактабӣ бунёди 800 муассисаи таҳсилоти томактабӣ ва беш аз 1000 муассисаи таҳсилоти умумиро таъмин намоянд***”. Аз ин лиҳоз, ҳамон тавре ки Пешвои миллат таъкид намуданд, бо вуҷуди дастовардҳои беназири соҳаи маориф дар даврони соҳибистиқлолии мамлакат дар ҳақиқат, моро зарур аст, ки боз ҳам системаи идораи маорифро мустаҳкам намуда, дар радифи кишварҳои аз лиҳози илм ва фановарӣ пешрафта қадам бигзорем. Роҳи расидан ба низоми пешрафтаи давлатро Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ташаккулу рушди соҳаи маориф арзёбӣ ва таъкид намуданд: **«Сабаби асосии бадбахтии ҳар миллат ва давлат эътибор надодан ба сифати мактабу маориф, саҳлангорӣ кардан ба тарбияи кӯдак аз хурдсолӣ ва фароҳам наовардани муҳити мусоид барои таълиму тарбия мебошад. Яъне, то вақте, ки тамоми ҷомеа ба мактаб ва низоми маориф рӯй наоварад, миллат дастнигар, хору зор, таҳқиргашта ва афроди он моил ба ҳама гуна ҷиноятҳои сангину пешгӯйинашаванда боқӣ хоҳанд монд».** Возеҳ аст, ки Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон соҳаи маорифро самти афзалиятнок эълон намуда, тамоми нерую тавони хешро ба рушди ин соҳаи ҳаётан



муҳимми мамлакат равона намудаанд ва барои таълиму тарбияи босамари хонанда-гону донишҷӯён дар ҳама шаҳру но-ҳияҳои ҷумҳурӣ бо бунёди муасси-саҳои таълимӣ шароити хуби таҳсилро фароҳам меоваранд. Муҳимтарин нук-таи хушҳолкунанда вобаста ба соҳаи илму маориф ин аст, ки аз якуми сен-тябри соли 2025 маоши вазифавии кор-мандони муассисаҳои томактабӣ ва таҳсилоти миёнаи умумӣ 30 фоиз зиёд карда мешавад. Дар ҳақиқат, вақте ки ин ҳама таваҷҷуҳ ва ғамхорию дил-сӯзию роҳбарияти олии мамлакатро нисбат ба соҳаи маориф мебинему мушоҳида мекунем, боз ҳам ифтихорамон бештар мешавад. Ҳар як корманди ин соҳа боз ҳам масъулияти бештар эҳсос мекунад ва баҳри боло бурдани савияи дониши хонандагону

таълимгирандагон ва баланд бардоштани сатҳу сифати таҳсилот талоши бештареро ба харҷ хоҳад дод.

Маврид ба қайд аст, ки дар Паёми навбатии худ Президенти мамлакат дар радифи таҳлилу баррасии тамоми самту соҳаҳо, ба масъалаи рӯзгору фаъолияти занону бонувон таваҷҷуҳи махсус зоҳир намуда, иброз доштанд: **«Дар фарҳангу тамаддуни мо – тоҷикон иззату эҳтироми зан – модар ҳамеша ҷойгоҳи хос дорад. Вале бояд гуфт, ки мақому манзалати занону духтарон ва нақши онҳо дар эъмори давлати муосир ва рушди ҷомеа маҳз дар замони соҳибистиқлолӣ воқеан боло рафт».**

Воқеан ҳам, бо эътирофи арзишҳои башарӣ ва ҳимояи манфиатҳои миллӣ дар арсаи ҷаҳон, баъди ба даст овардани Истиқлоли давлатӣ ҷомеа, махсусан, занон таҳти дастгирию ғамхориҳои пайвастаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қарор гирифтанд. Боиси ифтихори занону модарони тоҷик аст, ки дар давраи соҳибистиқлолӣ бо дастгирии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон якчанд санади меъёрии ҳуқуқӣ, аз ҷумла, Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 декабри соли 1999 «Дар бораи тадбирҳои баланд бардоштани мақоми зан дар ҷомеа» қабул шуд, ки он омили беҳтар гардидани мақоми занон дар ҷомеа гардид. Ҳамчунин, дар самти кор бо занон барномаву стратегияҳои зиёде қабул ва мавриди амал қарор гирифтанд, ки мақсади ҳамаи онҳо барои дастгирӣ ва пешбурди фаъолияти занон равона гардидаанд.

Бояд қайд кард, ки ба таҳсил фаро гирифтани духтарон яке аз нуктаҳои муҳимми Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олӣ ба шумор мерафт. Бо ёдоварӣ аз ин рақамҳо Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иброз доштанд, ки «**Мо ба азму ирода ва масъулиятшиносии бонувону духтарони тоҷик ҳамчун неруи бузурги ҷомеа эътимоди комил дорем ва дастгирии ҳамаҷонибаи онҳоро идома медиҳем**». Дар ҳақиқат, ин боварию эътимод ва дастгирию ғамхориҳои рӯзафзун нисбат ба бонувону духтарони тоҷик, ки пеш аз ҳама, аз ҷониби Президенти мамлакат аз рӯзҳои аввали соҳибистиқлолӣ зоҳир мегардад, дар дили ҳар яки онҳо шуълаи умедро ба ояндаи боз ҳам дурахшон фурӯзонтар ва масъулияти онҳоро дар самти интихобкардаашон боз ҳам бештар менамояд.

Бо назардошти ҳамин омилҳо, имрӯз занон ва ҷавондухтарони тоҷик бо эҳсоси баланди худшиносию худогоҳӣ ва ифтихор аз давлату давлатдории миллӣ тамоми неруи худро дар баробари мардон ба ҳифзи дастовардҳои истиқлолият, таҳкими давлатдорӣ, ваҳдати миллӣ, сулҳу субот, таълиму тарбияи дурусти насли наврас, ҳифзи арзишҳои фарҳанги миллӣ, либоси миллӣ, тарбия намудани ҳисси ватандӯстӣ, ифтихори миллӣ, инсондӯстию масъулиятшиносӣ ва дар зеҳну шуури фарзандон талқин намудани меросу суннати гузаштагон, ҳамчунин, рушди минбаъдаи иқтисодию иҷтимоии Тоҷикистон ва устувор гардонидани мавқеи он дар қатори давлатҳои мутараққӣ равона менамоянд.

Кист он кас, ки шири софу лазиз,
Ба шумо аз ҷигар расонду чашонд.
Бахри осоиши шумо аз хоб,
Хост, гаҳвораи шумо ҷунбонд.
Шустушӯ карда дасти пои шумо,
Аз муҳаббат ба ҷои пок нишонд?

**Садриддин Айнӣ**

# НАҚШИ ВАСОИТИ АХБОРИ ОММА ДАР МУБОРИЗА БО ЭКСТРЕМИЗМ ВА ТЕРРОРИЗМ



**Умедҷони ФАЙЗАЛӢ – муовини директори Филиали Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф дар шаҳри Душанбе**

> **Имрӯз терроризм ва экстремизм ҳамчун вабои аср ба амнияти ҷаҳон ва ҳар як сокини сайёра таҳдид карда, барои башарият хатари на камтар аз силоҳи ядроиро ба миён овардааст.**
>
> **Эмомалӣ Раҳмон**

Дар ҷаҳони муосир, ки технологияҳои иттилоотӣ ба таври босуръат рушд мекунанд, васоити ахбори омма нақши муҳим ва таъсирбахшро дар муҳофизати ҷомеа аз хатарҳои экстремизм ва терроризм иҷро менамоянд. Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид мекунанд, ки «Террористро ба худиву бегона ҷудо намудан мумкин нест» ва мубориза бо ин падидаи хатарнок танҳо тавассути ҳамкории байналмилалӣ ва иттиҳоди ҳамаи нерӯҳои созанда имконпазир аст.

Матбуот, телевизион, радио ва платформаҳои рақамӣ на танҳо воситаҳои иттилоотрасонӣ ҳастанд, балки барномаҳои пуриқтидори ташаккули афкори ҷамъиятӣ ва таъсир ба андешаҳои шаҳрвандон маҳсуб меёбанд. Аз ин рӯ, масъулияти васоити ахбори омма дар пешгирӣ ва мубориза бо падидаҳои хатарноки экстремистӣ ва террористӣ хеле зиёд аст.

Экстремизм ва терроризм ҳамчун зуҳуроти номатлуб дар ҷомеаи муосир пайваста тағйир меёбанд ва бо усулҳои нав зуҳур мекунанд. Гурӯҳҳои ифротгаро аз имкониятҳои пешрафтаи технологӣ истифода бурда, барои паҳн кардани андешаҳои хатарнок бо ҷомеа пайваст мешаванд. Дар чунин вазъият, васоити ахбори омма бояд чун пешсафи ҷомеа фаъолият карда, дар муқобили ин таҳдидҳо мавқеи устувор гиранд.




Васоити ахбори омма метавонанд бо роҳҳои гуногун дар мубориза бо ифротгароӣ ва терроризм саҳм гузорандшта, имконияти интишори иттилои дуруст ва санҷидашударо фароҳам меоранд, ки барои пешгирии паҳншавии маълумоти бардурӯғ аз ҷониби гурӯҳҳои ифротӣ зарур мебошад.

Маълумотрасонии саҳеҳ ва таҳқиқоти касбӣ аз ҷониби расонаҳо метавонанд ба ошкор гардидани гурӯҳҳои экстремистӣ ва механизмҳо, манбаъҳо ва ҳадафҳои онҳо мусоидат кунанд. Ин раванд боис мегардад, ки мардум огоҳ бошанд ва дар баробари таҳдидҳои мавҷуда зиракии сиёсиро аз даст надиҳанд.

Ҳамзамон, васоити ахбори омма метавонанд тавассути барномаҳои худ арзишҳои муҳимми миллӣ ва инсонӣ, аз қабили таҳаммулпазирӣ, дӯстӣ ва ваҳдати миллиро таблиғ намуда, дар таҳкими ҳамбастагии ҷомеа саҳмгузор бошанд. Онҳо, ҳамчунин, имконият доранд, намунаҳои

мусбат ва чеҳраҳои ибратбахши ҷомеаро ба мардум муаррифӣ кунанд, ки ин амал ба афзоиши руҳияи созандагӣ мусоидат мекунад.

Барои он ки расонаҳо дар мубориза бо экстремизм таъсири бештар дошта бошанд, бояд стратегияҳои дақиқ ва ҳадафмандро амалӣ намуд. Зарур аст, ки рӯзноманигорон ва кормандони васоити ахбори омма дар бораи нишонаҳои ифротгароӣ ва роҳҳои муносиб барои кор бо чунин мавзуъҳо дониш ва малакаи зарурӣ дошта бошанд.

Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо таъкиди ҷиддӣ изҳор доштанд, ки мубориза бо терроризм ва экстремизм танҳо тавассути иттиҳоди ҳамаи қувваҳои созанда ва дурбинӣ дар сатҳи стратегӣ имконпазир аст. Суханони пурмуҳтавои Сарвари давлат - «Дӯст бошед! Иттифоқ бошед! Шукронаи ҳамин давлат кунед!» - даъвате ба ҳамбастагии миллӣ ва ташкили ҳамкории ҳамаҷонибаи ҷомеа бар зидди ин таҳдидҳо мебошад.

Яке аз роҳҳои муассири пешгирии ифротгароӣ, ташвиқи гуфтугӯи байни динҳо ва фарҳангҳост. Васоити ахбори омма метавонанд мавод ва барномаҳоеро омода созанд, ки равобити мусбати байни ҷамоатҳои динӣ ва этникӣ, ҳамзамон, таҳкими ваҳдати ҷомеа ва ҳамбастагии миллиро инъикос намоянд. Дар баробари ин, васоити ахбори омма бояд низоми муназзами мониторингро барои муайян кардани фаъолиятҳои экстремистӣ ва террористӣ дар фазои рақамӣ ба роҳ монанд. Барои амалӣ намудани ин кор, ҳамкорӣ бо шабакаҳои иҷтимоӣ, вебсайтҳо ва самтҳое, ки ҳамчун василаи таблиғоти ифротӣ истифода мешаванд, зарур аст.

Дар ҳамин замина, суханони Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Конфронси сатҳи баланд оид ба «Ҳамкории байналмилалӣ ва минтақавӣ дар мубориза бо терроризм» аҳаммияти вижа доранд. Тавре дар он он зикр шуд, омодагии доимии Тоҷикистон барои ҳамкорӣ дар самти мубориза бо терроризму экстремизм ва маблағгузории он муҳим мебошад ва барои ҳифзи сулҳу амният дар минтақа ҳамаи талошҳо бояд равона карда шаванд.

Васоити ахбори омма метавонанд барномаҳои махсуси пешгирикунандаро таҳия намоянд, ки дар онҳо омилҳои равонӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ дар якҷоягӣ истифода бурда шаванд. Ҳадафи асосии чунин барномаҳо ин тақвияти муқовимати ҷомеа нисбат ба таъсири фикрҳои ифротӣ мебошад.

Барнома, махсусан, барои ҷавонон, бояд дар маркази таваҷҷуҳ қарор дошта бошад, зеро ин гурӯҳ бештар дар хатари ҷалб шудан ба гурӯҳҳои ифротӣ қарор доранд. Бо истифода аз барномаҳои телевизионӣ, метавон ҷаҳонбинӣ ва руҳи созандаи ҷавононро дар миёни онҳо рушд дод.

Илова бар ин, барномаҳои марбут ба таърихи миллӣ ва арзишҳои фарҳангӣ низ метавонанд ба муаррифии ҳувияти миллӣ мусоидат кунанд ва аз таъсири идеологияҳои ифротӣ ҷилавгирӣ намоянд. Дар барномаҳо инчунин, бояд намунаҳои воқеии адолат, баробарӣ ва рушди иҷтимоӣ ҷой дошта бошанд.

Барои ба даст овардани натиҷаҳои назаррас дар мубориза бо экстремизму терроризм, зарур аст, ки васоити ахбори омма бо ниҳодҳои давлатӣ ва созмонҳои байналмилалӣ ҳамкории зич барқарор намоянд. Ин ҳамкорӣ бояд дар чорчӯби қонун ва принсипҳои демократӣ амалӣ шавад.

Робитаи наздик бо Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар сохторҳои амниятӣ имкон медиҳад, ки васоити ахбори омма маълумоти дуруст ва боэътимод дар бораи фаъолияти гурӯҳҳои ифротгаро ба даст оранд. Бо вуҷуди ин, ҳамкорӣ бояд бо риояи меъёрҳои озодии сухан ва масъулияти касбӣ сурат гирад.

Дар сатҳи байналмилалӣ ҳамкорӣ бо созмонҳо ва ширкатҳои технологии ҷаҳонӣ низ аҳаммияти калон дорад. Ин раванд метавонад ба нест кардани муҳтавои ифротгароёна аз интернет ва коҳиши паҳншавии таблиғоти хатарнок мусоидат намояд. Мубодилаи таҷриба бо кишварҳои дигар низ метавонад ба пайдоиши роҳҳои нав барои ҳалли мушкилот мусоидат намояд.

Нақши васоити ахбори омма дар мубориза бо экстремизм ва терроризм на танҳо дар замони ҳозира, балки дар оянда низ муҳим боқӣ мемонад. Пешрафти технологӣ имконоти навро барои паҳн кардани иттилоот ва таъсир ба афкори ҷомеа фароҳам меорад, аммо дар баробари он, мушкилоти нав низ ба миён меоянд.

Самаранокии фаъолияти васоити ахбори омма дар ин самт, пеш аз ҳама, ба сатҳи касбият, истифодаи оқилонаи технологияҳои нав ва ҳамкории фаъол бо ҷомеа вобастагӣ дорад. Аз ин рӯ,

муҳим аст, ки усулҳо ва равишҳои кори васоити ахбори омма пайваста навсозӣ шуда, ба шароити муосир мутобиқ гарданд.

Хулоса, васоити ахбори омма ҳамчун посдори арзишҳои демократӣ ва ҳуқуқи инсон бояд дар муқовимат бо ифротгароӣ дар сафи пеш бошанд. Онҳо вазифадоранд, ки на танҳо бо таблиғоти экстремистӣ ва террористӣ мубориза баранд, балки арзишҳои мусбатро таблиғ намоянд ва барои таҳкими ҳамбастагӣ, ваҳдат ва амнияти миллӣ саҳм гузоранд. Танҳо дар ҳамин сурат метавон ҷомеаи солим ва амнро бунёд кард.

# МАТОИ МЕҲР

Бе нақши Ватан пираҳан аз хештанам нест,
Бар сар наниҳам, он чи кулоҳи Ватанам нест.
Ман ворисӣ Ҷамшедаму фарзанди Таҳамтан,
Орияти бегона сазовори танам нест.

Аз меҳри Ватан ҳаст матои дилу ҷонам,
Сар дар қадами парчами бегона намонам.
Бо мазҳари озодии фархундаи миллат,
Чун кӯҳи сарафрозаму манзури ҷаҳонам!

Ин тоқии тоҷикии ман тоҷи каёнист,
Пироҳани тоҷикии ман санъати Монист.
Бо ҷомаи миллӣ, ҳама ҷо парчами миллӣ
Дар сурату дар сирати ман хешнишонист.

Ин атласи абрешими мо Атласи дунёст,
Нури назари модари дилсӯз ҳувайдост.
Дар нусхаи хуршеднигоринаи гулбанд,
Хатлону Ҳисор аст ба ҳам силсилапайванд.

Фирӯзаву лаъл аст ҳама тоҷи бадахшӣ,
Чун мавҷаи Вахш аст ҳама адраси вахшӣ.
Бо нури саодатасари толеъи равшан
Чун кавкаби иқбол ба гардун бидурахшӣ.

Хӯрдем қасам сахт ба ин беқасаби хеш,
Зеро ки азиз аст чу ному насаби хеш.
Бингар ба баҳорон, ки чу девори Бухоро
Ин ҷома ба бар мекунад он қуллаи хоро.

Ман ҷомаи орияти бегона нагирам,
Озодагии хеш ба завлона нагирам.
Ман бенасабу суннату таърих набошам,
Ҳар кас, ки “чу ман бош” бигӯяд, напазирам!

Гар бо ҳамагон ёвару наздик бимонам,
Дар рӯйи ҷаҳон орию тоҷик бимонам.
Бинад чу маро модари ман, нек шиносад,
Ҳаргиз падар аз сурату рангам наҳаросад.

Аз меҳри Ватан ҳаст матои дилу ҷонам,
Осуда дар ин пираҳанам руҳу равонам.
Бо мазҳари озодии фархундаи миллат,
Чун кӯҳи сарафрозаму манзури ҷаҳонам!

***Рустам Ваҳҳоб***

# САҲМИ АБУАЛӢ ИБНИ СИНО ДАР РУШДИ ИЛМҲОИ ТАБИӢ ВА РИЁЗӢ

**Асадулло ШАРИФЗОДА – ходими пешбари илмии Институти математикаи АМИТ, барандаи Ҷоизаи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои олимону омӯзгорони илмҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ,**
**Асламбек АМИНОВ – котиби илмии Институти математикаи АМИТ, номзади илмҳои физикаю математика**

**Абуалӣ ибни Сино (980-1037), ки дар ҷаҳони илм бо номи Авитсена маъруф аст, яке аз бузургтарин донишмандони тоҷику форс ба шумор меравад. Ӯ дар рушди илмҳои табиӣ – физика, кимиё, тиб, зоология, ботаника, инчунин, нуҷум ва риёзӣ саҳми арзанда гузоштааст.**

**Дар соҳаи тиб** – асари машҳури ӯ «Қонуни тиб» («Ал-қонун фит тиб») [2;3], садсолаҳо боз китоби дарсӣ ва дастури асосӣ барои донишгоҳҳои тиббии Шарқу Ғарб буд. Дар он Сино сохтор ва фаъолияти узвҳои инсон, бемориҳо ва усулҳои табобатро муфассал шарҳ додааст. Аввалин шуда, сирояти баъзе бемориҳоро тавассути об ва ҳаво шарҳ дода, ба назарияи пешгирии бемориҳо замина гузоштааст. Дар бораи таъсири бемориҳои равонӣ ба саломатӣ низ андешаҳои судманд пешниҳод кардааст.

Абуалӣ ибни Сино дар рушди **илми кимиё** низ саҳми хеле муҳим гузоштааст. Дар замони Сино бисёре аз кимёгарон (алхимикҳо) бовар доштанд, ки бо роҳи химиявӣ метавон мис, оҳан ва дигар металлҳоро ба тилло ё нуқра табдил дод. Шайхурраис аввалин шуда, ин ақидаро рад кард ва исбот намуд, ки табдил додани металлҳои арзон ба тилло ғайриимкон аст.

Абуалӣ ибни Сино моддаҳоро ба ду гурӯҳ ҷудо кард: одӣ (металлҳо, сулфур, намакҳо) ва мураккаб (пайвастаҳо). Инчунин, хосиятҳои моддаҳоро шарҳ дода, ба таъсири гармӣ, хунукӣ ва дигар омилҳо аҳаммият медод. Сино бо металлҳо, кислотаҳо, бухор ва газҳо таҷрибаҳои гуногун



анҷом дод ва мушоҳида кард, ки баъзе моддаҳо ҳангоми якҷо шудан хосиятҳои нав пайдо мекунанд, ки ин таҳқиқот имрӯз заминаи назарияи реаксияҳои кимиёвист. Дар замони Ибни Сино назарияе маъруф буд, ки металлҳо аз сулфур ва симоб сохта шудаанд. Ӯ ин назарияро таҳлил карда, баъзе нуқсонҳои онро нишон дод ва ақидаҳои илмиро мукаммал сохт. Абуалӣ ибни Сино илми кимиёро барои истеҳсоли доруҳо истифода бурда, аз моддаҳои гуногун мис, оҳан, сулфур, намакҳо ва рустаниҳо доруҳо тайёр мекард [4]**.** Ӯ таҷриба ва мушоҳидаҳоро муҳим медонист ва кимиёро аз хурофот ва сеҳр ҷудо карда, онро ба роҳи таҷрибавӣ ва илмӣ арзёбӣ кард. Саҳми асосии Абуалӣ ибни Сино дар он аст, ки ӯ кимиёро ба илми воқеӣ табдил дод, табдилёбии металлҳоро рад кард, моддаҳоро гурӯҳбандӣ намуд ва дар таҳияи доруҳо аз усулҳои кимиёвӣ истифода бурд. Фикрҳои ӯ барои рушди кимиё барои минбаъд, бахусус, дар асрҳои миёна ва давраи нав заминаи муҳим фароҳам оварданд.

**Дар соҳаи ботаника ва зоология** олими нобиға садҳо навъи гиёҳро тавсиф карда, хусусиятҳои шифобахшии онҳоро нишон додааст. Ӯ олами ҳайвонотро низ омӯхта, ба гурӯҳҳо ҷудо намуда, хусусиятҳои ҳаётгузарониашонро шарҳ додааст [5, с. 9-69 ва 80-609].

**Дар соҳаи физика** Абуалӣ ибни Сино дар баробари тиб ва риёзӣ низ саҳми арзанда гузоштааст. Ӯ дар «Китоб уш-шифо» [6] ва дигар асарҳояш қонунҳои асосии табиатро баррасӣ ва фикрҳои пешқадам баён намудааст. Ибни Сино дар физика яке аз олимоне буд, ки қонуни инертсияро баён кардааст: «*Ҷисм то даме, ки қувваи дигар ба он таъсир накунад, ҳаракат ё исташро давом медиҳад*». Ин андеша баъдтар, дар асри 17 аз ҷониби Галилео Галилей ва Нютон ҳамчун Қонуни асосии механика эълон гардид.

Ибни Сино дар якчанд рисолаи хосаи худ, аз ҷумла, «Меъёр-ал-укул» (Меъёри ақл), «Курозаи табииёт» (Қисми табиат), инчунин, «Донишнома», «Китоб-аш-шифо» («Китоби табобат) бо илми табииёт (физика) машғул шудааст. Дар замони мо рисолаи «Курозаи табииёт» ду маротиба чоп шудааст: бори аввал соли 1954 дар шаҳри Теҳрон ва бори дуюм дар шаҳри Душанбе дар доираи «Асарҳои мунтахаб»-и Ибни Сино соли 1983 (ҷилди 2, с.74-96).

«Курозаи табииёт» аз чор қисм иборат аст. Қисми аввал «Андар масоили ҳайвонӣ» номида шуда, аз 60 фасл иборат мебошад ва ба масоили соҳаи зоология бахшида шудааст. Қисми дуюм – «Андар масоили наботӣ» аз 7 фасл иборат буда, масоили соҳаи ботаникаро фаро мегирад. Қисми сеюм – «Андар масоили маъданӣ» ном дошта, 10 фаслро дарбар мегирад ва қисми чоруми он аз 16 фасл иборат аст ва «Андар масоили наводир» ном дорад. Маҳз ҳамин қисм ба ҳаводису воқеаҳои табиат бахшида шуда, саволҳои хоси физикии замони Ибни Синоро дарбар гирифтааст. Дар зер мо аз «Курозаи табииёт» фаслҳо ва масъалаҳои зеринро, ки аслан бо физика марбутанд, меорем:

Боби 1. Чаро, агар шабона бо даст ҷомаи шустаро молиш диҳем, ҳамчун, ҳангоми молиш додани пашми пишак, аз он чахмоқак (искра) ҳосил мешавад?

Боби 2. Чаро дар хонаи торик ҳаворо дидан мумкин асту дар майдони кушод не?

Боби 3. Чаро ҳангоми ба ҳам задани зарфҳои оҳанӣ садо мебароранд, аммо баъди ба онҳо даст расонидан садо нест мешавад, вале барои сурб ва қурғошим ин ҳолат ҷой надорад?

Боби 4. Чаро ҳангоми ях бастани оби кӯза дар зимистон кӯза мекафад?

Боби 5. Чаро шахси боло нишаста, назар ба шахси дар поён нишаста садоро хубтар мешунавад, ҳоло он ки шахси поён нишаста садои шахси боло нишастаро бадтар қабул мекунад?

Боби 6. Чаро шамъ, пеш аз хомӯш гаштан, дар охир дурахшон шуда, хомӯш мегардад, вале лахчаи тафсон ҳангоми хомӯш шуданаш низ дурахшон мегардад?

Боби 7. Чаро шуълаи гулхани оташ аз дур назар ба аслаш бузургтар менамояд, вале ҷисмҳои дигар аз дур хурдтар менамоянд?

Боби 8. Чаро ашё аз паси хрустали сферикӣ чаппагардон менамоянд?

Боби 9. Чаро сафедро осонтару зудтар сиёҳ кардан назар ба сиёҳро зудтар сафед кардан осонтар аст?

Боби 10. Чаро дар биёбон садоро шунидан номумкин аст, ҳоло он ки дар байни кӯҳҳо онро шунидан осон аст?

Боби 11. Киштӣ то кадом андоза дар об ҳаракат карда метавонад?

Боби 12. Чаро рӯшноии Моҳ назар ба рӯшноии Офтоб нисбатан тоза аст?

Боби 13. Чаро Моҳ назар ба ҳамаи ҷирмҳои осмон поёнтар ҷойгир аст?

Боби 14. Сабаби раъд, барқ ва борон, ки аз абрҳо ҳосил мешаванд, дар чист?

Боби 15. Чаро саробро аз дур дидан мумкин асту вақте наздик мешавӣ, заминро мебиниву саробро не?

Абуалӣ ибни Сино қувваро сабаби тағйирёбии ҳаракат шуморида, дар он фикр буд, ки суръат ва ҳаракат вобаста ба андоза ва давомнокии таъсири қувва аст. Сино дар бораи вазни ҷисмҳо ва таъсири онҳо ба ҳаракат фикр ронда, назарияи Арастуро, ки «ҷисмҳои вазнин зудтар меафтанд», рад кард ва изҳор намуд, ки афтидани ҷисмҳо вобаста ба муқовимати муҳит низ мебошад. Ибни Сино равшанӣ ва ҳаракати нурро таҳқиқ кард. Ӯ дуруст фаҳмид, ки нур аз чашм ба ашё намеравад (назарияи қадимии «шуъои чашм»), балки нур аз ашё ба чашм меояд. Дар бораи инъикос, шикаст ва паҳншавии нур фикрҳои илмӣ пешниҳод намудааст.

Абуалӣ ибни Сино сабаби пайдоиши садоро ларзиши ҷисм донист. Ӯ мегӯяд, ки садо тавассути ҳаво ва муҳитҳои дигар паҳн мешавад. Ибни Сино ҳаракати осмонӣ ва падидаҳои табииро на бо хурофот, балки аз рӯи қонунҳои табиат дар заминаи илмӣ шарҳ медод. Ҳамин тариқ, Абуалӣ ибни Сино яке аз аввалин олимоне буд, ки назарияи инертсия, табиати нур,

суръати садо ва ҳаракати ҷисмҳоро дуруст шарҳ додааст. Фикрҳои ӯ ба дастовардҳои олимони баъдина, махсусан, Галилео Галилей, Декарт ва Нютон таъсири калон расониданд.

**Дар соҳаи методология ва ҷаҳонбинии илмӣ** Сино ба таҷриба ва мушоҳида аҳаммияти калон медод. Ӯ илмро танҳо аз рӯйи ақидаҳо қабул намекард, балки бо таҷриба ва санҷиш тасдиқ менамуд. Бо ҳамин роҳ ба илмҳои табиӣ рӯҳи таҷрибавӣ ворид кард.

Абуалӣ ибни Сино риёзиётро ҳамчун **«забони илм»** мешуморид. Яъне, ба он на танҳо масъалаҳои назариявӣ, балки амалии тиб, физика ва мусиқиро ҳал мекард. Ба воситаи ҳисоб ва ченак натиҷаи таҷрибавиро асоснок месохт.

**Дар соҳаи риёзӣ ва астрономия** Абуалӣ ибни Сино на танҳо табибу табиатшинос, балки риёзидони бузург низ буд. Ӯ риёзиётро ҳамчун асоси тамоми илмҳои ақлонӣ ва табиӣ медонист ва онро василаи асосии таҳқиқи қонунҳои табиат мешуморид. Саҳми ӯ дар илми риёзӣ чунин арзёбӣ карда мешавад. Вай дар «Китоб аш-шифо» [6] ва «Донишнома» [7] масъалаҳои алгебраро баррасӣ кардааст. Дар ҳаллу таҳлили муодилаҳои квадратӣ ва кубӣ усулҳои гуногун пешниҳод намуда, бо мисолҳои амалӣ нишон додааст. Ба назарияи ададҳо низ таваҷҷуҳ дошт, хосиятҳои онҳо ва тарзи ҳисобҳоро меомӯхт.

Абуалӣ ибни Сино ҳандаса (геометрия)-ро ҳамчун илм барои дарки фазо ва шаклҳо истифода мебурд. Аз осори Евклид истифода карда, илми ҳандасаро шарҳ ва такмил додааст. Баъзе масъалаҳои марбут ба масоҳат, ҳаҷм ва сохтори ҷисмҳоро таҳқиқ намудааст [8].

Китоби «Татаммат-ун-наҷот» [9] аз ҷумлаи асарҳои «гум»-шудаи Сино ба шумор меравад, ки аз ҷониби шогирди сарсупурдааш Шайх Абуубайд Абдулвоҳид Ибни Муҳаммади Ҷурҷонӣ аз ӯ рисолаи нисбӣ ва хоси ба ҳандаса бахшида шуда, барои чоп омода карда шудааст. Нусхаи аслии он хеле мураккаб навишта шудааст. Хушбахтона, мутарҷими он Ҳусайн Тарбият ин асари классикии қадимиро бо забони форсии тоҷикии шево ва сабки равон баргардонида дастраси мо кардааст.

Илми ҳандасаро Шайхурраис аз хатти рост оғоз кардааст. Дар баробари ин, мафҳуми кунҷи ростро дохил намуда, дар нисбати он кунҷҳои тез ва кундро ворид сохтааст. Минбаъд ӯ бурриши ду хатти ростро оварда, дар ҳамин замина маҳфуми «Хатҳои рости параллел»-ро ҳамчун хатҳои рости буриданашаванда муаррифӣ карда, маҳфуми «ду хатти рости бо ҳам перпендикуляр»-ро муаррифӣ кардааст. Пас аз ин ҳолати бурида шудани ду хатти рости параллел бо хатти рости сеюмро муфассал омӯхта, мафҳумҳои ҳоло дар китобҳои дарсии геометрия расмиятшударо, аз қабили «кунҷҳои дарунии яктарафа», «кунҷҳои берунии яктарафа», «кунҷҳои мувофиқ ва чилликшаванда»-ро бори нахуст ворид сохтааст. Дар ҳамин қисмат теоремаро дар бораи он ки «агар хатти рост яке аз ду хатҳои рости бо ҳам параллелро бурад, он гоҳ вай хатти рости дуюмро низ мебурад», пешниҳод намуда, онро исбот низ кардааст [10, с. 355-365].

Дар фасли дигари ин асар [10, с. 366] мафҳуми «секунҷаро» ворид сохтааст. Сипас доир ба секунҷаи баробарпаҳлӯ, секунҷаи баробартараф таҳқиқот анҷом дода, бо ёрии паргор сохтани секунҷаро аз рӯи тарафҳояш нишон додааст.

Шайхурраис ба дастовархои риёзидонҳои сарзамини бостонии Бобул ва Юнони қадим такя карда, росткунҷа, квадрат ва хосиятҳои онҳоро ворид сохтааст.

Дар фасли ба давра бахшидашудаи «Татамат-ун-наҷот» Ибни Сино дар баробари таърифи ин шакл, мафҳумҳои «Расанда ба давра» хордаи давраро баён сохта, хосиятҳо ва теоремаҳои дар ин самт вуҷуддоштаро нахустин шуда пешниҳод кардааст. Таҳқиқотро дар самти илми ҳандаса идома дода, Шайхурраис дар бораи секунҷаҳои монанд, дар дохили давра кашидани секунҷаи росткунҷа, дар дохили ҳар гуна секунҷа кашидани давраро бо истилоҳҳои муосир (секунҷаи дарункашида ва берункашидаи давра) маънидод кардааст [10 с. 369-372].

Дар бораи хатти миёнаи секунҷа ва хосиятҳои он, хосиятҳои секунҷаҳои монанд далелҳои муътамад пешниҳод кардааст. Ҳамин ақидаҳоро барои бисёркунҷаи барҷаста низ дар шакли бисёркунҷаи дарункашида ва бисёркунҷаи берункашидаи давра умумӣ гардонида, барои росткунҷа ва квадратҳо шартҳои дар дохил ва дар беруни давра тасвир ёфтани онҳоро бо далелҳои боваринок асоснок гардонидааст. Ҷисмҳои алоҳидаи геометрӣ, аз қабили призма, параллелипипед, пирамида, конус ва куб низ мавриди таҳқиқи ин олими забардасти тоҷик қарор гирифтаанд [10, с. 374-392].

Яке аз масъалаҳои муҳимми илми ҳандаса постулати V Евклид ба ҳисоб меравад. Аз ҳар гуна нуқтаи берун аз хати рости додашуда ҷойгирбуда фақат ва фақат хати рости ягонае гузаронидан мумкин аст, ки бо хати рости додашуда параллел бошад. Шакли пешниҳодкардаи Шайхурраис Абуалӣ ибни Сино барои ба миён овардани яке аз геометрияҳои ғайриевклидӣ – бо номи «Геометрияи Н.И. Лобачевский» хидмат кардааст.

Ҳамаи дастовардҳои замонаро дар соҳаи ҳандаса баҳри тасвир кардани нимкураи осмон ва сфераи он татбиқ намуда, баҳри инкишофи илми нуҷум истифода бурдааст [10 с.395-437].

Абуалӣ ибни Сино дар самти тригонометрия аз қонунҳои асосии синус ва косинус истифода мекард. Дар илми астрономия ва ҳисобҳои марбут ба ҳаракати сайёраҳо аз усулҳои тригонометрӣ кор гирифтааст. Ӯ барои таҳқиқи ҷирмҳои осмонӣ ва ҳаракати онҳо аз ҳисобҳои риёзӣ истифода мекард. Ӯ дар китобҳои худ, махсусан, дар «Шифо» ва «Донишнома», ба ҳаракатҳои ситораҳо ва Моҳ ишора кардааст. Гирифти Моҳ ҳодисаи табиӣ аст, вақте ки Замин байни Офтобу Моҳ қарор мегирад. Яъне, пешгӯии Сино дар бораи гирифти Моҳ: «Гирифти Моҳ аз сабаби монеъ шудани шуоъҳои Офтоб бо сояи Замин рӯй медиҳад ва ҳодисаи муқаррарӣ аст».

Ҳамин тариқ, саҳми Абуалӣ ибни Сино дар илми риёзӣ дар он аст, ки ӯ алгебра, ҳандаса, тригонометрия ва астрономияро барои таҳқиқи илмҳои табиӣ истифода бурда, осори пешиниёнро шарҳ ва такмил дод, инчунин, барои рушди минбаъдаи математика дар Шарқ ва Ғарб заминаи муҳим гузошт.

Хулоса, Шайхурраис Абуалӣ ибни Сино яке аз поягузорони илмҳои табиӣ дар асрҳои миёна (асрҳои X-XI) ба ҳисоб меравад. Ӯ илмро дар доираи фалсафаи умумӣ ҷудо карда, ба он асоси таҷрибавӣ дод. Китобҳои ӯ садсолаҳо дар Аврупо ва Осиё ҳамчун манбаи дониш истифода мешуданд ва то имрӯз арзиши илмӣ ва таърихии худро гум накардаанд.

**Адабиёт**:


1. Воскобойников, В. Ҳакими бузург. AVICENNA. – Душанбе: Ирфон, 1980.
2. Абуалӣ ибни Сино. Осор. Ҷ. 13. Қонуни фит-т-тиб (китоби дуюм). – Душанбе: Дониш, 2012. – 958 с.
3. Абуали ибн Сина. Канун врачебной науки. В 5 т. – Ташкент, 1956-1960.
4. Ибни Сино. Оғози китоб андар қонунҳои табиии доруҳои сода ва шинохтани қувваҳои онҳо. – Душанбе. – 490 с.
5. Ибн Сина (Авиценна), Книга о растениях. Книга о животных. Из энциклопедии «Книга исцеления». – Душанбе, 2021. – С. 702.
6. Абуали ибни Сино. Осор. Ҷ. 5. Аш-шифо. – Душанбе: Дониш, 2010. – С. 41-700.
7. Абуали ибн Сина. Математические главы «Данишнаме». – Душанбе: Ирфон, 1967. – 180 стр.
8. Абуалӣ ибни Сино. Осори мунтахаб (иборат аз 10 ҷилд). Ҷ 1. Табииёт. – С. 108-139.
9. Абуалӣ ибни Сино. Татаммат-ун-наҷот (тарҷумаи арабӣ). Институти шарқшиносии АФ РССТ, 1980.
10. Абуалӣ ибни Сино. Осор. Ҷ. 3. – Душанбе, 2007.
11. Комилов, А. Курозаи табииёт. – Душанбе: Дониш, 1990.


Самъу басар асту шамму завқ асту масос,
Маҷмуи ҳавоси зоҳир, эй муъҷизи нос,
Пас муштарака, мухайяла, фикрату ваҳм,
Бо ҳофиза дон ту панҷ ботин зи ҳавос.

**Абуалӣ ибни Сино**

# КИТОБҲОИ НАСЛИ НАВ: КИТОБИ ЗАБОН БЕНУҚСОН БОШАД!

## (Назаре ба нашри нави китоби дарсии «Забони тоҷикӣ», барои синфи 5, соли 2024)



**Шаҳбоз РУСТАМШОЗОДА – директори филиали Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф дар шаҳри Кӯлоб**

**Яке аз масъалаҳои муҳимми зинаи таҳсилоти миёнаи умумӣ ва дар умум соҳаи маориф таълифи китобҳои дарсии насли нав мебошад. Китоби дарсӣ бояд хонандаро на фақат ба дараҷаи шинохти илм расонад, балки андешаи ӯро бедор созад, дар ниҳоди хонанда ҷаҳонбинии дунявӣ, эҳсоси ватандӯстӣ ва худшиносии миллиро ташаккул диҳад.**

**Эмомалӣ Раҳмон**

Ҷойи зикр ва шукргузорист, ки тайи солҳои соҳибистиқлолӣ дар низоми соҳаи маорифи кишвар дигаргуниҳои куллӣ ба миён омада истодаанд. Ҳамаи ин, пеш аз ҳама, бо дастгириҳои пайвастаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон рӯйи кор омада, дар ин замина, Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ва зерсохторҳои он низ рисолати худро бо сарбаландӣ иҷро намуда, ҷиҳати боз ҳам беҳтар гардидани сифати таҳсилот дар муассисаҳои таълимӣ кӯшиш намуда истодаанд. Таҳия ва нашри нақшаву барномаҳои таълимӣ, дастурҳои таълимӣ-методӣ, китобҳои дарсӣ ва дигар васоити таълимӣ аз самтҳои муҳим ва асосӣ барои рушди ҳамаҷонибаи омӯзиши омӯзгорону хонандагон ба ҳисоб меравад. Чунин самти кор дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ аз мадди назари масъулин ва мутахассисони соҳа дур намондааст ва беш аз пеш ба ин самт диққати бештар дода мешавад. Китоби дарсии забони тоҷикӣ воситаи асосии омӯзиш ва дарки маводи таълимӣ буда, он барои омӯзгор ва хонандагон муҳим арзёбӣ мегардад ва дар маҷмуъ бо маводи назариву амалӣ ва тарзи ҷобаҷогузории онҳо аз рӯи принсипи муттасилию пайдарҳамии фаслу бобҳо ва мавзуъҳои таркибӣ тартиб дода шудааст.




Боиси хушнудист, ки китоби дарсии «Забони тоҷикӣ» барои синфҳои 5 вобаста ба талаботи замони муосир таҳия шуда, соли 2024 тавассути нашриёти «Маориф» бо теъдоди 225 000 нусха аз чоп баромад. Китоби мазкур аз тарафи ҳайати таҳиягарон: Саида Набизода, Муҳаммаддовуд Саломиён, [Қутбиддин Мухторӣ], Хуршед Камолзода, Бибиҷон Умарова, Дилором Абдуллоева ва Хосият Аҳмадова омода шудааст.

Китоб бо сифати баланд ва истифодаи рангҳо ҷолиби таваҷҷуҳ буда, диққати хонандагонро ба худ ҷалб карда метавонад. Он дар асоси меъёрҳои муносибати босалоҳият ба таълим таҳия шуда, дар ҳар як фасл 5 усули пешрафти омӯзиш, яъне, *марҳалаи кӯшиш мекунем, мушоҳида*

*мекунем, хулоса мекунем, татбиқ мекунем ва мулоҳиза мекунем* рушд дода мешавад. Маводи таълимии китоби мазкур барои ҳар фасл қолиб буда, иҷрои супоришҳо дар чанд шакл пешниҳод шудааст ва хонанда бо такрори он ба моҳияти мавзуъ сарфаҳм рафта метавонад. Агар мо дар шакли анъанавӣ ҳангоми гузаштани як мавзуъ ва соатҳои дигар ба он барнагардем, дар китобҳои нав пас аз ҳар як супориш мавзуъҳои гузашта такрор мешаванд ва иҷрои онҳо қадам ба қадам сурат мегирад. Дар китоби дарсӣ асосан ба рушди салоҳияти коммуникативии хонандагон таваҷҷуҳи зиёд зоҳир намуда, аксари мавзуъҳо хусусияти ин навъи салоҳиятро дороанд. Бартарии китоби мазкур аз дигар китобҳо дар он аст, ки дар он усулҳои фаъоли таълим рушд дода, иҷрои супоришҳо тариқи корҳои инфиродӣ, дунафарӣ ва гурӯҳӣ оварда шудааст. Инчунин, ҳангоми иҷрои супоришҳо ва ҷамъбасти фаслҳо худбаҳодиҳӣ, муҳокимаронӣ, проблемагузорӣ, ҳамкорӣ байни хонандагон, муайян намудани мушкилии таълимӣ, арзёбӣ ва ислоҳи ғалатҳо оварда шудааст.

Китоби дарсӣ дар асоси барномаи таълимии фаннӣ таҳия гардида, ба рушди салоҳиятҳои забонӣ ва иртиботӣ (коммуникативӣ)-и хонандагон нигаронида шуда, ба талаботи замони муосир ҷавобгӯ аст. Яке аз паҳлуҳои муҳим ва асосии китоби мазкур, мустақилият, худбаҳодиҳӣ, эҷодкорӣ, ҳамкорӣ ҳангоми иҷрои супоришҳо дар хонандагон мебошад. Хонандагон супоришҳоро бевосита худашон иҷро намуда, бо ҳамсинфонашон муҳокима ва ғалатҳои содиркардаашонро ислоҳ мекунанд. Дар чунин шакл чоп шудани китобҳои дарсӣ, ба манфиат буда, дар хонандагон меҳри дӯст доштани забони тоҷикӣ, эҷодкорӣ, тафаккури интиқодиро талқин мекунад. Дар баробари китоб «Тавсияҳои методӣ барои омӯзгор», «Варақаи арзёбӣ», «Барномаи таълимии забони тоҷикӣ барои синфи 5» ва «Дафтари хонанда» низ тавсия шудааст.

Бояд махсус қайд намуд, ки ҳар як мавод ва ё таълифоте, ки чоп мешавад, аз ғалатҳои имлоию услубӣ ва китобатӣ орӣ нест. Эроду тавсияҳое, ки мо пешниҳод мекунем, аксаран ғалатҳои техникӣ буда, умедворем, дар нашрҳои минбаъда маҷмуи маводи таълимӣ (китоб, роҳнамо ва дафтар) ба доираи васеи хонандагону омӯзгорон хубтару беҳтар дастрас мегардад. Вобаста ба ҳар яке аз маводи нав фикру андешаҳо худро ба таври умумӣ баён менамоем. Пеш аз андешаронӣ сарлавҳаи мақолаи устоди зиндаёд Қаюм, Сангов, ки яке аз методистони маъруфи тоҷик буд, номгузорӣ намудем: «Китоби забон бенуқсон бувад!»

Дар баробари муваффақиятҳои дар китоби мазкур ҷойдошта, якчанд норасоӣ ё камбудиҳое низ ҷой доранд, ки ислоҳи онҳо ҳам ба сифати китоб ва ҳам ба сифати таълим таъсири мусбат мерасонанд. Бовар дорам, ки муаллифони китоб ин норасоиҳоро хуб қабул намуда, дар беҳтар гардидани нашрҳои минбаъда ба назар мегиранд.

1. Дар муқаддимаи китоби мазкур, ки унвони «Хонандагони азиз!»-ро дорад, ҷумлаи аввали таъкидӣ услубан ғалат буда, ислоҳи он зарур шуморида мешавад. Масалан: «*Айни ҳол шумо нусхаи нави китоби дарсии «Забони тоҷикӣ» ва Дафтари хонанда дар дасти шумост».* (саҳ.3). Ҷумлаи мазкур бояд дар шакли зерин бошад: «*Айни ҳол шумо нусхаи нави китоби дарсии «Забони тоҷикӣ» ва «Дафтари хонанда»-ро дар даст доред;* Ё дар ҷумлаи мазкур: «*Субҳи зуд ман туро дар баромадгоҳи деҳа интизор мешавам».* (саҳ.32) Ибораи «субҳи зуд» дар шакли ғалат буда, мазмуни матнро вайрон намудааст;

2. Истифодаи ибораҳоеро, ки ба дарки фаҳмиши хонанда мушкилӣ меоранд, метавон ба шакли дигари содатар истифода кард, ба монанди, *Кони мулоҳиза (саҳ. 4);*

3. Ғалатҳои имлоӣ низ дар қисме аз калимаҳо ё ибораҳои китоб мушоҳида шуданд, ки ин аз назари хонандаи закӣ дур монда наметавонад. Мисол, «*писари баодаб» (саҳ.7), сархатт (саҳ.46).*

4. Аломатҳои китобат низ ҷузъи муҳимми фаҳми ҷумла ва ё матн буда, дуруст гузоштани он мазмуни ҷумларо пурра мекунад. Мисол, дар ҷумлаи *Исмҳоро дар ҷумлаҳои навиштаатон муайян кунед (саҳ. 11)* аломати китобатии нуқта гузошта нашудааст. Дар саҳифаи 44 баъди калимаи *«Инчунин»* вергул гузошта нашудааст. Дар саҳифаи 7, марҳалаи «Хулоса мекунем»-*таҳияи, қоида*. Аломати вергул зиёдатӣ буда, алоқаи тобеъ нест;

5. Тибқи Қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ ва аломатҳои китобат, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, №268 тасдиқ шудааст, агар ҳарфҳо барои муайян кардани шумораҳои бо рақам ифодаёфта оянд, чунин навишта мешаванд: $3^а$, $3^б$. Аммо дар матни китоби дарсӣ мушоҳида шуд, ки талаботи мазкур риоя нашудааст: *«..хонандаи синфи 1 «А» (саҳ. 21).* Боз

дар саҳифаи 21-и китоб ҳамин тартиб дар шакли зерин *1 «а», Роҳбари синфи 1 «А»* омадааст, ки ислоҳ мехоҳад;

6. Бояд махсус қайд намуд, ки дар китоби дарсӣ матнҳое, ки ба хотири азхудкунии мавзуи дарсӣ истифода бурда мешаванд, дар баробари рушди салоҳиятҳои забонӣ, инчунин, ҷанбаҳои тарбиявӣ ҳам доранд. Ҳамчунин, матнҳо ба фаслҳои сол мувофиқ буда, татбиққунандаи мақсадҳои дарс бояд бошанд. Дар фасли 5, ки мавзуи «Овоз ва ҳарфҳои «у» ва «ӯ», (саҳ.38) таълим дода мешавад, матни «Кӯҳистони Хатлон» оварда шудааст. Матни мазкур дар марҳалаи «Мушоҳида мекунем» барои роҳҳои ҳалли мушкилот равона шуда, хонандаро баҳри ҳалли саволи калидӣ роҳнамоӣ мекунад. Дар матни мазкур сухан дар бораи Ховалинг ва Балҷувон меравад, аммо расми мавзеи Чилдухтарони ноҳияи Муъминобод оварда шудааст;

7. Истифодаи зиёди калимаҳои арабӣ низ дар китоб мушоҳида шуд, ба монанди мутолиа, *тахайюл...* Муаллифонро мебояд, ки бештар аз калимаҳои маъмули забони тоҷикӣ ва фонди асосӣ истифода намоянд;

8. Яке аз хусусиятҳои муҳимми китобҳои дарсӣ мувофиқ будани матнҳо ба мавзуъ ва фаслҳои сол мебошад. Аз рӯйи барномаи таълимӣ мавзуъҳо ба рӯзҳои муайян ҷудо карда мешаванд ва матни китобҳо вобаста ба мавзуъ ва муҳимаш ба фаслҳои сол мувофиқ нестанд;

9. Дар нақшаи тақвимӣ, ки дар барнома оварда шудааст, мавзуи забон ва сухан нест. Ҳол он ки дар китоби дарсӣ ин мавзуъ нишон дода шудааст. Инчунин, муқаддима дар охири нақшаи тақвимӣ нишон дода шудааст (нигаред ба тавсияҳои методӣ барои омӯзгор, саҳ.5.);

10. Дар саҳифаҳои 8, 10, 12, 14, 16, с.17, 21, 28, 30, 32, 39, такрори калима, ташдиди беҷо, ба ғалат роҳ додан ҳангоми аз як сатр ба сатри дигар гузаронидани ҳиссаи калимаҳо дида мешаванд, ки асосан ба ғалатҳои техникӣ рабт доранд;

11. Шакли нодурусти «Барномаи таълими забони тоҷикӣ барои синфи 5» зикр шудааст, ки боиси алоқаи пайваст нагардидани калимаҳо гардидааст. Агар ба таври «Барномаи таълимии забони тоҷикӣ барои синфи 5» меомад, беҳтар буд;

12. Пешниҳоди супоришҳо барои ҳар як фасли китоб зиёд буда, вобаста ба соати ҷудошуда, ҳалли онҳо мушкилтар аст. Масалан, дар фасли 10 аз фанни Забони тоҷикӣ барои синфи 5 мавзуи «Тавсифи шахс» 7 соат ҷудо шудааст. 5 соати он барои азхудкунии мавзуъ ва 2 соати дигар барои арзёбӣ ва ислоҳи ғалатҳо муайян шудааст. Дар маҷмуъ барои мавзуъ 28 супориш дода шудааст, ки хеле зиёд аст ва иҷрои онҳо дар вақти ҷудошуда мушкил аст;

Дар маҷмуъ, китоби дарсии «Забони тоҷикӣ» барои синфи 5 бо фарогирии маводи ҷолиби таълимӣ, нақшаю расмҳо дар баланд бардоштани дониши хонандагон ва рушди салоҳияти забонӣ ва коммуникативии онҳо мадад мерасонад. Аз ин рӯ, ҷиҳати боз ҳам босифат ва орӣ аз ғалатҳои гуногуни забонӣ чоп шудани нашри дуюми китоб аз ҳамаи методистон, омӯзгорони муассисаҳои таълимӣ, муаллифони китобҳои дарсӣ мавқеи худро муайян намоянд. Инчунин, барои омода намудани китобҳои дарсии фанҳои таълимии муассисаҳои таҳсилоти умумӣ, аз ҷумла «Забони тоҷикӣ» чунин пешниҳод менамоем:

- ҳангоми интихоби мавзуъҳо талаботи барномаи таълимиро ба инобат гиранд, чунки дар китоби синфи 5 мавзуъҳое баррасӣ мегарданд, ки дар барномаи таълимии пешина нестанд ва ба салоҳиятҳои забонии хонандагон камтар аҳаммият дода шудааст;
- ҷиҳати боз ҳам беҳтар гардидани дониши хаттӣ ва шифоҳии хонандагон лозим аст, ки меъёри риояи корҳои хаттӣ ба назар гирифта, дар баробари дигар мавзуъҳо, дар нақшаи тақвимӣ аз рӯйи синфҳо ҷой дода шавад;
- варақаи арзёбӣ кори зиёдатӣ буда, дар охири ҳар фасл дар дафтари хонандагон нишон дода мешуд, ба фоидаи кор мешуд.

Бояд қайд кард, ки гузариш ба чунин шакли китобҳо ниҳоят муҳим ва заҳмати муаллифон шоистаи таҳсину офаринҳост. Инро хонандагону омӯзгорон ва мутахассисони соҳа пас аз шинос шудани китоб ва маводи ёрирасон дарк карда метавонанд. Мутмаинем, ки пас аз ислоҳи камбудиҳои ҷойдошта сифати китоби мазкур боз ҳам беҳтар гардида, ба рушди салоҳиятҳои хонандагон мусоидат мекунад.

# КИТОБИ ЗАБОН БЕНУҚСОН МЕШАВАД, АГАР...

***(Дар ҳошияи мақолаи Шаҳбоз Рустамшозода, директори филиали Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф дар шаҳри Кӯлоб «Китобҳои насли нав: китоби забон бенуқсон бошад!»)***

**Саида НАБИЗОДА, Дилором АБДУЛЛОЕВА – муаллифони насли нави китоби «Забони тоҷикӣ» барои синфи 5**

> **Китоби дарсӣ бояд хонандаро на фақат ба дараҷаи шинохти илм расонад, балки андешаи ӯро бедор созад, дар ниҳоди хонанда ҷаҳонбинии дунявӣ, эҳсоси ватандӯстӣ ва худшиносии миллиро ташаккул диҳад.**
>
> **Эмомалӣ Раҳмон**

Ба ҳамаи мову шумо маълум аст, ки яке аз масъалаҳои муҳимми зинаи таҳсилоти миёнаи умумӣ ба таълифи китобҳои дарсӣ рабт дорад. Китоби дарсӣ дар раванди таълиму тарбия ҳамчун муҳимтарин воситаи таълим маҳсуб ёфта, ду паҳлуи муҳимми таҳсилот – таълим ва тарбияро фаро мегирад. Он бояд хонандаро на фақат ба дараҷаи шинохти илм расонад, балки андешаи ӯро бедор созад, дар ниҳоди хонанда ҷаҳонбинии дунявӣ, эҳсоси ватандӯстӣ ва худшиносии миллиро ташаккул диҳад. Китоби дарсӣ дар инсонсозӣ таъсири бештар дошта, вобаста ба мазмуну муҳтаво дар бунёди оияндаи насли наврас ва ҷомеаи дурахшон нақши муҳим мебозад. Аммо бояд фаромӯш накард, ки таълифи китоби дарсӣ кори саҳл нест. Он аз шахс дар баробари донишҳои ихтисосӣ, донишҳои қавии педагогиву психологӣ, методӣ, дидактикӣ, малака, таҷриба, заҳмати зиёд металабад, зеро муаллифи китоб дар шалкгирии донишу ҷаҳонбинӣ, рушди тафаккур, инкишофи нутқ, эҷодкорӣ ва тарбияи ахлоқии хонандагон шахси калидӣ ба шумор меравад. Барои муаллифи китоб шудан донишҳои назариву амалӣ баробар хидмат мекунанд. Барои ҳамин муҳим нест, ки муаллиф олим аст ё муаллими одӣ ва ё корманди дигари соҳа, муҳим донишу таҷрибаву заковату ҳунари ӯст.


ИСЛОҲОТ

КИТОБҲОИ НАСЛИ НАВ: КИТОБИ ЗАБОН БЕНУҚСОН БОШАД!

(Назаре ба нашри нави китоби дарсии «Забони тоҷикӣ», барои синфи 5, 2024)

Шаҳбоз РУСТАМШОЗОДА – директори филиали Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф дар шаҳри Кӯлоб

Яке аз масъалаҳои муҳимми зинаи таҳсилоти миёнаи умумӣ ва дар умум соҳаи маориф таълифи китобҳои дарсии насли нав мебошад. Китоби дарсӣ бояд хонандаро на фақат ба дараҷаи шинохти илм расонад, балки андешаи ӯро бедор созад, дар ниҳоди хонанда ҷаҳонбинии дунявӣ, эҳсоси ватандӯстӣ ва худшиносии миллиро ташаккул диҳад.

Эмомалӣ Раҳмон

Ҷойи зикр ва шукргузорист, ки тайи солҳои соҳибистиқлолӣ дар низоми соҳаи маорифи кишвар дигаргуниҳои куллӣ ба миён омада истодаанд. Ҳамаи ин, пеш аз ҳама, бо дастгириҳои пайвастаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон рӯйи кор омада, дар ин замина, Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ва зерсохторҳои он низ рисолати худро бо сарбаландӣ иҷро намуда, ҷиҳати боз ҳам беҳтар гардидани сифати таҳсилот дар муассисаҳои таълимӣ кӯшиш намуда истодаанд. Таҳия ва нашри нақшаву барномаҳои таълимӣ, дастурҳои таълимӣ-методӣ, китобҳои дарсӣ ва дигар васоити таълимӣ аз самтҳои муҳим ва асосӣ барои рушди ҳамаҷонибаи омӯзиши омӯзгорону хонандагон ба ҳисоб мераванд. Чунин самти кор дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ аз мадди назари масъулин ва мутахассисони соҳа дур намондааст ва беш аз пеш ба ин самт диққати бештар дода мешавад. Китоби дарсии забони тоҷикӣ воситаи асосии омӯзиш ва дарки маводи таълимӣ буда, он барои омӯзгор ва хонандагон муҳим арзёбӣ мегардад ва дар маҷмуъ бо маводи назариву амалӣ ва тарзи ҷобаҷогузории онҳо аз рӯи принсипи муттасилию пайдарҳамии фаслу бобҳо ва мавзуъҳои таркибӣ тартиб дода шудааст.

Боиси хушнудист, ки китоби дарсии «Забони тоҷикӣ» барои синфҳои 5 вобаста ба талаботи замони муосир таҳия шуда, соли 2024 тавассути нашриёти «Маориф» бо теъдоди 225 000 нусха аз чоп баромад. Китоби мазкур аз тарафи ҳайати таҳиягарон: Саида Набизода, Муҳаммадовуд Саломиён, [Кутбиддин Мухторӣ], Хуршед Камолзода, Бибиҷон Умарова, Дилором Абдуллоева ва Хосият Аҳмадова омода шудааст.

Китоб бо сифати баланд ва истифодаи рангҳо ҷолиби таваҷҷуҳ буда, диққати хонандагонро

Вазорати маориф ва илм таҳти роҳнамоиҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, бахусус, дастуру тавсияҳои Пешвои миллат дар ин самт бо дастгириву ҳамкории шарикони рушд ба таҳия ва таълифи барномаҳои таълимӣ ва китобҳои дарсии насли нав пардохтааст. Соли таҳсили нав хонандагони синфҳои 5 аз фанҳои «Забони тоҷикӣ» ва «Математика» маҷмуи маводи таълимиро ба даст гирифтанд. Яъне, гурӯҳҳои корие, ки аз ҷониби Вазорати маориф ва илм бо ҷалби омӯзгорони собиқадору навҷӯ, олимон, мутахассисони соҳа таъсис ёфтанд, тӯли се сол стандарту барномаи таълимӣ, китоби дарсӣ, Тавсияҳои методӣ барои омӯзгорон, дафтар (дар ду қисм), Арзёбиро омода ва пешниҳод карданд. Тавре ки аз муҳтавои лоиҳаи мазкур бармеояд, ҳамаи маводе, ки барои осон кардани таълим истифода мешавад, бояд аз чор паҳлуи Барномаи таълим бар асоси салоҳиятҳо мувофиқ бошад. Яъне, онҳо бояд *ба хонанда нигаронидашуда; мутобиқ ба меъёрҳои инфиродӣ ва мутафовит (фарққунанда); бар пояи воқеаҳои ҳаётӣ, аз ҷумла, таҷриба ва манфиатҳои хонандагон; рӯ ба инкишоф, яъне баҳисобгирии рушди салоҳиятнокӣ, малака ва дониши хонандагон дар дохили синф ва берун аз он* бошанд.

Ҳадафҳои асосии маводи таълимӣ, ки ба татбиқи Барномаи таълим бар асоси салоҳият мусоидат мекунанд, хонандагонро дар маркази раванди таълим гузоштан ва ёрӣ расондан ба омӯзгорон дар баргузории дарсҳои ба хонандагон нигаронидашуда мебошанд. Чунончи, китоби насли нав:

- **доимо ба хонандагон муроҷиат мекунад** (ба онҳо саволҳо медиҳад, онҳоро дар роҳи кашфиёт роҳнамоӣ мекунад, ба онҳо имкон медиҳад, ки таҳқиқот баранд, мубодилаи афкор намоянд, бо ҳамсабақон кор кунанд, хулоса бароранд, дар бораи тафаккури худ, афзалиятҳо, манфиатҳо хулосаҳои академӣ бароранд);
- **ба рушди салоҳиятнокии хонандагон мусоидат мекунад.** Барои ин, истифодаи усули масъалагузорӣ (ба мушкилот нигаронидашуда) пешниҳод карда мешавад, ки дар он хонандагон таҳлил, муошират, тафаккури мантиқӣ, эҷодкорӣ ва ҳалли мушкилотро меомӯзанд, зеро танҳо фаҳмондани қоида (математикӣ, забонӣ ё дигар) ба онҳо имкон намедиҳад, ки ин салоҳиятҳоро аз худ кунанд;
- **ба дарс нигаронидашуда**: омӯзгор каму беш мефаҳмад, ки чараёни дарс дар асоси ҳар як бахши мавод бояд чӣ гуна бошад, зеро мавод на танҳо ба мундариҷаи мавзуъ, балки ба сохтори роҳи таълим нигаронида шудааст;
- **омӯзгор метавонад ба он пайравӣ кунад** ва дарси ба хонанда нигаронидашударо гузаронад, ҳатто дар ҳолате ки ӯ комилан нафаҳмад, ки чӣ гуна онро мустақилона ба даст меоварад. Айни замон, аксари омӯзгорон наметавонанд муносибати босалоҳиятро бе маводҳое, ки барои пеш бурдани он таҳия шудаанд, амалӣ созанд.

Ба ин тариқ, бастаи маводи таълимии омӯзишӣ, ки пешниҳод шудааст, аз унсурҳои зерин иборат аст:

1. Китоби дарсӣ бо хонанда *суҳбат мекунад*, ӯро дар раванди кушодан ва ҳалли мушкилот ва расидан ба салоҳиятҳои фаннӣ роҳнамоӣ мекунад. Дар айни замон ду шакли пешниҳоди чунин китоб баррасӣ карда мешавад:

- Хонандагон бояд Дафтари хонандаро мувофиқи тартиботи пешниҳодшуда (саволҳо, маслиҳатҳо ва ҳалли мушкилот дар машқҳо) пур кунанд, ба саволҳо ҷавоб диҳанд, бо ҳамдигар баррасӣ кунанд, фикрҳои худро нависанд ва ғайра. Дар ин муносибат омӯзгорро мебояд, таваққуф кунад ва ба хонандагон имкон диҳад, ки мустақилона кор кунанд, қисмҳои кори ба нақша гирифташударо ба осонӣ аз даст надиҳанд ва инчунин, ба хонандагон супоришҳои амалии бештар диҳанд (масалан, пур кардани схема ё ҷадвалҳо). Нигаронии асосии ин муносибат дар он аст, ки дафтарҳои корӣ такроран истифода намешаванд, аз ин рӯ, хароҷот барои чопи ҳарсолаи дафтарҳои кории нав пеш меояд.
- Китобҳои дарсӣ барои хонандагон бо саволҳо ва маслиҳатҳо пешниҳод мешаванд, аммо бидуни ҷой барои пур кардан. Ин муносибат нишон медиҳад, ки хонандагон ба саволҳо ҷавоб диҳанд, машқҳоро дар дафтарҳои худ иҷро кунанд. Афзалияти ин муносибат дар он аст, ки китобҳоро метавон дубора истифода бурд. Камбудии асосӣ он аст, ки кор бо хонандагон вақти бештарро талаб мекунад (хонандагон бояд схемаву ҷадвалҳо ва ғайраро пеш аз пур кардан худашон кашанд), инчунин, бо чунин қолаби кор омӯзгорон аз партофтани саволу супоришҳои ба хонандагон нигаронидашуда ва пайравӣ ба сохтори дарси барояшон маъмул камтар худдорӣ мекунанд.

2. Тавсияҳои методӣ барои омӯзгор тарзи гузарондани дарсҳоро дар асоси пайдарпайии амалҳои дар китоби дарсӣ овардашуда шарҳ медиҳанд. Дастури мазкур тавсияҳоро дар раванди дарс дар ҳар марҳила тавассути кор дар гурӯҳҳо, кори инфиродӣ ё кор дар тахтаи синф пешниҳод карда, роҳнамоӣ ба хонандагон ва мустақилона кор кардан дар марҳилаҳои гуногун, диққат додан, ҷавоб додан ба саволҳои хонандагон ва ғайраро дар бар мегирад.

Китобҳои насли нав пеш аз чопи пурра зина ба зина дар 30 мактаби озмоишӣ мавриди коркард қарор мегиранд. Масъалаи муҳим омӯзиши омӯзгорон барои гузарондани дарсҳо дар асоси маҷмуи маводи таълимист. Дигар, ҷамъоварии пайвастаи маълумот аз мактабҳои пилотӣ дар давоми соли таҳсил барои такмили маводи таълимии синфи навбатӣ ва рушди касбияти омӯзгорон аст, ки хушбахтона, ин ҷиҳат ҳамеша дар мадди назари гурӯҳи корӣ қарор дорад.

Ёдовар мешавем, ки китобҳои насли нав (манзур, Забони тоҷикӣ ва Математика) дар доираи лоиҳаи Бонки исломии рушди шариконӣ глобалӣ дар соҳаи маориф оид ба татбиқи

Стратегияи рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои то соли 2030 дар самти «Тақвияти низоми дастгирии омӯзгорон дар раванди татбиқи муносибати босалоҳият ба таълим» таҳия шуда истодаанд. Гурӯҳи корӣ омӯзиши ин маҷмуаи маводи таълимиро дар як қатор мактабҳои озмоишӣ мавриди омӯзиш қарор дод. Табиист, ки дар ин ҳолат кор бе камбудӣ намешавад. Агарчи ҳар чи ки аз ҷониби гурӯҳи корӣ омода гардида, ба муқарризон ҳам дастрас шуд ва дар мувофиқа ислоҳҳо ворид шуданд, қадами аввал дар ин роҳ бе нуқсон буда наметавонад.

Чунончи, Шаҳбоз Рустамшозода - директори филиали Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф дар шаҳри Кӯлоб, ҳамзамон, яке аз аъзои гурӯҳи корӣ дар натиҷаи мушоҳидаҳо ва суҳбат бо омӯзгорон баъзе андешаҳои худро тавассути ҳафтаномаи «Омӯзгор» баён кард. Мавсуф баъди истиқболи гарм аз китобҳои насли нав, чанде аз камбудиҳоеро, ки дар бастаи маводи таълимӣ рух додаанд, номбар ва ҳамзамон, тавсияҳои худро пешниҳод кардааст, ки мо, муаллифон, барои баёни холисонаи фикру пешниҳодҳо ва ёдовар шудан аз ғалатҳои техникиву имлоӣ ба эшон изҳори миннатдорӣ менамоем. Муаллиф пешниҳод кардааст, ки *ҳангоми интихоби мавзуъҳо дар китоби синфи 5 мавзуъҳое баррасӣ мегарданд, ки дар барномаи таълимии пешина нестанд ва ба салоҳиятҳои забонии хонандагон камтар аҳаммият дода шудааст*. Дарвоқеъ, ин масъала аллакай дар таълифи китобҳои синфи 6-7 ба эътибор гирифта шудааст.

Пешниҳоди беҳтарини муаллиф дар масъалаи *барои боз ҳам беҳтар гардидани дониши хаттӣ ва шифоҳии хонандагон ба назар гирифтани меъёри риояи корҳои хаттӣ ва дар баробари дигар мавзуъҳо, дар нақшаи тақвимӣ аз рӯйи синфҳо ҷой додани онҳо* воқеан, қобили қабул аст. Мо аллакай ин масъаларо бознигарӣ карда, ба мутахассисон пешниҳод кардаем ва мутмаинем, баъди мувофиқа он дастраси омӯзгорон гардонда мешавад.

Ш. Рустамшозода *пешниҳоди варақаи арзёбиро кори зиёдатӣ дониста, пешниҳод мекунад, ки дар охири ҳар фасл он дар дафтари хонандагон нишон дода шавад, беҳтар аст.* Ин масъала ҳам дар гурӯҳ дида мешавад.

Барои кори босифат дар ин маврид робитаи зичи назария бо амалия ногузир аст. Ин робитаро маҳз шумо, омӯзгорони фаъол метавонед, рушд бахшед ва дар чопи босифити китобҳои налси нав дар оянда саҳмгузор бошед. Танҳо дар ин сурат метавон гуфт, ки китоби забон бенуқсон мешавад. Мо, албатта, мулоҳизаҳои пешниҳоднамудаи Шаҳбоз Рустамшозодаро дар чопи навбатии бастаи маводи таълимӣ ба назар мегирем. Муҳим ин аст, ки дар амалӣ гардондани ҳадафҳои интихобшуда дар мавриди пешниҳоди китобҳои насли нав омӯзгорон шахси калидӣ будани худро собит карда тавонанд.

Маёсой аз омӯхтан як замон,
Зи дониш маяфкан дил андар гумон!

***

Ба омӯхтан чун фурӯтан шавӣ,
Суханҳои донандагон бишнавӣ.

**Абулқосим Фирдавсӣ**

# СТЕМ: ҲАДАФ БАЛАНД БАРДОШТАНИ СИФАТИ ТАҲСИЛОТ



**Набӣ ҚОДИРОВ – мутахассиси пешбари шуъбаи фанҳои табиатшиносӣ ва дақиқи Академияи таҳсилоти Тоҷикистон**

**Дар шароити рушди босуръати илм ва технология, зарурати навсозии равишҳои таълимӣ дар фанҳои табиӣ (биология, химия, физика, география) беш аз пеш эҳсос мегардад. Яке аз равишҳои муассир дар ин самт муносибат ба СТЕМ мебошад, ки бо навгониҳои педагогӣ ҳамоҳанг шуда, барои баланд бардоштани сифати таълим мусоидат мекунад.**

Дар доираи ислоҳоти соҳаи маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон, солҳои охир ба равиши СТЕМ таваҷҷуҳи бештар зоҳир карда мешавад. Дар ин замина, дар ҳамкорӣ бо шарикони рушд таҳияи барномаҳои таълим ва китобҳои дарсӣ аз фанҳои биология, химия ва физика ба роҳ монда шудааст, то мундариҷаи таълими ин фанҳо ба талаботи замони муосир ва стандартҳои байналмилалӣ ҷавобгӯ бошад. Мақсади асосии ин тағйирот дар он аст, ки хонандагон аз усулҳои назариявии хушку холӣ дур шуда, ба таҷрибаҳои амалӣ ва тафаккури таҳлилӣ рӯй оваранд. Таваҷҷуҳ намудани маорифи кишвар ба равиши СТЕМ барои тарбияи мутахассисони ояндаи соҳаҳои муҳандисӣ, иттилоотӣ ва технологӣ зарур мебошад, ки ин ба амалишавии ҳадафи стратегии кишвар – «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф» мусоидат мекунад.

Таваҷҷуҳи махсус ба таҷдиди лабораторияҳо ва кабинетҳои фаннӣ дар мактабҳои таҳсилоти умумӣ равона карда мешавад, то хонандагон имкони бевоситаи татбиқи донишҳои назариявии худро дар амал пайдо кунанд. Ҳамзамон, барои такмили ихтисоси омӯзгорон аз фанҳои дақиқ ва табиӣ курсҳо ва семинарҳои махсус ташкил карда мешаванд, ки онҳоро бо усулҳои нави таълим ва технологияҳои муосири дарсдиҳӣ шинос месозанд. Ин иқдомҳо якҷо заминаи мустаҳкамеро барои баланд бардоштани сифати таҳсилот, ташаккули ҷаҳонбинии илмӣ ва ба роҳ мондани насли нави кадрҳои баландихтисос дар Ҷумҳурии Тоҷикистон фароҳам меоранд.



**Мафҳуми СТЕМ ва аҳаммияти он дар раванди таълим**

Равиши СТЕМ (аз англисии: STEAM – Science, Technology, Engineering, Art, Mathematics) модели пешрафтаи таълимӣ мебошад, ки ҳадафи он ба ҳам пайваст намудани панҷ фанни асосӣ: илм, технология, муҳандисӣ, санъат ва математика дар як чаҳорчӯбаи ягонаи омӯзишӣ мебошад. Баръакси муносибати анъанавӣ, ки дар он фанҳо алоҳида омӯхта мешаванд, СТЕМ фанҳои табиӣ, техникӣ ва риёзиро бо тарроҳии муҳандисӣ ва эҷодкории санъат муттаҳид мекунад, то таҷрибаи таълимии ҳамаҷонибаро фароҳам оварад. Мақсади асосии ин равиш дар он аст, ки хонандагон на танҳо донишро дар хотир мегиранд, балки онро дар ҳалли мушкилоти воқеии ҳаётӣ ба таври амалӣ истифода мебаранд. Илова кардани санъат дар ин замина хеле муҳим аст, зеро он тафаккури интиқодӣ, тарроҳии

инноватсионӣ (таҳия ва татбиқи ақидаву ғояҳои навоварона) ва малакаҳои муоширатро тақвият медиҳад. Лоиҳаҳои СТЕМ одатан ба таҷрибаҳо оид ба баланд бардоштани малакаҳои кори дастӣ, ҳамкории дастаҷамъӣ ва раванди такрории: «таҳия – озмоиш – таҳлил – беҳтаркунӣ» асос ёфтаанд. Ин тарзи таълим ба инкишофи малакаҳои муҳимми асри XXI, аз қабили ҳалли масъалаҳои мураккаб, эҷодкорӣ ва тафаккури интиқодӣ ва мантиқӣ мусоидат карда, хонандагонро барои муваффақ шудан дар соҳаҳои гуногуни ояндаи касбу кор, ки ба инноватсия ва технология асос ёфтаанд, омода месозад.

СТЕМ на танҳо як маҷмуи фанҳо, балки равиши ҳамгироёнаи таълим аст, ки хонандагонро ба андешаи интиқодӣ, ҳалли мушкилот ва эҷодкорӣ водор мекунад. Ин равиш ба омӯзиши амалӣ ва лоиҳавӣ такя мекунад, ки тавассути он хонандагон мафҳумҳои илмиро дар ҳаёти воқеӣ татбиқ менамоянд.

**Навгониҳои педагогӣ дар таълими фанҳои табиӣ**

Дар замони муосир таълими фанҳои табиӣ аз усулҳои яктарафаи лексионӣ дур шуда, ба навгониҳои педагогӣ, ки ба фаъолнокии хонанда нигаронида шудаанд, такя мекунад. Ин равишҳо ба хонандагон имкон медиҳанд, ки донишро дар ҳалли масъалаҳои ҳаётӣ татбиқ намоянд.

Таълими лоиҳавӣ яке аз ин усулҳост, ки дар он омӯзиши мавзуъҳо тавассути иҷрои лоиҳаҳои мушаххас ба роҳ монда мешавад. Масалан, хонандагон метавонанд лоиҳаҳоеро, ки ба ҳифзи муҳити зист, таҳияи маводи биотехнологӣ ё таҳлили масъалаҳои геоэкология марбутанд, иҷро намоянд. Ин усул ба хонандагон имкон медиҳад, ки тафаккури системавӣ ва малакаҳои муҳандисиро инкишоф диҳанд.

Ҳамзамон, қайд кардан зарур аст, ки рушди технологияҳои рақамӣ имкониятҳои бесобиқаро барои таълим фароҳам овардааст. Истифодаи симулятсияҳо (моделсозии раванди воқеӣ дар муҳити сунъӣ) ва лабораторияҳои виртуалӣ ба хонандагон имкон медиҳад, ки равандҳои хатарнок ё душворро, ба мисли таҷрибаҳои мураккаби химиявӣ ё реаксияҳои атомӣ, бе хатар ва бо хароҷоти кам омӯзанд. Платформаҳои интерактивӣ бошанд, омӯзиши маводи назариявиро шавқовар ва дастрас мегардонанд.

Илова бар ин, дар таълим ба методҳои фаъол таваҷҷуҳи зиёд дода мешавад. Аз ҷумла, «Омӯзиши ба мушкилотасосёфта» (Омузиши пролемавӣ) хонандагонро водор месозад, ки масъалаҳои додашударо таҳлил ва ҳал намоянд, ки ин қобилияти таҳлилӣ ва интиқодиро меафзояд. «Омӯзиши таҳқиқотӣ» хонандагонро ба кашфиёт ташвиқ мекунад ва «Омӯзиши ҳамкорӣ» малакаҳои гурӯҳӣ ва муоширатро тақвият медиҳад. Ҳамаи ин равишҳо якҷо кафолат медиҳанд, ки фанҳои табиӣ на ҳамчун маҷмуи қоидаҳои хушк, балки ба сифати як майдони шавқовару ҷолиб барои кашфиёт дарк карда шаванд.

**Ҳамгироии СТЕМ ва навгониҳои педагогӣ**

Тағйироти кунунии соҳаи маориф тақозо мекунад, ки равиши СТЕМ (илм, технология, муҳандисӣ, математика) бо усулҳои нави педагогӣ ба таври ҷудонашаванда ҳамгиро карда шавад. Ҳамгироии амалиро дар раванди дарсҳо ба назар гирифтан мумкин аст. Масалан, дар дарсҳои биология хонандагон метавонанд равандҳои мураккаби генетикиро бо истифода аз моделсозии рақамӣ ва таҳлили додаҳо таҳқиқ намоянд. Ин усул ба онҳо имкон медиҳад, ки на танҳо назарияро омӯзанд, балки маълумотро коркард карда, ба хулосаҳои илмӣ оянд, ки ин як ҷузъи калидии кори муҳандисӣ мебошад.

Барои муваффақ шудани ин ҳамгироӣ, тарҳрезии муҳити таълимии СТЕМ муҳим аст. Ин на танҳо бо сохтани синфхонаҳои таҷрибавӣ ва лабораторияҳои муҷаҳҳаз, балки тавассути ворид кардани технологияҳои пешрафта, аз ҷумла, робототехника ва принтерҳои 3D дар дарсҳои физика ва технология амалӣ мегардад. Ҳамин тариқ, хонандагон имконият пайдо мекунанд, ки консепсияҳои абстрактии илмиро ба объекти физикӣ табдил диҳанд.

Ниҳоят, ҳадафи ниҳоии ин ҳамгироӣ рушди салоҳиятҳои асри XXI мебошад. Тавассути амалӣ гардонидани лоиҳаҳои СТЕМ, хонандагон на танҳо фанҳои дақиқро меомӯзанд, балки қобилияти фикррониии интиқодӣ, саводнокии рақамӣ ва малакаи муассири ҳамкориро ба даст меоранд. Ин салоҳиятҳо барои муваффақияти онҳо дар ҷомеаи иттилоотӣ ва бозори меҳнати оянда муҳимтаранд, зеро донишро ҳама метавонанд аз шабакаи интернет (масалан, Google) дастрас кунанд, аммо малакаҳои ҳалли мушкилотро танҳо амалияи таълимӣ-педагогӣ медиҳад.

**Таъсири СТЕМ ва навгониҳои педагогӣ ба сифати таълим**

Ҷорӣ намудани равиши СТЕМ ва навгониҳои педагогӣ ба сифати таълими фанҳои табиӣ ва дақиқ таъсири мусбатат мерасонад.

Якум, ин равиш боиси баланд шудани шавқи хонандагон мегардад. Вақте ки таълим ба таҷрибаҳои амалӣ, омӯзиши лоиҳавӣ ва истифодаи робототехника такя мекунад, муҳити дарс аз як ҷараёни назариявӣ ба майдони ҷолиб ва таҳқиқотӣ табдил меёбад. Хонандагон мавзуъҳоеро, ки дар китобҳои дарсӣ хондаанд, бо чашми худ мебинанд ва худашон бо дасти худ месозанд, ки ин сатҳи фаҳмиш ва ҳавасмандӣ ба илмро ба таври назаррас боло мебарад (ва эҳтимол дорад, ки баъзеҳо ҳатто ба дарсҳои физика барвақттар оянд).

Дуюм, ин усулҳо ба рушди малакаҳои ҳаётии хонандагон мусоидат мекунанд. Равиши СТЕМ хонандагонро маҷбур месозад, ки бо масъалаҳои шакли кушода, ки ҷавоби тайёр надоранд, рӯ ба рӯ шаванд. Дар натиҷа, онҳо малакаҳои ҳалли мушкилоти мураккаб, таҳқиқоти мустақилона ва тафаккури навоваронаро меомӯзанд. Ин малакаҳо аз доираи мактаб берун мебароянд ва дар ҳама соҳаҳои ҳаёт барои муваффақ шудан муҳиманд.

Сеюм, ва аз ҳама муҳим, СТЕМ барои тайёрии беҳтар ба бозори меҳнат замина мегузорад. Иқтисодиёти муосир ба технологияҳои иттилоотӣ, муҳандисӣ ва илмҳои дақиқ ниёз дорад. Таълими ба СТЕМ асосёфта, ки дар он дониш бо малакаҳои технологӣ ва таҳлилӣ якҷоя мешавад, хонандагонро барои касбҳои оянда, аз барномасозӣ то биотехнология мустақиман омода месозад. Ин тағйирот дар соҳаи маориф на танҳо сифати таълимро баланд мебардорад, балки ба рушди иқтисодӣ ва рақобатпазирии кишвар дар сатҳи байналмилалӣ мусоидат мекунад.

Хулоса, татбиқи навгониҳои педагогӣ дар ҳамоҳангӣ бо муносибати СТЕМ як роҳи муассир барои баланд бардоштани сифати таълими фанҳои табиӣ мебошад. Ин равиш на танҳо ба рушди дониш ва салоҳиятҳои хонандагон мусоидат мекунад, балки муҳит ва самти таълимиро ба сӯйи инноватсия ва эҷодкорӣ раҳнамун месозад. Барои татбиқи самараноки он зарур аст, ки омӯзгорон дастгирии методӣ ва технологӣ дошта бошанд ва барномаҳои таълимӣ ба талаботи замон мутобиқ гардонида шаванд.

Биёмӯз, харчанд душворат ояд,
Ки душвор аз омӯхтан гашт осон.
***
Биёмӯз он чи нашносӣ ту, зинҳор,
Ки бар кас нест аз омӯхтан ор.
***
Ор ҳаме дорӣ аз омӯхтан,
Шарм ҳаме н-оядат аз ори хеш?!
***
Зи ҷаҳли хеш чу орат наёяд,
Чаро дорӣ ҳаме з-омӯхтан ор?

**Носири Хусрав**

# ГРАФИКИ ФУНКСИЯИ МОДУЛДОШТА



Резагул БУРҲОНОВА – омӯзгори гимназияи №1 барои хонандагони болаёқати шахри Душанбе

**Ду адади ба ҳамдигар муқобил, масалан, 6 ва – 6 бо рақамҳои якхела навишта мешаванд, фақат бо аломаташон аз ҳамдигар фарқ мекунанд. Агар онҳоро дар хатти рости ададӣ тасвир кунем, аз нуқтаи сарҳисоб дар масофаҳои баробар, вале самтҳои гуногун ҷойгир мешаванд. Масофаи байни нуқтаи A(5) ва нуқтаи сарҳисоб ба 5 порчаи воҳидӣ баробар аст. Масофаи байни нуқтаи B(–5) ва нуқтаи сарҳисоб ҳам ба 5 порчаи воҳидӣ баробар аст.**

Азбаски масофаро ҳамеша бо адади мусбат ифода мекунем, бинобар ин, мегӯянд, ки ададҳои – 5 ва 5 модули якхела доранд, ё ки соҳиби қиматҳои мутлақи баробар мебошанд. Инро ин тавр ишорат мекунанд:

$|5| = 5;\ |-5| = 5$ .

Умуман, барои қимати мутлақи ададҳои дилхоҳи $a$ таърифи зерин ҷой дорад:

**Таъриф.** Қимати мутлақи адади дилхоҳи $a$ чунин муайян карда мешавад:

$$|a| = \begin{cases} a \text{ аст, агар } a \geq 0, \text{бошад,} \\ -a \text{ аст, агар } a < 0, \text{бошад.} \end{cases}$$

Акнун мисолҳои зеринро муоина мекунем.

**Мисоли 1.** Қимати мутлақи ададҳоро меёбем:

а) $|3| = 3$; б) $|-1{,}5| = 1{,}5$ ; в) $\left|2\frac{1}{2}\right| = 2\frac{1}{2}$; д) $|-0{,}023| = 0{,}023$

Ҳангоми сохтани графики функсияҳое, ки тағйирёбандаашон дар зери қимати мутлақ аст, аз таърифи овардашуда истифода мебарем.




**Мисоли 2.** Графики функсияи $y = |x|$ –ро месозем. Графики функсияи додашударо дар асоси таърифи қимати мутлақи адади $a$ тасвир мекунем.

*Яъне,* $\boldsymbol{y = |x|} = \begin{cases} \boldsymbol{x} \text{ аст, агар } \boldsymbol{x \geq 0} \\ \boldsymbol{-x} \text{ аст, агар } \boldsymbol{x < 0} \end{cases}$ бошад.

Ҷадвали зеринро барои функсияи $y = x$ ва $y = -x$ тартиб медиҳем:

| $x$ | 0 | 1 | 2 | -1 | -2 |
|---|---|---|---|---|---|
| $y = x$ | 0 | 1 | 2 | 1 | 2 |
| $y = -x$ | 0 | -1 | -2 | 1 | 2 |

Дар як системаи координатаҳои декартии росткунҷа графики ду функсияи додашударо месозем.



Азбаски қимати мутлақи адад ҳамеша ғайриманфист, пас қисмҳои аз тири $Ox$ поёнӣ графикҳоро партофта (бо хатҳои пунктир ишорат шудааст), графики функсияи $y = |x|$-ро месозем (Нигаред ба расм).

**Мисоли 3.** Графики функсияи $y = |x| + 1$-ро месозем. Барои сохтани графики ин функсия аз графики функсияи $y = |x|$ истифода мекунем. Барои бовар ҳосил намудан ҷадвали қиматҳои функсияҳои $y = |x|$ ва $y = |x| + 1$-ро тартиб медиҳем.

Дар асоси таърифи қимати мутлақ аз функсияи

$y = |x| + 1$ ҳосил мекунем:

$$y = |x| + 1 = \begin{cases} x + 1, \text{агар } x \geq 0 \text{ бошад,} \\ -x + 1, \text{агар } x < 0 \text{ бошад.} \end{cases}$$

| $x$ | 0 | 1 | 2 | -1 | -2 |
|---|---|---|---|---|---|
| $y = \lvert x \rvert$ | 0 | 1 | 2 | 1 | 2 |
| $y = \lvert x \rvert + 1$ | 1 | 2 | 3 | 2 | 3 |

**Мисоли 4.** Графики функсияи $y = |x| - 1$-ро месозем.

**Ҳал.** Айнан ба мисли мисоли 3 дар асоси таърифи қимати мутлақ, фунсияҳои зеринро ҳосил мекунем:

$$y = |x| - 1 = \begin{cases} x - 1, \text{агар } x \geq 0 \\ -x - 1, \text{агар } x < 0 \end{cases}$$




Акнун бовар ҳосил мекунем, ки графики функсияи $y = |x| - 1$ дар натиҷаи ба андозаи 1 воҳид ба поён кӯчонидани графики функсияи $y = |x|$ ҳосил мешавад. Барои ин ҷадвали функсияҳои $y = |x| - 1$ ва $y = |x|$-ро тартиб дода, онҳоро дар як системаи координатӣ месозем.

**Қоидаи 1.** Графики функсияи $y = |x| + a$ дар натиҷаи қад-қади тири $Oy$ ба бузургии $a$ воҳид ба боло (агар $a > 0$ бошад) ё ба поён (агар $a < 0$ бошад) кӯчонидани графики функсияи $y = |x|$ ҳосил мешавад.

| $x$ | 0 | 1 | 2 | -1 | -2 | 0 |
|---|---|---|---|---|---|---|
| $y = \lvert x \rvert$ | 0 | 1 | 2 | 1 | 2 | 0 |
| $y = \lvert x \rvert - 1$ | -1 | 0 | 1 | 0 | 1 | -1 |

**Мисоли 5.** Графики функсияи $y = 2|x| + 2$-ро месозем.

**Ҳал.** Дар асоси таърифи қимати мутлақ пайдо мекунем:

$$y = 2|x| + 2 = \begin{cases} 2x + 2, \text{агар } x \geq 0 \\ -2x + 2, \text{агар } x < 0 \end{cases}$$

Барои сохтани графики функсияи додашуда ба $x$ қиматҳои интихобӣ дода, қиматҳои мувофиқи функсияро меёбему ҷадвали зеринро месозем:

Яъне:

| $x$ | 0 | 1 | 2 | -1 | -2 |
|---|---|---|---|---|---|
| $y = 2\lvert x \rvert + 2$ | 2 | 4 | 6 | 4 | 6 |




Бояд қайд намуд, ки барои дуруст тасвир кардани графики функсия ва ёфтани қиматҳои дақиқи функсия то ҳадди имкон бо ададҳои бутун бояд кор гирифт, зеро тасвири график дар ҳолати қиматҳои бутун қабул кардани координатаҳои нуктаҳояш симметрӣ шуда метавонад.

**Мисоли 6.** Графики функсияи $a)$ $y = |x - 1|$ – ро месозем.

Дар асоси таърифи қимати мутлақ менависем:

$$a)\ y = |x - 1| = \begin{cases} x - 1, \text{агар } x \geq 1 \\ -x + 1, \text{агар } x < 1. \end{cases}$$




Ба аргумент $x$ қиматҳои интихобӣ дода, қиматҳои мувофиқи функсияи $y = |x - 1|$-ро ёфта, ҷадвали зеринро месозем.

| x | 0 | 1 | 2 | -1 | -2 |
|---|---|---|---|---|---|
| y = \|x – 1\| | 1 | 0 | 1 | 2 | 3 |

Тавре ки аз тасвири графикҳо маълум аст, графики функсияи $y = |x - 1|$ дар натиҷаи ба тарафи рост кӯчонидани абсиссаи ҳар як нуқтаи графики $y = |x|$ (мухтасар, ба 1 воҳид ба тарафи рост кӯчонидан) ҳосил мешавад.




**Мисоли 7.** Графики функсияи $b)$ $y = |x + 1|$ –ро месозем.

Дар асоси таърифи қимати мутлақ менависем:

$$\boldsymbol{b)}\ \boldsymbol{y = |x + 1| = \begin{cases} x + 1, \text{агар}\ x \geq -1 \\ -x - 1, \text{агар}\ x < -1 \end{cases}}$$

Ба тағйирёбандаи (аргументи) $x$ қиматҳои интихобӣ дода, қиматҳои мувофиқи функсияи $y = |x + 1|$ –ро ёфта, ҷадвали зеринро месозем.

| $x$ | 0 | 1 | 2 | -1 | -2 |
|---|---|---|---|---|---|
| $y = \|x + 1\|$ | 1 | 2 | 3 | 0 | 1 |

**Қоидаи 2**. Графики функсияи $y = |x + a|$ дар натиҷаи қад-қади тири $Ox$ ба андозаи $a$ воҳид ба тарафи рост (агар $a < 0$ бошад) ё ба тарафи чап (агар $a > 0$ бошад) кӯчонидани графики функсияи $y = |x|$ ҳосил мешавад.

Хулоса, сохтани графики функсия амали хосе мебошад, ки ҳар як хонанда аз уҳдаи иҷрои он баромада наметавонад. Дар ин замина, ба омӯзгорон тавсия дода мешавад, ки ҳангоми тасвир намудани графикҳои функсиҳо зебӣ ё худ симметрияи тасвирро дуруст риоя намоянд, то ин ки график нисбатан зеботар гардад.

Марди хирадманди ҳунарпешаро
Умр ду боист дар ин рӯзгор,
То ба яке таҷриба омӯхтӣ,
Бо дигаре таҷриба бурдӣ ба кор.
***
Хирадманд бошад ҷаҳондида мард,
Ки бисёр гарм озмудасту сард.
***
Нахоҳӣ, ки зоеъ шавад рӯзгор,
Ба ноозмуда мафармой кор!
Натобад саги сайд рӯй аз паланг,
Зи рӯбаҳ рамад нодидаҷанг.

**Саъдии Шерозӣ**

# ИСТИФОДАИ ТЕХНОЛОГИЯҲОИ МУОСИРИ ПЕДАГОГӢ ДАР ТАЪЛИМИ ГЕОГРАФИЯ



**Шосафар АКОБИРОВ – дотсенти кафедраи методикаи таълими фанҳои табиӣ-риёзии Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф**

**Бо дарназардошти равандҳои ҷаҳонишавӣ ва рушди босуръати ҷомеа, талабот ба касбу ихтисосҳо низ рӯ ба тағйир овардааст. Ин тағйирот муносибати навро нисбат ба таълим ва омода кардани мутахассисон талаб менамояд. Ҷомеаи муосир тақозо дорад, ки омӯзгорон дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ бо донишҳои амиқи педагогию психологӣ мусаллаҳ гарданд. Масалан, омӯзгори фанни география бояд на танҳо дар бораи қитъаҳои Замин ва минтақаҳои иқлимӣ маълумот диҳад, балки ҳангоми баррасии масъалаҳои ҷаҳонӣ, ба мисли тағйирёбии иқлим, муҳити зист, муҳоҷирати аҳолӣ ва обшавии пиряхҳо мавқеи таҳлилгарона ва методҳои ҷустуҷӯиро истифода барад.**

Олимони соҳаи педагогика ва психология таъкид менамоянд, ки истифодаи усул ва воситаҳои гуногуни педагогӣ дар ҷараёни таълим на танҳо самаранокии дарсро афзоиш медиҳад, балки ба рушди фаъолияти равонии хонандагон таъсири мусбат мерасонад. Ин раванд, дар навбати худ, ба осонтар гардидани дарки дониш ва густариши маърифатмандии онҳо мусоидат менамояд. Масалан, истифодаи барномаҳои GIS (Geographic Information Systems) дар омӯзиши география ба хонанда имкон медиҳад, ки бо маълумоти воқеии фазоӣ кор барад ва натиҷаҳои таҳлилҳои худро ба таври визуалӣ пешниҳод намояд.

Технологияи педагогӣ системаи пайдарпайи амали омӯзгор буда, ба ҳалли масъалаҳои мушаххас нигаронида шудааст.

Фанни таълимӣ на танҳо ба омӯзиши донишҳо маҳдуд мешавад, балки ҳамчун воситаи муҳим дар шинохти хусусиятҳои робитаи байни ашё, шароитҳои пайдошавӣ ва тағйирёбии онҳо



нақши муассир дорад. Дар ин раванд, фаъолияти маърифатии хонанда тавассути ташкили самараноки ҷараёни таълим ба роҳ монда мешавад. Он манбаи асосии ташаккул ва рушди ин фаъолияти хонанда набуда, балки таълими дуруст ва ҳадафмандонаи тарҳрезишуда мебошад. То кадом андоза муҳити мувофиқ ва шароити мусоиди таълим фароҳам оварда шавад, сатҳи фаҳмиш ва донишомӯзии хонандагон ба ҳамон андоза рушд хоҳад ёфт.

Фанни география дар муассисаҳои таълимӣ дорои зарфиятҳои васеи анъанавӣ ва иҷтимоӣ буда, метавонад ба таври муассир ба иҷрои вазифаҳои иҷтимоӣ дар марҳилаи кунунии рушди ҷомеа мусоидат намояд. Дониш ва малакаҳои географӣ, дарки дурусти гуногунрангии фазоии рӯи Замин ва фаҳмиши моҳияти география барои ташаккули ҷаҳонбинии ҳамаҷонибаи хонандагон аҳамияти бузург доранд. Бе ин заминаҳо дар шуури насли нав

наметавонад тасвири пурраи воқеӣ аз муҳити атроф ва тартиботи он ба вуҷуд ояд. Омӯзиши хатарҳои табиӣ дар минтақаҳои гуногун метавонад хонандагонро ба таҳлил ва муқоисаи воқеаҳо водор созад. Масалан, чаро дар Япония зилзила бештар аст, ё чаро дар кишварҳои тропикӣ боришот зиёд аст?

Имрӯз ташаккули тасаввуроти мукаммал дар бораи муҳити зисти инсонро муносибатҳои нави технологӣ, бахусус, технологияҳои муосири таълим дар фанни география таъмин менамоянд. Дар шароити ҷаҳони муосир вазифаи асосии омӯзгор аз он иборат аст, ки унсурҳои самарабахши методиро интихоб намуда, ҷараёни таълимро мутобиқ ба талаботи замон навсозӣ карда, ба равиши таҳқиқотӣ ва ҷустуҷӯӣ табдил диҳад. Ин на танҳо ҷалби бештари таваҷҷуҳи хонандагонро таъмин мекунад, балки ба инкишофи тафаккури мустақил ва қобилиятҳои эҷодии зеҳнии онҳо мусоидат менамояд.

Истифодаи технологияҳои муосири педагогӣ дар таълими фанни география чунин гурӯҳбандӣ мегардад:

- технологияҳои таълими проблемавӣ;
- технологияи бозӣ;
- технологияи фаъолиятҳои гурӯҳии хонандагон дар дарсҳои география ва ғ.

Мақсад муайян намудани шароитҳои педагогие мебошад, ки ба баланд гардидани самаранокии истифодаи технологияҳои муосири педагогӣ дар раванди дарсҳои география мусоидат мекунанд.

Дар адабиёти илмии педагогӣ мафҳумҳое, чун «технологияи педагогӣ», «технологияи таълим» ва «технологияи омӯзиш» ба таври густарда истифода мешаванд. Ин мафҳумҳо, чун истилоҳҳои «педагогика», «таълим» ва «омӯзиш» бо ҳам алоқаи зич дошта, тавъамии маъноиро ташкил медиҳанд. Дар заминаи равандҳои таълиму тарбия, истилоҳи «технология»-ро метавон ҳамчун санъати тадрис ва татбиқи раванди таълим маънидод кард. Технологияи педагогӣ маҷмуи равобити равонӣ ва педагогиро дар бар мегирад, ки аз метод, усул, шакл ва воситаҳои таълим иборат буда, роҳу усулҳои ташкили раванди омӯзишу тарбияро дар амал муайян ва равшан месозад.

Таҳлили эволютсияи мафҳуми «технологияи педагогӣ» имкон медиҳад, ки равандҳои ояндаи таълим пешбинӣ шаванд. Тағйироти мафҳум аз «технологияи таълимӣ» то «технологияи педагогӣ» инъикоси тағйироти мундариҷа ва давраҳои муайяни рушди таҳсилот мебошад.

Мувофиқи ин назарияҳо, олимон гурӯҳҳои зеринро пешниҳод мекунанд:

- технологияи сохторӣ-мантиқии таълим равандҳое мебошанд, ки ба ташкили пайдарпай ва мантиқии ҷараёни омӯзиш асос ёфтаанд. Дар ин равиш, вазифаҳои дидактикӣ бо риояи тартиби марҳилавӣ ба роҳ монда шуда, барои ҳар як қадами таълим роҳ ва усулҳои муайяни татбиқ пешбинӣ мегарданд. Илова бар ин, ташхис ва арзёбии натиҷаҳои бадастомада низ ҳамчун қисми ҷудонопазири ин раванд баррасӣ мешаванд. Ин технология имконият медиҳад, ки таълим бонизом, самаранок ва бо дарназардошти принсипҳои мантиқӣ ба роҳ монда шавад, ки дар натиҷа дарку азхудкунии дониш аз ҷониби хонандагон амиқтар ва муассиртар мегардад;

- технологияи ҳамгиро (интегратсионӣ) системаи дидактикие мебошад, ки ҳамгироии дониш ва малакаҳои фанҳои гуногун ва намудҳои мухталифи фаъолиятро дар сатҳи дарсҳои ҳамгирошуда, мавзуъҳои дарсӣ, масъалаҳои таълим ва дигар шаклҳои ташкилии таълим таъмин менамояд;

- технологияи бозӣ, шакли бозии ҳамкории байни омӯзгор ва хонанда мебошад, ки ба ташаккули маҳорати ҳалли масъалаҳо дар асоси интихоби дурусти роҳҳои алтернативӣ тавассути татбиқи як сенарияи муайян мусоидат мекунад. Дар таълим бозии саҳнавӣ, нақшофарӣ, компютерӣ, машқҳои симулятивӣ, тарроҳии лоиҳавӣ ва ғайра истифода мешаванд;

- технологияҳои компютерӣ таълими дидактикӣ буда, бо ёрии компютер, ки бар асоси ҳамкории «омӯзгор – компютер – хонанда» амал карда, бо истифода аз барномаҳои гуногуни таълим (иттилоотӣ, машқ, ташаккулдиҳанда, назоратӣ ва ғайра) амалӣ мегардад, ба шумор меравад;

- технологияи муколама (диалог) ба ташкил намудани муҳити иртиботӣ (коммуникативӣ) ва густариши ҳамкорӣ дар сатҳи худшиносӣ: «хонанда – омӯзгор», «омӯзгор – муаллиф», «хонанда – муаллиф» ва ғайра мусоидат мекунад;

- технологияи тренинг низоми таълимие мебошад, ки барои таҳия ва такмили алгоритмҳои муайяни фаъолияти омӯзиш ва коркарди роҳҳои ҳалли масъалаҳои стандартӣ пешбинӣ шудааст. Ба чунин шаклҳо метавон тестҳо, тренингҳои равонии рушди зеҳнӣ ва ҳалли масъалаҳои намунавиро шомил кард.

Омӯзгорон, инчунин, технологияҳои шахсии худро доранд, ки дар онҳо унсурҳои зикршударо бо тарзу усулҳои гуногун муттаҳид сохта, ба муҳтаво ва мақсадҳои таълими сатҳи гуногун ва самтҳои мухталиф мутобиқ мебошанд. Бояд қайд кард, ки дар таҳияи ҳар гуна технология масъалаи муайянсозии дақиқ ва дурусти мақсадҳои таълим мавқеи калидӣ дорад.

Татбиқи технологияҳои шахсӣ дар амалияи фаъолияти омӯзгор ба он асос меёбад, ки натиҷаи асосии таълим дар ташаккул ва таҳаввули тасаввуроти шахсии хонанда зоҳир мегардад, ки дар ҳамгироӣ бо дониши илмии география ташаккул ёфта, ба худшиносию худташаккулёбӣ ва худтарбиякунии хонандагон таваҷҷуҳи хосса такон мебахшад.

Асоси таҳияи ҳама гуна технологияҳои таълимӣ, дақиқ ва равшан муайян сохтани мақсадҳои таълим мебошад. Агар мақсадҳо умумӣ ва ношаффоф бошанд, интихоби дурусти усулу методҳо душвор мегардад ва дар натиҷа, расидан ба натиҷаҳои мушаххасу интизоршаванда кафолат дода намешавад.

Аз ҳамин сабаб шарти аввали таҳияи технологияи таълим мушаххас кардани мақсадҳои омӯзиш: фаҳмидан, азхуд кардан, омӯхтан, иҷро кардан, дар хотир доштан, татбиқ кардан, истифода бурдан дар шароити нав ва монанди инҳо мебошад.

Вобаста ба ҳадафи коркарди маводи таълимӣ, натиҷаи ниҳоии таълим муайян карда мешавад. Роҳи расидан аз мақсад то натиҷа ҳамкории махсус ташкилёфтаи омӯзгор ва хонандагон мебошад, ки бо тартиби муайян ба роҳ монда мешавад.

Дар равиши технологии таълим истифодаи усули озмоиш ва ғалат ё ҷустуҷӯйи тасодуфӣ ҷоиз нест. Ҳамаи амалҳои омӯзгор бояд ба таври самаранок ва ҳадафманд ба сӯйи мақсади пешакӣ муайяншуда равона карда шаванд.

Яке аз нишонаҳои муҳимми технология он аст, ки ҳар як марҳила дар роҳи ба даст овардани натиҷа ба таври муфассал тавсиф мешавад ва такроршавии намунаи амал ҳатмӣ ба шумор меравад.

Технологияи таълим бояд равшан ва дақиқ бошад, яъне, бояд тавре шарҳ дода шавад, ки ҳар омӯзгор тавонад онро татбиқ намуда, ба натиҷаи кафолатнок расад.

Ин фарқи асосии равиши технологӣ аз тавсияҳои методии одӣ, ки ба тағйирот иҷозат медиҳанд, вале натиҷаро кафолат намедиҳанд, мебошад. Агар омӯзгор ба натиҷаи дилхоҳ нарасад, бояд амалҳои худро таҳлил кунад, ғалатҳоро ёбад ва дубора кӯшиш намуда, бо риояи шароити технологияҳои педагогӣ онҳоро ислоҳ намояд.

Таҳлили корҳои муҳаққиқони ватанӣ ва хориҷӣ нишон медиҳад, ки нишонаҳои зерин барои технологияҳои педагогӣ хосанд: мақсадгузории ташхис, натиҷанокӣ, самаранокӣ (иқтисодӣ будан), алгоритм, банақшагирӣ, яклухтӣ, идорашавандагӣ, қобили ислоҳ, аёнӣ (визуалӣ).

Мақсади *ташхисӣ* доштан, мавқеъ ва самаранокии раванди таълим, кафолати расидан ба натиҷаҳои дилхоҳ ва баландбардории сифати таълимро таъмин менамояд.

*Самаранокии вақт* (иқтисодӣ) нишондиҳандаҳои муҳимми технологияҳои педагогиро ифода мекунад, ки барои сарфаи вақти дарс, кам кардани заҳмати омӯзгор ва расидан ба натиҷаҳои муайян дар фосилаи кӯтоҳ мусоидат мекунад.

*Алгоритм ва банақшагирӣ,* пайдарпай ва дақиқ таҳрезӣ шудани ҷанбаҳои гуногуни консепсияи такроршавии технологияҳои таълимро инъикос менамояд. Нишон медиҳад, ки ҳар технология бояд аз ҷониби омӯзгор, дар ҳар гуна муассисаи таълимӣ татбиқ карда шавад. Ҳар марҳила ва усули кор бояд ба таври дақиқ муайян карда шавад ва имкони ивазшавӣ бо дигар усулҳоро дар бар гирад.

Хусусияти *ислоҳшавандагӣ* имкони таъмини бозгашти доимӣ ва фаврии иттилоотиро муҳайё месозад.

Хусусияти *аёнӣ* ба бархе аз технологияҳо хос буда, истифодаи васоити аудиовизуалӣ, компютерӣ, таҳияю истифодаи маводи дидактикӣ ва воситаҳои аслии аёниро дар бар мегирад.

Дар фаъолияти касбии омӯзгор ҳамеша имконият барои таҳқиқ, эҷодиёти педагогӣ ва таҷрибаи нав на танҳо дар доираи методикаи анъанавӣ, балки дар сатҳи баландтари ташкили омӯзиш, яъне, дар сатҳи технологии таълим вуҷуд дорад. Таҳияи технологияи таълим ҳамчун қисми таркибии методикаи таълими фанн ба ҳосил кардани натиҷаҳои муайян ва кафолати интизориҳо равона шудааст. Маҳз ҳамин натиҷаҳоянд, ки дар раванди арзёбии сатҳи дониш ва омодагии хонандагон аз фан намоён мегарданд. Мактаби имрӯза ба низоми таълими комилан нав ниёз дорад, ки дар баробари нигоҳ доштани анъанаҳои пешқадам, ба хусусиятҳои инфиродии хонандагон низ таваҷҷуҳи ҷиддӣ зоҳир намояд.

**Адабиёт**:


1. Баранский, Н. Н. Методика преподавания экономической географии. – М., 1990. – 256 с.

2. Бенькович, Т. М., Бенькович Д. Л. Опорные конспекты в обучении географии. 7 – класс. – М., 1995. – 158 с.

3. Душина, И. В., Понурова Г. А. Методика преподавания географии. – М., 1996. – 282 с.

4. Кларин, М. В. Технологии обучения: идеал и реальность. – Рига, 1999. – 162 с.

5. Ксензова, Г. Ю. Перспективные школьные технологии. – М., 2000. – 232 с. 6. Кутейников, С. Е. Типы учебных элементов модульной программы // География в школе. – № 2. –1998.

7. Чернявская, А. П. Учебное пособие. Технология развития критического мышления: перспективы для образования 21 века. – Н. Новгород, 2009. – 253 с.

8. Якиманская, И. С. Личностно ориентированное обучение в современной школе. – М., 1996. – 126 с.

9. Акрамова, М. Ҳ. Истифодаи бомавриди технологияҳои гуногуни педагогӣ ва методҳои фаъоли таълим - омили баланд бардоштани сифати таълим дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ https://www.tgpu.tj/index.php?option=com_content&view=article&id=3983%3A2022-12-31-04-04-17&catid=101%3Apajuhish&lang=en

10. Иброҳимова, Р. К. Истифодаи усулҳои муосири таълим дар дарсҳои география ва луғатҳои истилоҳӣ (Дастури методӣ). – Душанбе, 2009. – 86с.

11. Раҳимов, М., Самиев А., Содиқов, Ш. Методикаи таълими география, нашр. – Душанбе, 2019. – 208 с.


Миёни ду кас маънии зиракӣ
Бувад мояи иттиҳоду якӣ.
Ҳама зиракон з-он ба ҳам дӯстанд,
Яке мағзро гашта сад пӯстанд.

***

Ду ҷоҳил ба ҳам муттаҳид нестанд,
Раҳи ақлро муътақид нестанд.

**Абдураҳмони Ҷомӣ**

# ТАРТИБ ДОДАНИ ФОРМУЛАҲОИ КИСЛОТАҲО, НАМАКҲО ВА НОМГУЗОРИИ ОНҲО



**Сорбон РАБИЕВ – омӯзгори фанни химияи Литсейи №1-и ноҳияи Абдураҳмони Ҷомӣ**

| Кислотаҳо | |
|---|---|
| Гидроген (Н) | Боқимондаи кислотагӣ (БК) |
| $H_n$ БК | |

Моддаҳои мураккабе, ки аз атоми гидроген (Н) ва боқимондаҳои кислотагӣ (БК) таркиб ёфтаанд, кислотаҳо ном доранд.

Аз ин қоида ба хулосае меоем, ки кислотаҳо аз ду қисм таркиб ёфтаанд. Яке атоми гидроген ва дигаре боқимондаи кислотагӣ. Пас барои тартиб додани формулаҳои кислотаҳо донистани формулаҳои боқимондаҳои кислотагӣ ва валентнокии онҳо ҳатмист.

| № | номи оксид | формулаи оксид | валент | № | номи оксид | формулаи оксид | валент |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | Фторид | $F^-$ | I | 11 | Сулфит | $SO_3^{2-}$ | II |
| 2 | Хлорид | $Cl^-$ | I | 12 | Сулфат | $SO_4^{2-}$ | II |
| 3 | Бромид | $Br^-$ | I | 13 | Карбонат | $CO_3^{2-}$ | II |
| 4 | Йодид | $I^-$ | I | 14 | Силикат | $SiO_3^{2-}$ | II |
| 5 | Сианид | $CN^-$ | I | 15 | Перманганат | $MnO_4^-$ | I |
| 6 | Нитрит | $NO_2^-$ | I | 16 | Манганат | $MnO_4^{2-}$ | II |
| 7 | Нитрат | $NO_3^-$ | I | 17 | Хромат | $CrO_4^{2-}$ | II |
| 8 | Хлорат | $CIO_3^{2-}$ | I | 18 | Дихромат | $Cr_2O_7^{2-}$ | II |
| 9 | Метафосфат | $PO_3^-$ | I | 19 | Арсенат | $AsO_4^{3-}$ | III |
| 10 | Сулфид | $S^{2-}$ | II | 20 | Фосфат | $PO_4^{3-}$ | III |

**Акнун аз қоидаҳои зерин истифода бурда, формулаҳои кислотаҳоро тартиб медиҳанд**

**Қоидаи 1.** Аломати химиявии гидроген ва боқимондаи кислотагиро навишта, валентнокиашонро дар қисми болоиашон мегузорем.

| | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| X Y | I I | I I | I II | I II | I II | I III | I III | I IV |
| H БК | H Cl | H $NO_3$ | H S | H $SO_4$ | H $CO_3$ | H $PO_4$ | H $AsO_4$ | H $P_2O_7$ |

**Қоидаи 2.** Аз рӯйи қоидаҳои валентнокӣ индексҳои мувофиқро мегузорем. Дар кислотаҳо шумораи атомҳои гидроген ба валентнокии боқимондаи кислотагӣ баробар аст. Мисол, агар (Бк) яквалента бошад, шумораи атомҳои гидроген 1-то ва агар дувалента бошад, шумораи атомҳои гидроген 2 - то мешавад.

| | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| X Y | I I | I I | I II | I II | I II | I III | I III | I IV |
| $H_Y$ БК | H Cl | H $NO_3$ | $H_2$ S | $H_2$ $SO_4$ | $H_2$ $CO_3$ | $H_3$ $PO_4$ | $H_3$ $AsO_4$ | $H_4$ $P_2O_7$ |

**Номгузории кислотаҳо**

Кислотаҳоро аз рост ба чап номгузорӣ мекунанд. Яъне, аввал ба атоми гидроген номи **«кислотагӣ»** гузошта, сипас ба он номи боқимондаи кислотагии дахлдорро илова намуда, пас аз он номи кислотаро мехонем. Мисол:

**HCl - Кислотаи хлорид** **$HNO_3$ - Кислотаи нитрат** **$H_2S$ - Кислотаи сулфид**
**$H_2CO_3$ - Кислотаи карбонат** **$H_2SO_4$ - Кислотаи сулфат** **$H_3PO_4$ - Кислотаи фосфат**

**Ҷадвалҳои зеринро пур кунед**

| № | номи кислота | формулаи кислота | № | номи кислота | формулаи кислота |
|---|---|---|---|---|---|
| 1 | кислотаи хлорид | | 6 | кислотаи сулфит | |
| 2 | кислотаи нитрат | | 7 | кислотаи йодид | |
| 3 | кислотаи хлорат | | 8 | кислотаи сианид | |
| 4 | кислотаи карбонат | | 9 | кислотаи силикат | |
| 5 | кислотаи сулфид | | 10 | кислотаи нитрит | |

| № | формулаи кислота | номи кислота | № | формулаи кислота | номи кислота |
|---|---|---|---|---|---|
| 1 | $H_3AsO_4$ | | 6 | HF | |
| 2 | $H_2SO_4$ | | 7 | HBr | |
| 3 | $H_2CrO_4$ | | 8 | $H_3BO_3$ | |
| 4 | $H_3PO_3$ | | 9 | $H_3PO_4$ | |
| 5 | $H_4P_2O_7$ | | 10 | $H_2MnO_4$ | |

### Тартиб додани формулаҳои намакҳо ва номгузории онҳо

**Намакҳо** – моддаҳои мураккабе, ки аз атоми металл (Ме) ва боқимондаҳои кислотагӣ (БК) таркиб ёфтаанд, намакҳо ном доранд.

Аз ин қоида бармеояд, ки намакҳо ба монанди кислотаҳо аз ду қисм таркиб ёфтаанд. Яке атоми металл ва дигаре боқимондаи кислотагӣ. Аз сабабе, ки намакҳо чанд хел мешаванд, қоидаи зикршуда танҳо барои намакҳои миёна мувофиқат мекунад.

| Намакҳо | |
|---|---|
| Металл (Ме) | Боқимондаи кислотагӣ (БК) |
| $Me_n$ (БК)$_m$ | |

**Қоидаҳои зеринро истифода бурда, формулаҳои намакҳоро тартиб медиҳанд:**

**Қоидаи 1.** Аломати химиявии металл ва боқимондаи кислотагиро навишта, валентнокиашонро дар қисми болоиашон мегузорем.

| | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| **X Y** | **II I** | **II III** | **I I** | **II I** | **II II** | **III II** | **III I** |
| **Me БК** | **Ca Cl** | **Ca $PO_4$** | **K Br** | **Mg $NO_3$** | **Ba $CO_3$** | **Cr $SO_4$** | **Al $NO_3$** |

**Қоидаи 2 - 1.** Агар валентнокии боқимондаи кислотагӣ ва металл якхела бошад, он гоҳ индекс гузошта намешавад, чунки валентҳо ихтисор мешаванд.

| | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| **X Y** | **I I** | **II II** | **I I** | **II II** | **II II** | **III III** | **III III** |
| **Me БК** | **Na Cl** | **Ca S** | **K Br** | **Mg $SO_4$** | **Ba $CO_3$** | **Cr $PO_4$** | **Al $AsO_4$** |

**Қоидаи 2 - 2.** Агар валентнокии боқимондаи кислотагӣ ва металл гуногун (яъне, якеаш ҷуфт ва дигараш тоқ) бошанд, он гоҳ аз усули ҷойивазкунии валентҳо истифода мебарем. Дар чунин ҳолатҳо валенти тоқ аз тарафи рост дар назди элементе, ки валентнокиаш ҷуфт аст, дар шакли индекс навишта мешавад. Валенти ҷуфт бошад, аз тарафи рост дар назди элементе, ки валентнокиаш тоқ аст, дар шакли индекс навишта мешавад.

| | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| **X Y** | **II I** | **III II** | **III I** | **II I** | **III II** | **III I** | **III II** |
| **$Me_Y$ $БК_X$** | **Ca $Cl_2$** | **$Al_2$ $S_3$** | **Fe $Br_3$** | **Mg $I_2$** | **$Cr_2$ $S_3$** | **Al $F_3$** | **$Fe_2$ $S_3$** |

Агар боқимондаи кислотагӣ аз ду ва ё зиёда элемент таркиб ёфта бошад, он гоҳ пеш аз оне, ки дар наздаш индекс гузорем, аввал онро дар дохили қавс мегирем. Мисол:

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| **X Y** | **II I** | **II III** | **II I** | **II I** | **III II** | **III I** |
| **Me БК** | **$Ca(NO_3)_2$** | **$Ca_3(PO_4)_2$** | **$Mg(NO_3)_2$** | **Ba $(HCO_3)_2$** | **$Cr_2(SO_4)_3$** | **Al $(NO_3)_3$** |

**Номгузории кислотаҳо**

Намакҳоро аз чап ба рост номгузорӣ мекунанд. Аввал номи боқимондаи кислотагиро хонда, ба он пасванди «и» илова менамоем ва пас аз он номи металлро мехонем.

**NaCl – хлориди натрий** **$CaSO_4$ – сулфати калсий**

**$Al_2$ $(SO_4)_3$ – сулфати алюминий** **$Ca_3(PO_4)_2$ – фосфати калсий**

Агар металли таркиби намак валентнокии тағйирёбанда дошта бошад, пас аз номгузорӣ валенти металлро дар қавс ишора менамоянд. Мисол:

**$Fe_2(SO_4)_3$ – Сулфати оҳан (III)** **$CaSO_4$ – сулфати мис (II)**

**$Cr(NO_3)_3$ – нитрати хром (III)** **FeS – сулфиди оҳан (II)**

**Ҷадвалҳои зеринро пур кунед**

| № | номи намак | формулаи намак | № | номи намак | формулаи намак |
|---|---|---|---|---|---|
| 1 | Хлориди натрий | | 17 | Хлориди алюминий | |
| 2 | Нитрити хром (III) | | 18 | Сулфати оҳан (II) | |
| 3 | Карбонати натрий | | 19 | Сулфиди алюминий | |
| 4 | Сулфиди натрий | | 20 | Сулфиди оҳан (III)- | |
| 5 | Нитрити аммоний | | 21 | Нитрати натрий | |
| 6 | Бромиди хром (III) | | 22 | Сулфати аммоний | |
| 7 | Нитрати алюминий | | 23 | Хлориди оҳан (III) | |
| 8 | Сулфати натрий | | 24 | Фосфати натрий | |
| 9 | Карбонати калсий | | 25 | Хлориди аммоний | |
| 10 | Сулфати хром (III) | | 26 | Хлориди калсий | |
| 11 | Сулфати калсий | | 27 | Нитрати калсий | |
| 12 | Бромиди алюминий | | 28 | Фосфати калсий | |
| 13 | Сулфати барий | | 29 | Фосфати алюминий | |
| 14 | Нитрати магний | | 30 | Сулфати алюминий | |
| 15 | Сулфати оҳан (III) | | 31 | Йодиди алюминий | |
| 16 | Хлориди руҳ | | 32 | Фосфати аммоний | |

| № | формулаи кислота | номи кислота | № | формулаи кислота | номи кислота |
|---|---|---|---|---|---|
| 1 | $LiNO_3$ | | 17 | $K_2CO_3$ | |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| 2 | $K_2SiO_3$ | | 18 | $K_2MnO_4$ | |
| 3 | $Ca_3(AsO_4)_2$ | | 19 | $Fe(NO_3)_2$ | |
| 4 | $NH_4NO_3$ | | 20 | $K_3PO_4$ | |
| 5 | $Hg(NO_3)_2$ | | 21 | $AgNO_3$ | |
| 6 | $FeCl_2$ | | 22 | $Na_3AsO_4$ | |
| 7 | $Ba(NO_3)_2$ | | 23 | $Zn(NO_3)_2$ | |
| 8 | $Mg_3(PO_4)_2$ | | 24 | $FePO_4$ | |
| 9 | $AlF_3$ | | 25 | $ZnSO_4$ | |
| 10 | $Mg I_2$ | | 26 | $Al_2S_3$ | |
| 11 | $FeBr_3$ | | 27 | $CaCl_2$ | |
| 12 | $Mg(NO_3)_2$ | | 28 | $Al(NO_3)_3$ | |
| 13 | $Al_2(SO_4)_3$ | | 29 | $Fe_2(SO_4)_3$ | |
| 14 | NaCl | | 30 | $Cr(NO_3)_3$ | |
| 15 | FeS | | 31 | $Ca_3(PO_4)_2$ | |
| 16 | $CaSO_4$ | | 32 | $CuSO_4$ | |

Худ бувад илм бо амал пайваст,
Ки садо барнахезад аз як даст.
Асалу сирко дофеъи сафрост,
Гар набошад яке, набошад рост.
Солҳо илми хат агар хонӣ,
Хушнависӣ ба илм натвонӣ.
Машқу таълим ҳар ду мебояд,
В-ар яке нест, хат наку н-ояд.

**Камолиддин Биноӣ**

# ОМӮЗГОРИ ХУШЗАВҚУ МУТРИБИ ЧИРАДАСТ

**Саидмаҳмуд САИДҲОМИДОВ – Аълочии маориф ва илми Тоҷикистон, и.в. дотсенти кафедраи тарбия ва таҳсилоти мусиқӣ, Маҳсума МИРМАСТОВА – муаллимаи кафедраи эҷодиёти халқ (мусиқии созӣ)-и ДДФСТ ба номи Мирзо Турсунзода**

***Дар гузашта Барӯшон яке аз деҳаҳои калонтарини ноҳияи Рӯшон дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон буд, ки дар байни кӯҳҳои сар ба фалак кашида, дар лаби рӯди пуртуғёни Панҷ ҷойгир мебошад. Баъди дар вилоят барқарор гардидани сохти нави Иттиҳоди Шуравӣ, дар ин деҳаи дурдасти кӯҳистони тоҷик мактаб-интернати даҳсолае сохта ба истифода дода мешавад, ки дар он, дар баробари хонандагони ноҳияи Рӯшон, аз дигар навоҳии вилоят ҳам фарзандони халқ бо таълиму тарбия фаро гирифта мешуданд.***

***Имрӯз ин деҳаи дурдаст, ки дар байни кӯҳҳо як бӯстони сабзу хуррами афсонавиро мемонад, бо халқи заҳматкашу меҳнатқарин ва меҳмоннавозу санъатдӯсташ дар ҷумҳурӣ ва берун аз он муаррифгари арзишҳои баланди инсонӣ шинохта мешавад. Барӯшон яке аз деҳаҳои Бадахшон аст, ки дар оғӯши худ чандин насли олимон, табибон, муҳандисон ва хусусан, фарҳангиёну санъаткорони асилро парваридааст, ки ҳамагӣ дар хизмати халқу Ватани азизи мо камари ҳиммат баста, дар соҳаҳои мухталифи иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолияти густурда доранд.***

***Яке аз чунин шахсиятҳои санъатдӯст, ки тамоми умри бобаракати худро дар соҳаи таълими санъати мусиқӣ сарфи хизмати халқу Ватани азизи хеш намудааст, Хушвахтшо Рӯзадоров мебошад, ки дар мақолаи мазкур доир ба рӯзгори ибратбахшу фаъолияти босамари эҷодию омӯзгории ӯ меҳрномае пешниҳоди хонандаи азиз мегардад.***



Хушвахтшо Рӯзадоров 27-уми марти соли 1943 дар деҳаи Барӯшони ноҳияи Рӯшони Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, ки яке аз деҳаҳои калонтарини ноҳия маҳсуб меёфт, чашм ба олами ҳастӣ кушодааст. Дар оилае, ки Хушвахтшо ба воя мерасид, сутуни хонадонашон, падари азизаш – Меҳмон Рӯзадоров дилбохтаи ҳунари мусиқӣ буд ва дар аксар нишастҳое, ки дар хонадонашон барпо мешуданд, сози сетор ва ё рубоби помирии худро ба даст гирифта, барои аҳли оила суруду таронаҳои бадахшониро замзама мекард. Дар ин лаҳзаҳо писараш Хушвахтшо дар бари падар дойра ва ё даф менавохт. Падари Хушвахтшо, хусусан, фалак ва даргиликро хеле хуб месароид.

Дар яке аз суҳбатҳои хоссаамон устод Хушвахтшо Рӯзадоров ин лаҳзаҳои хотирмони оилавиашонро ба мо чунин нақл карда буданд: «Замоне, ки падарам рубоби помириро ба даст гирифта, ба сароидани фалак ва ё даргилик шуруъ мекарданд, духтарони оилаамон бо навбат ба рақс баромада, зери навоҳои дилошӯби ин созҳо, ки падарам менавохт, хиромон мерақсиданд. Дар ин базмҳо ҳам ман дар бари падарам дойра менавохтам. Падарам ин шавқу ҳаваси маро дида, бароям навозиши рубоби помирӣ ва созро меомӯзониданд. Маҳз падари азизам дар ҷодаи ҳунари навозандагӣ устоди аввалини ман ба шумор меравандд».

Падари Хушвахтшо, ҳамчунин, дар тӯю маъракаҳои ҳамдеҳагон дар сафи дигар рафиқони санъаткори худ рубоби помирӣ навохта, базмҳоро рангу ҷилои нав мебахшид. Дар ҷорабиниҳои ноҳиявӣ, вилоятӣ ва ҷумҳуриявӣ бошад, гоҳо бо аспаки ороставу перостаи худ низ рақсҳои

анъанавии мардуми Бадахшонро иҷро менамуд, ки хеле ҷолибу диданӣ буданд. Ҳамин дилбастагии самимии падар нисбат ба ҳунари навозандагию сароянагӣ буд, ки Хушвахтшои хурдсол низ соҳиби завқи хоссаи дарки мусиқӣ мегардад.

Дар 6-солагӣ Хушвахтшо ба мактаб-интернати ба номи Ленини деҳаи Барӯшони ноҳияи Рӯшон, ки дар ин ноҳия ягона муассисаи таълимии миёнаи умумӣ ба шумор мерафт, ба синфи 1-ум меравад. Ӯ аз рӯзҳои нахустини ба мактаб қадам ниҳоданаш бо шавқу завқ бо саводомӯзӣ машғул мешавад. Хушвахтшои хурдакак тамоми вазифаҳои хонагиашро, ки аз ҷониби устод ба ӯ супориш дода мешуд, сари вақт иҷро менамуд ва дар қатори ҳамсабақонаш яке аз хонандаҳои пешсафи синф буд. Ҳангоми дар синфи 5-ум таҳсил намуданаш ӯ ба падараш изҳор менамояд, ки хоҳиши ба маҳфили навозандагону сароянагони ҳаваскори мактаб шомил шуданро дорад. Падари Хушвахтшо, ки худ як шахси бофарҳангу санъаткори писандида буд, ин хоҳиши писарашро бо хушнудӣ қабул менамояд ва рӯзи дигар бо вай ба мактаб омада, аз муаллими дарси суруд ва мусиқӣ хоҳиш мекунад, ки писари ӯро ба ҳайъати маҳфили ҳаваскорон номнавис намоянд. Ҳамин тариқ, Хушвахтшои хурдсол ба маҳфили ҳаваскорони мактаб шомил гардида, дар бари ҳаммактабиёнаш то давраи хатми ин даргоҳи дониш даф мезаду дойра. Азбаски ӯ дар оила ва дар маъракаҳои ҳамдеҳагонаш ҳам дар бари падари худ бо навозиши дафу дойра машғул буду таҷрибаи муайяни дафнавозӣ дошт, ҳайъати навозандагон ӯро хеле хуш қабул менамоянд. Дар баробари ин, ӯ дар байни ҳампаймононаш яке аз навозандагони фаъоли маҳфили ҳаваскории мактаб буд. Соли 1959 Хушвахтшои ҷавон ин даргоҳи таълимиро бо баҳоҳои хубу аъло хатм менамояд.

Меҳру муҳаббат нисбат ба санъати мусиқии касбӣ ва суҳбатҳои ҷолиб бо дӯсту рафиқи мактабиаш – Азиз Ниёзмамадов, ки аллакай дар Омӯзишгоҳи мусиқии шаҳри Душанбе таҳсил менамуд, Хушвахтшои ҷавони санъатдӯстро ба ин даргоҳи ҳунар меоварад. Ҳамсинфони Хушвахтшо – Сайёра Назаршоева, Шейхалӣ Файзенов ва дӯстонаш, аъзоёни Ансамбли этнографии бачагонаи Помир – Ҷумъа Муборакшоев ва Асалбек Назриев, ки низ шефтаи санъати мусиқӣ буданд, барои идомаи таҳсил ба шаҳри Душанбе меоянд. Соли 1959 Хушвахтшо ва дӯстони ӯ ба омӯзишгоҳи мусиқӣ ҳуҷҷат супорида, имтиҳоноти қабулро хубу аъло ҷамъбаст менамоянд ва донишҷӯёни ин даргоҳи ҳунар мешаванд. Дар омӯзишгоҳ ӯро ба синфи Артисти хизматнишондодаи Тоҷикистон, асосгузори ҳунари касбии сози чанг дар Тоҷикистон – Турсун Улмасов вобаста мекунанд. Устод аз рӯзҳои нахустини донишҷӯӣ ба ин ҷавони ташнаи ҳунар диққати махсус зоҳир намуда, ба ӯ ҳунари касбии навозандагии сози чангро меомӯзонад. Шуруъ аз аввали соли таҳсили 1962-1963 устод Турсун Улмасов, ки худ дар Оркестри созҳои халқии назди Кумитаи радио ва телевизиони Тоҷикистон мутриби соҳибҳунари сози чанг буд, Хушвахтшо ва чанд нафари дигар ҳамсабақони ӯро ба оркестр меоварад, то ки онҳо дар ин ҷо таҷрибаи навозандагии худро сайқал диҳанд. Бешак, ин муносибати гарму самимии устоди ҳунар нисбат ба шогирдонаш ба ояндаи ҳунару малакаи касбии онҳо таъсири хеле бузурге расонида буд.

Хушвахтшо Рӯзадоров соли 1963 омӯзишгоҳро муваффақона хатм намуда, тибқи роҳхати Вазорати маданият (ҳоло фарҳанг)-и Ҷумҳурии Тоҷикистон чун мутриби Оркестри созҳои халқии назди Кумитаи радио ва телевизиони Тоҷикистон ба фаъолияти корӣ оғоз мекунад.

Хушвахтшои ҷавон амсоли ҳазорон нафар диловарони далеру шуҷои тоҷик солҳои 1963-1966 дар сафи Қувваҳои Мусаллаҳи собиқ Иттиҳоди Шуравӣ хизмати ҳарбиро адо намуда, ба Ватан бармегардад ва фаъолияти меҳнатиашро дар Кумитаи радио ва телевизиони Тоҷикистон идома медиҳад. Хушвахтшо ба санъати мусиқии касбӣ меҳру муҳаббати хосса дошт ва маҳз ҳамин дилбастагии самимӣ нисбат ба санъати мусиқӣ боиси он гардид, ки соли 1968 ӯ ҳуҷҷатҳои худро ба факултети санъати Институти давлатии омӯзгории шаҳри Душанбе ба номи Т. Г. Шевченко (ҳоло Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ) супорад ва имтиҳоноташро хубу аъло ҷамъбаст намуда, ба сафи донишҷӯёни ин муассисаи олӣ шомил шавад. Дар Донишкадаи омӯзгорӣ низ Хушвахтшои ҷавон таҳти роҳбарии устодаш Турсун Улмасов, ки бо хоҳиши як гурӯҳ шогирдонаш ба Донишгоҳи омӯзгорӣ ҳамчун ҳамкор даъват шуда буд, бо омӯзиши сози чанг машғул мешавад. Устод Турсун Улмасов, ки яке аз ҳунармандони касбии сози чанг ба шумор мерафт, дар раванди таҳсил ба шогирди хеш диққати хосса зоҳир менамуд ва ӯро ҳар замон ҳамчун донишҷӯи собитқадам ба чорабиниҳои

донишкадавӣ, шаҳрӣ ва ҷумҳуриявӣ сафарбар мекард. Хушвахтшо ҳам ҳамеша кӯшиш менамуд, ки асарҳои дар ин чорабиниҳо иҷро мешударо саривақт азхуд намояд, то боварии устодонашро сазовор бошад.

Хушвахтшо соли 1973 Донишкадаи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ (он вақт Институти педагогии ба номи Т. Шевченко)-ро бомуваффақият хатм карда, бо роҳхати Вазорати фарҳанги ҷумҳурӣ ҳамчун омӯзгори соҳибкасб барои идомаи фаъолияти корӣ ба Донишкадаи давлатии санъати Тоҷикистон фиристода мешавад. Ёдовар мешавем, ки соли 1973 бо қарори Шурои Вазирони ҶШС Тоҷикистон Донишкадаи давлатии санъати Тоҷикистон таъсис дода мешавад. Хушвахтшо Рӯзадоров дар донишкадаи навтаъсис ба сифати муаллими кафедраи дирижёри оркестр ва созҳои халқии факултети корҳои маданӣ-равшаннамоӣ ба фаъолияти омӯзгорӣ шуруъ мекунад.

Устод Хушвахтшо Рӯзадоров солҳои 1978-1993 ба ҳайси муаллими калон ва аз соли 1993 то ҳоло дар вазифаи и.в. дотсенти кафедраи эҷодиёти халқ (мусиқии созӣ)-и факултети санъати мусиқии мардумии Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи Мирзо Турсунзода фаъолияти босамар дорад.

Мавриди зикр аст, ки соли 1979 бо ташаббуси устод Хушвахтшо Рӯзадоров дар донишкада ансамбли чангнавозон ташкил карда мешавад. Устод чун роҳбари бадеии ин даста номгӯйи асарҳо, яъне, репертуари ансамблро таҳия намуда, оҳангҳои халқию композиторони тоҷик ва хориҷи кишварро барои ансамбли мазкур табдил медод ва созбандии партитураҳои асарҳои омӯхташавандаро таъмин менамуд. Оҳангҳои халқӣ ва композиторони маъруф, амсоли Сергей Баласанян оҳанги «Рақси тӯёна», Саид Ҳамроев «Мӯйи тиллоранг» ва «Лола», Абдуфаттоҳ Одинаев «Насими кӯҳсор» ва «Сюитаи рақсӣ», Турсун Улмасов «Рақси Бадахшонӣ», Талабхӯҷа Сатторов «Фантазия», Заррина Миршакар «Рақси баҳор», оҳанги халқии афғонии «Рақси афғонӣ» (такмили Хушвахтшо Рӯзадоров), рақси гурҷии «Давлурӣ» (такмили Нариманидзе), суруди халқии русии «Шуълаи маҳтоб» (такмили Вдадимир Андреев), «Сарахбор» аз операи «Кармен»-и Жорж Бизе ва ғайраҳо аз ҷумлаи асарҳое мебошанд, ки аз ҷониби устод Хушвахтшо Рӯзадоров такмил ёфта ва ё созбандӣ гардида, ба репертуари ансамбли чангнавозон ворид карда шудаанд. Донишҷӯёне, ки таҳти роҳбарии устод дар ансамбл бо навозиш машғул буданд, пайваста дар чорабиниҳои фарҳангии донишкадавӣ, ноҳиявӣ ва ҷумҳуриявӣ баромад карда, хотири иштирокдорони чорабиниҳои доиршударо бо маҳорати баланди касбии худ болида мегардониданд. Барои иштироки фаъолона дар ин чорабиниҳои фарҳангӣ устод чандин маротиба бо ифтихорномаву сипосномаҳо ва дигар мукофотҳои пулию молӣ сарфароз гардонда шудааст.

Устод Хушвахтшо Рӯзадоров дар тӯли фаъолияти хеш пайваста мекӯшид, ки малакаи эҷодии худро сайқал дода, маҳорати омӯзгориашро ривоҷу равнақи бештар бахшад. Бо ин мақсад ӯ тӯли солҳои 1978-1993 се маротиба дар Донишкадаи давлатии фарҳанги шаҳри Ленинград (ҳоло Санкт-Петербург) ба номи Надежда Крупская дар курсҳои такмили ихтисос таҳсил кардааст.

Устод Хушвахтшо Рӯзадоров ба омодасозии кадрҳои ҷавони болаёқати соҳаи санъати мусиқӣ низ диққати махсус зоҳир менамуд. Дар тӯли фаъолияти пурбаракати хеш ӯ зиёда аз 100 нафар ҷавони соҳибзавқро тарбия карда, барои кор ба соҳаи фарҳанги ҷумҳурӣ ҳидоят намудааст. Шогирдони устод Алмос Абдуллоев – Ходими шоистаи санъати Тоҷикистон, Ҷамшед Исмоилов – Ҳунарпешаи халқии Тоҷикистон, Гулмурод Боев – Ходими шоистаи маданияти Тоҷикистон, Абдуллоҳзода Раҳматулло Абдуллоҳ, дорандаи медали «Хизмати шоиста», муаллими калони кафедраи (созӣ иҷрокунандагӣ»)-и ДДФСТ ба номи М. Турсунзода Маҳсума Мирмастова – муаллимаи кафедраи эҷодиёти халқ (мусиқии созӣ)-и ДДФСТ ба номи М. Турсунзода, Зулайхо Икромова – муаллимаи мактаби махсуси мусиқии ба номи З. Шаҳидӣ аз ҷумлаи ҳунармандоне мебошанд, ки дар соҳаҳои гуногуни фарҳангу санъати тоҷик фаъолият доштанд ва низ доранд.

Фаъолияти илмию методии Хушвахтшо Рӯзадоров низ хеле фарох аст. Бахусус, фаъолияти эҷодии устод аз соли 1962, дар ҳайати Оркестри созҳои халқии Кумитаи радио ва телевизиони Тоҷикистон ба сифати мутриби чангнавоз оғоз шудааст. Устод бо ҳамовозии оркестри мазкур зиёда аз даҳ асари оҳангсозони тоҷик ва Шуравиро созбандӣ кардааст, ки онҳо дар фонди тиллоии радио ва телевизион сабт шудаанд.

Соли 1978 бо назардошти малакаву маҳорати баланди навозандагии устод, тибқи фармони Вазорати маданияти Иттиҳоди Ҷумҳуриҳои Шуравии Сотсиалистӣ (СССР) барои ба ҳайси омӯзгори сози чанг таълим додан ба мактаби мусиқии бачагонаи давлати Ироқ, ки дар шаҳри Бағдод ҷойгир аст, фиристода мешавад. Устод бо масъулияти ба худ хос тӯли як сол дар ин мактаби мусиқӣ фаъолият намуда, ба фарзандони мардуми давлати Ироқ ҳунару малакаи навозиши сози мусиқии хушовози чангро омӯзондааст. Мавриди зикр аст, ки дар замони Иттиҳоди Шуравӣ чунин боварӣ ба ҳар мутриб ва ё омӯзгор муяссар намегардид. Маҳз савияи баланди маҳорати касбии омӯзгорӣ, меҳнатдӯстӣ ва масъулиятшиносии Хушвахтшо Рӯзадоров буд, ки ӯ тӯли як сол дар хориҷи кишвар кору фаъолияти босамари таълимиашро бо сари баланд анҷом додааст.

Хидматҳои пайвастаи эҷодию омӯзгории устод Хушвахтшо Рӯзадоров аз назари Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дур намондаанд. Бо назардошти хизматҳои арзанда, содиқона ва бенуқсони беш аз 50-солаи илмию эҷодӣ ва омӯзгориаш устод Хушвахтшо Рӯзадоров бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 11 августи соли 2011 таҳти № 1131 бо медали «Хизмати шоиста» мукофотонида шудааст.

Ҳоло устод Хушвахтшо Рӯзадоров ҳамчун и.в. дотсенти кафедраи эҷодиёти халқ (мусиқии созӣ) дар ҳалқаи шогирдону устодони Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи Мирзо Турсунзода фаъолияти илмию омӯзгорӣ ва ҳунарии худро идома дода, барои боз ҳам баланд бардоштани сатҳу сифати таълими донишҷӯёни донишкада пайваста кӯшиш ба харҷ дода истодааст ва бо заҳматҳои софдилонаи худ дар байни дӯстону пайвандонаш низ сазовори ҳурмату эҳтироми самимӣ мебошад.

Чунон кун зиндагонӣ дар замона,
Ки аз вай зинда монӣ ҷовидона.

***

Тан, ки хоҳад гузошт ҳар чи ки дошт,
Некбахт он, ки номи нек гуҳзошт.

***

Бар он кас бувад зиндагонӣ ҳаром,
Ки ӯро намонад пас аз марг ном.

***

Намурд он касе, к-аз ҷаҳон ном бурд,
Ки марди накуном ҳаргиз намурд.

**Хусрави Деҳлавӣ**

Замима
ба қарори Ҳукумати
Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз 30 октябри соли 2024, №562

# НИЗОМНОМАИ НАМУНАВИИ МАРКАЗ (ГУРӮҲ)-И ИНКИШОФИ БАРВАҚТИИ КӮДАК ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## 1. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

1. Низомномаи намунавии марказ (гурӯҳ)-и инкишофи барвақтии кӯдак дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд – **Низомномаи мазкур**) бо мақсади ба низом даровардани расмиёти ташкил ва фаъолияти марказ (гурӯҳ)-и инкишофи барвақтии кӯдак дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия гардида, вазифа, ҳуқуқ ва ухдадорӣ, хусусияти ташкили чараёни таълиму тарбия ва талабот ба идоракунии марказ (гурӯҳ)-и инкишофи барвақтии кӯдак дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд - **Марказ**)-ро, новобаста ба шаклҳои моликият ва тобеияти идоравӣ, муқаррар менамояд.

2. Марказ амаликунандаи шакли алтернативии таълиму тарбияи томактабӣ мебошад, ки дар он инкишофи ҷисмонӣ, зеҳнӣ, равонии кӯдакони аз 3 то 7 (6)-сола таъмин гардида, ҷиҳати тайёрии онҳо барои таҳсил дар муассисаҳои таълимии таҳсилоти умумӣ ташкил карда мешавад.

3. Марказ бо мақсади расонидани кумаки амалии педагогӣ ба оилаҳо, муҳайё намудани шароити мусоид дар кори таълиму тарбияи кӯдакони синни аз 3 то 7 (6) бо дар назар доштани майлу хоҳиш ва ниёзи падару модар (шахсони онҳоро ивазкунанда)-и тарбиягиранда тибқи тартиби муқарраргардидаи қонунгузорӣ ва Низомномаи мазкур ташкил карда мешавад.

4. Марказ дар фаъолияти худ Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таълиму тарбияи томактабӣ», қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, фармону амрҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи маориф ва Низомномаи мазкурро ба роҳбарӣ мегирад.

5. Кӯдакони синни 3 то 7 (6), сарфи назар аз миллат, нажод, ҷинс ва забон, эътиқоди динӣ, мавқеи сиёсӣ, вазъи иҷтимоӣ ва молумулкии падару модар (шахсони онҳоро ивазкунанда)-и тарбиягиранда, ба гирифтани таълиму тарбияи томактабӣ дар Марказ ҳуқуқ доранд.

## 2. ВАЗИФАҲОИ МАРКАЗ

6. Вазифаҳои асосии Марказ аз инҳо иборат мебошанд:

- ташаккули шахсият ва гузоштани замина барои таълиму тарбияи минбаъдаи кӯдакони синни 3 то 7 (6) бо дар назар доштани омодагирии онҳо ба таҳсил дар муассисаҳои таълимии таҳсилоти умумӣ, инчунин ҳифз ва таҳкими солимии ҷисмонӣ ва равонии онҳо;
- таъмини рушди озоди қобилият ва имкониятҳои баробар барои инкишофи ҳаматарафаи кӯдакони синни 3 то 7 (6);
- муҳайё намудани шароити мусоид барои инкишоф ва ҳисси худшиносии кӯдакони синни 3 то 7 (6) бо дар назар доштани қобилият, шавқу рағбат, хусусиятҳои синнусолӣ ва инфиродии онҳо;
- фарогирии бештари кӯдакони синни 3 то 7 (6) ба гирифтани таълиму тарбияи томактабӣ;
- дигар вазифаҳое, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар намудааст.

## 3. ТАРТИБИ ТАШКИЛИ ФАЪОЛИЯТИ МАРКАЗ

7. Марказ бо ташаббуси муассис (муассисон) таъсис дода мешавад.

8. Марказ метавонад ҳамчун шахси ҳуқуқии алоҳида ё ҳамчун воҳиди сохтории муассисаи таълимии таҳсилоти умумӣ таъсис дода шавад. Марказҳое, ки ҳамчун шахси ҳуқуқӣ таъсис дода шудаанд, мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайди давлатӣ гирифта шуда, шахси ҳуқуқӣ (ташкилоти ғайритиҷоратӣ) ба ҳисоб меравconfigured.

9. Дар муассисаи таълимӣ дар сурати шумораи тарбиягирандагон аз ду гурӯҳ кам будан Марказ дар шакли гурӯҳ (гурӯҳҳо)-и инкишофи барвақтии кӯдак таъсис дода мешавад. Роҳбари муассисаи таълимӣ ӯҳдадор аст, гурӯҳҳои мазкурро бо синфхона ва шароити мусоид барои таълиму тарбия, омӯзгор-мураббӣ ва талаботи дигари муқаррарнамудаи қонунгузорӣ ва Низомномаи мазкур таъмин намояд. Ташкили раванди таълиму тарбия дар гурӯҳҳои мазкур тибқи меъёр ва муқаррароти Низомномаи мазкур амалӣ карда мешавад.

10. Тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муассисаи таълимӣ фаъолияти молиявии марказҳои сохтори худро таъмин менамояд.

11. Ташкили Марказ дар назди муассисаҳои таълимӣ набояд ба фаъолияти оинномавии онҳо мухолифат намояд.

12. Маркази дорои мақоми шахси ҳуқуқӣ дар асоси оинномаи худ амал мекунад, ки он тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия ва тасдиқ карда мешавад. Марказҳои мазкур дорои муҳр, штамп ва лавҳа бо забони давлатӣ мебошанд.

13. Марказ дар биное, ки тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба талаботи санитарию гигиенӣ, зиддиэпидемиологӣ ва зидди сӯхтор ҷавобгӯй аст, таъсис дода мешавад.

14. Маркази дорои мақоми шахси ҳуқуқӣ танҳо пас аз гирифтани иҷозатнома оид ба пешбурди фаъолияти таълиму тарбия ҳуқуқи фаъолият кардан ва истифода бурдани имтиёзҳои пешбининамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистонро пайдо менамояд.

15. Марказҳои дорои мақоми шахси ҳуқуқӣ тибқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузорӣ аз аттестатсия ва аккредитатсияи давлатӣ мегузаранд. Марказҳое, ки дар назди муассисаи таълимӣ таъсис дода шудаанд, аттестатсия ва аккредитатсияи давлатиро дар як вакт бо муассисаи таълимӣ мегузаранд.

16. Таъсиси Марказ дар назди муассисаҳои давлатии таълимӣ дар мувофиқа бо муассис аз тарафи муассисаи давлатии таълимӣ амалӣ карда мешавад.

17. Дар марказҳои давлатӣ гирифтани таълиму тарбияи томактабӣ ройгон ба роҳ монда мешавад.

18. Гирифтани таълиму тарбияи томактабӣ дар марказҳои ғайридавлатӣ шартномавӣ буда, метавонад бо қарори муассис (муассисон)-и он ба таври ройгон ё имтиёзнок бошад.

19. Новобаста ба шакли ташкилию ҳуқуқӣ, хизматрасонии тиббӣ ба кӯдакон дар Марказ ройгон анҷом дода мешавад.

20. Хизматрасонии тиббии тарбиягирандагонро дар Марказ кормандони соҳаи тиб, ки аз ҷониби мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ба ин Марказ вобаста шудаанд, таъмин менамоянд. Онҳо баробари роҳбарони Марказҳо ва кормандони педагогӣ дар гузаронидани чорабиниҳои табобатию пешгирии беморӣ, риояи меъёрҳои санитарию беҳдоштии тарбиягирандагон масъул мебошанд.

21. Дар Марказ ҷойи хоб ва хӯрок барои тарбиягирандагон ташкил карда намешавад.

22. Дар Марказ ба ташкилу фаъолияти сохторҳои ташкилии ҳизбҳои сиёсӣ, ҳаракатҳои ҷамъиятиву сиёсӣ ва ташкилоти динӣ иҷозат дода намешавад.

23. Дар Марказ тибқи қонунгузорӣ бо ташаббуси худи Марказ (муассисаи таълимӣ) ва падару модарон кумита ва ассотсиатсияҳои падару модарон ва сарпарастон таъсис ёфта, фаъолияти он ба роҳ монда мешавад.

24. Реҷаи кори Марказ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби муассис (муассисон) ё мақоми ваколатдори дигар тасдиқ карда мешавад.

25. Маркази ғайридавлатӣ ҳамчун ҷузъи таркибии низоми маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон баробари маркази давлатӣ уҳдадорӣ ва масъулият дорад.

26. Назорати фаъолияти ҳама намудҳои Марказ, новобаста ба мансубият, аз тарафи мақомоти ваколатдори давлатии назорат дар соҳаи маориф ва илм ба роҳ монда мешавад.

**4. ИДОРАКУНИИ МАРКАЗ**

27. Идоракунии Марказ мутобиқи Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таълиму тарбияи томактабӣ» ва Низомномаи мазкур амалӣ карда мешавад.

28. Роҳбари Марказ барои фаъолияти Марказ дар назди муассис тибқи оинннома масъул ва ҳисоботдиҳанда мебошанд.

29. Мақоми олии худидоракунии Марказ шурои педагогӣ мебошад. Тартиби интихоби мақомоти худидоракунии Марказ ва ваколати онҳо дар оинномаи Марказ муайян карда мешавад.

30. Ҷаласаҳои шурои педагогии Марказ дар 2 моҳ як маротиба гузаронида мешаванд. Ҳангоми зарурат дар Марказ ҷаласаи ғайринавбатии шурои педагогӣ гузаронида мешавад. Фаъолияти шурои педагогӣ дар низомномаи он муайян карда мешавад.

31. Дар марказҳое, ки дар назди муассисаи таълимӣ фаъолият мекунанд, мақоми олии худидоракунии онҳо шурои педагогии муассисаи таълимӣ ба ҳисоб меравад, ки тартиби интихоб ва ваколатҳои он дар оинномаи муассисаи таълимӣ муайян карда мешавад.

32. Шурои педагогии Марказ вазифаҳои асосии дар низомномаи намунавии муассисаҳои таълимии томактабии Ҷумҳурии Тоҷикистон муайяншударо амалӣ менамояд.

33. Ба ҳайати шурои педагогӣ Марказ (муассисаи таълимӣ) роҳбари Марказ, мушовири мақоми маҳаллии идоракунии маориф оид ба самти томактабӣ, омӯзгор-мураббӣ, мураббиён, раиси кумитаи падару модарон, ҳамшираи тиббӣ, роҳбари мусиқӣ, мутахассисон дохил мешаванд.

34. Роҳбарии бевоситаи Маркази дорои мақоми шахси ҳуқуқиро, мудири Марказ амалӣ мегардонад. Мудири Маркази мақоми ҷумҳуриявидошта аз тарафи мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи маориф ва мудири Маркази мақоми маҳаллидошта аз тарафи мақоми маҳаллии идоракунии маориф дар мувофиқа бо мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ба мансаб таъин ва аз мансаб озод карда мешаванд.

35. Мудири Марказе, ки дар тобеияти ташкилоту идораҳо қарор дорад, аз ҷониби роҳбари ташкилоту идора ё мақоми ваколатдори дигари онҳо ва мудири Маркази ғайридавлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз тарафи муассис (муассисон) ба мансаб таъин ва озод гардида, ҳуқуқ, уҳдадорӣ ва вазифаҳои ӯ тибқи Низомномаи мазкур ва оинномаи Марказ амалӣ карда мешавад.

36. Назорати бевоситаи Марказро, ки дар назди муассисаи таълимӣ фаъолият мекунад, роҳбари муассисаи таълимӣ амалӣ менамояд.

37. Роҳбари Марказеро, ки дорои мақоми шахси ҳуқуқӣ намебошад, роҳбари муассисаи таълимие, ки дар назди он Марказ фаъолият мекунад, ба мансаб таъин ва аз мансаб озод менамояд.

38. Ба мудири Марказ ба ғайр аз роҳбарии корҳои эҷодию методӣ ишғоли дигар вазифаи роҳбарикунанда дар дохили Марказ ва ё муассисаи таълимие, ки дар назди он Марказ фаъолият мекунад, манъ аст.

39. Мудири Марказ тибқи шартнома ба муҳлати 5 сол ба мансаб таъин карда мешавад. Ҷойивазкунии мудири Марказ тибқи талаботи қонунгузорӣ амалӣ карда мешавад.

40. Мудири Марказ бояд ба талаботи зерин ҷавобгӯй бошад:

- доштани таҳсилоти олии касбии педагогӣ бо ихтисоси педагогика ва психологияи томактабӣ ва ё омӯзгори синфҳои ибтидоӣ бо собиқаи корӣ дар муассисаҳои таълимии таҳсилоти томактабӣ ва миёнаи умумӣ на кам аз 5-сола;
- донистани санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи маориф;
- донистани масъалаҳои менеҷмент ва маблағгузорӣ дар соҳаи маориф.

41. Мудири Марказ (муассисаи таълимӣ) дар назди падару модарон (шахсони онҳоро ивазкунанда), муассис ва тарбиягирандагон барои ташкил ва сифати корҳои таълиму тарбия, сатҳи тарбияи онҳо, нигоҳ доштани саломатӣ, инкишофи ҷисмонӣ, ҳолати молиявию хоҷагии Марказ масъул мебошад.

**5. ҲУҚУҚ ВА УҲДАДОРИҲОИ МАРКАЗ**

42. Марказ ҳуқуқҳои зерин дорад:

- фаъолияти таълимию тарбиявиро амалӣ намояд;
- сохтор ва басти вазифаҳои Марказро тартиб диҳад;
- фаъолияти дигареро, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Низомномаи мазкур пешбинӣ намудааст, амалӣ намояд.

43. Марказ уҳдадор аст:

- чараёни таълиму тарбияро мутобиқи талаботи стандарти давлатӣ ва барномаҳои таҳсилоти томактабӣ ва Низомномаи мазкур амалӣ намояд;
- сифати таълиму тарбияи томактабиро таъмин намояд;

- шароити бехатарро ҳангоми ташкили раванди таълим фароҳам оварад;

- шароити заруриро барои расонидани ёрии тиббӣ ба тарбиягирандагон фароҳам созад;

- падару модар (шахсони онҳоро ивазкунанда) -и тарбиягирандагонро, ҳангоми қабули кӯдак ба Марказ, бо Низомномаи мазкур шинос намояд;

- ба мақоми ваколатдори давлатӣ дар гузаронидани арзёбии сифати таълиму тарбияи томактабӣ мусоидат намояд;

- уҳдадориҳои дигареро, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар намудааст, иҷро намояд.

**6. РАВАНДИ ТАЪЛИМУ ТАРБИЯ ДАР МАРКАЗ**

44. Раванди таълиму тарбия дар Муассиса тибқи стандарти давлатии таҳсилоти томактабӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, низомномаи намунавии муассисаҳои таълимии томактабии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва нақшаю барномаҳои таълимӣ ба роҳ монда мешавад.

45. Раванди таълиму тарбия тибқи реҷаи рӯз ва ҷадвали машғулиятҳо, ки бо дар назар доштани хусусиятҳои синнусолии кӯдакон таҳия шуда, аз ҷониби мудири Марказ (муассисаи таълимӣ) тасдиқ шудааст, ба танзим дароварда мешавад.

46. Давраи таҳсил дар Марказ аз 1 сентябр то 1 июн буда, дар фасли тобистон кӯдакон ба таътил фаро гирифта мешаванд.

47. Дар Марказ гурӯҳҳои зерини таълимӣ ташкил карда мешаванд:

- гурӯҳи таълимии томактабӣ аз ҳисоби кӯдакони 3-7 (6)-сола;

- гурӯҳи тайёрӣ ба мактаб аз ҳисоби кӯдакони 6-7-сола;

- гурӯҳи инкишофи ҷисмонӣ;

- маҳфилҳои оилавӣ аз рӯйи завқу рағбат;

- гурӯҳ барои кӯдакони дорои имкониятҳои маҳдуди ҷисмонӣ ва равонӣ, ки ба кумакҳои педагогию психологӣ ва тиббию иҷтимоӣ ниёз доранд (лекотека);

- гурӯҳҳои мавсимӣ;

- гурӯҳҳои бозӣ;

- гурӯҳи инкишоф вобаста ба майлу рағбат ва завқ (зебоипарастӣ, ҷисмонӣ, техникӣ, фарҳангӣ ва ғайра).

48. Давомнокӣ ва теъдоди машғулиятҳо тибқи барномаи таълимӣ, қоидаҳо ва меъёрҳои санитарию эпидемиологӣ чунин муайян карда мешаванд:

- 20 дақиқа барои тарбиягирандагони 3-4-сола;

- 25 дақиқа барои тарбиягирандагони 4-5-сола;

- 30 дақиқа барои тарбиягирандагони 5-7 (6)-сола;

- давомнокии танаффус дар байни машғулиятҳо на камтар аз 10 дақиқа.

49. Шумораи тарбиягирандагон дар гурӯҳҳои таълимии Марказ то 25 нафар муқаррар мегардад.

50. Фаъолияти Марказ дар як ҳафта 5 рӯз (душанбе то ҷумъа) ташкил карда мешавад.

51. Дар Марказ машғулиятҳои таълимӣ метавонад дар ду баст ташкил карда шуда, давомнокии машғулиятҳо барои як гурӯҳ дар як рӯз аз 3 соат зиёд буда наметавонад.

52. Субъектҳои раванди тарбия ва таълим дар Марказ дорои ҳуқуқ ва уҳдадориҳое мебошанд, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва низомномаи намунавии муассисаҳои таълимии томактабии Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян намудаанд.

**7. ҚАБУЛИ ТАРБИЯГИРАНДА БА МАРКАЗ**

53. Ба Марказ кӯдакони синни аз 3 то 7 (6) сола қабул карда мешаванд.

54. Қабули кӯдакон ба Марказ тибқи низомномаи намунавии муассисаҳои таълимии томактабии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба роҳ монда мешавад.

55. Ҳангоми қабули кӯдакон ба Марказ маъмурияти Марказ уҳдадор аст, ки падару модар (шахсони онҳоро ивазкунанда)-и тарбиягирандаро бо оинномаи Марказ (муассисаи таълимӣ), барномаи таълимӣ, шароити таълиму тарбия ва ҳуҷҷатҳои танзимкунандаи раванди таълиму тарбия шинос намояд.

56. Муносибати байни маркази ғайридавлатӣ ва падару модар (шахсони онҳоро ивазкунанда)-и тарбиягиранда дар асоси шартнома ба танзим дароварда мешавад.

57. Кӯдакони дорои имкониятҳои маҳдуди ҷисмонӣ, кӯдакони маъюб ба гурӯҳҳои дорои самти тасҳеҳӣ, фарогирӣ (ҷубронкунанда)-и Марказ бо розигии падару модар (шахсони онҳоро ивазкунанда) дар асоси хулосаи комиссияи равонӣ-тиббӣ-педагогӣ қабул карда мешаванд.

58. Дар Марказҳои махсусгардонидашуда гурӯҳҳо вобаста ба теъдоди кӯдакон ва синну соли онҳо тибқи низомномаи намунавии муассисаҳои таълимии томактабии Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда мешавад.

59. Ба Маркази дигар гузаронидани тарбиягиранда бо розигии падару модар (шахсони онҳоро ивазкунанда)-и тарбиягиранда анҷом дода мешавад.

60. Тарбиягирандагон аз Марказ бо тартибе, ки низомномаи намунавии муассисаҳои таълимии томактабии Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян намудааст, хориҷ карда мешавад.

61. Дар ҳолатҳои гирифтани табобат дар санаторияву истироҳатгоҳҳо, ҳангоми беморӣ ё рухсатии падару модар (шахсони онҳоро ивазкунанда)-и тарбиягиранда, инчунин дар фасли тобистон, нобаваста ба давомнокии рухсатии падару модар, ҷойи кӯдак дар Марказ то 75 рӯз нигоҳ дошта мешавад.

## 8. ФАЪОЛИЯТИ МОЛИЯВИЮ ХОҶАГИДОРИИ МАРКАЗ

62. Сарчашмаи маблағгузории фаъолияти тарбиявию таълимӣ, хоҷагиву иқтисодии Маркази давлатиро маблағҳои буҷетӣ ва ғайрибуҷетӣ, аз ҷумла, маблағҳои муассис ва сарчашмаҳои дигаре, ки қонунгузорӣ манъ накардааст, ташкил медиҳанд.

63. Марказҳои ғайридавлатӣ аз ҳисоби маблағҳои муассис ва сарчашмаҳои дигари маблағгузорие, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон манъ накардааст, фаъолият мекунад.

64. Маблағҳои Марказ мутобиқи мақсадҳои оинномавии он истифода мегарданд.

65. Меъёрҳои маблағгузории Маркази ғайридавлатӣ аз меъёрҳои маблағгузории Маркази давлатӣ кам буда наметавонанд.

66. Марказ ҳисоботи муҳосибӣ ва оморӣ тартиб дода, онро дар муҳлати муқарраргардида ба мақомоти дахлдор пешниҳод мекунад. Шаклҳои ҳисобот, суроға ва муҳлати пешниҳоди онҳо тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда мешавад.

Ҳар он кас, ки ҷӯяд ҳаме бартарӣ,
Ҳунарҳо бибояд ба-дин доварӣ.
Яке, рою фарҳанг бояд нахуст,
Дувум, озмоиш бибояд дуруст.
Савум, ёр бояд-т ҳангоми кор,
Зи ҳар неку бад баргирифтан шумор.
Чаҳорум, хирад бояду ростӣ,
Бишустан дил аз кажию костӣ.

**Абулқосим Фирдавсӣ**

# МУАММОИ «ОФАРИН»



**Аз боло ба поён:**

2. Мева. 3. «Такаббур *** хор созад» (Абдураҳмони Ҷомӣ). 4. Асбоби мусиқӣ. 6. Исми мардона. 7. Навъи санъат. 8. Кӯдак, хурдсол. 9. Навъи бозӣ. 10. Асъори миллӣ. 14. Чизе, ки аз мева тайёр мекунанд. 15. Исми мардона. 17. Паранда. 19. Зарар ё *** расондан. 20. Хунёгари бузурги асри 6. 21. Онро мизон ҳам мегӯянд. 23. Вилоят дар Ҷумҳурии Тоҷикистон.24. Классики адабиёти форсу тоҷики асрҳои миёна. 26. Фанни хониш. 27. Мутахассиси соҳаи хоҷагии қишлоқ. 29. Қаҳрамони Тоҷикистон. 30. Як навъи ғизо.

**Аз чап ба рост:**

1. Хояндаи нобино. 3. Барнома барои наврасон дар телевизион. 5. Шакли дигари вожаи «мир, сардор». 8. Олати дуредгарӣ. 11. Муродифи «хӯрок». 12. «*** аз Москва, достони Мирзо Турсунзода. 13. Мева. 14. Паранда. 16. Як навъи моҳӣ. 18. Намуди варзиш. 20. Бахр. 22. Ҷойе, ки ғизою хӯрданӣ, орд мегузоранд. 25. Овозхони шинохтаи туркзабон. 28. Дарахти ҳамешасабз. 30. Нигоҳдоранда аз борону барф. 31. Иморатро гӯянд. 32. Забони ***. 33. Хокаи химиявӣ барои шустушӯй. 34. Ҳаммаънои вожаи «тақдир». 35. «***и шаб», маҷмуаи ашъори Бозор Собир.

***Мураттиб Ҳотами ҲОМИД***